

*Султони*
**ҲАМАД**

# АЗ АРДАШЕР ТО ШЕРИ ПАНҶШЕР

СУЛТОН ҲАМАДОВ

# АЗ АРДАШЕР ТО ШЕРИ ПАНҶШЕР

**(Лаҳзаҳо аз фаъолияти хадамоти иттилоотӣ ва амниятӣ)**

Душанбе - 2002



**Султони Ҳамад**, 3 – апрели соли 1952 дар ноҳияи Тавилдара дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Мактаби миёнаро соли 1969 дар ноҳияи Ҷилликӯл хатм карда, худи ҳамон сол ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон дохил мешавад. Ӯ донишгоҳро соли 1974 бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси омӯзгор дар яке аз мактабҳои миёнаи ноҳияи Ҷилликӯл оғоз менамояд. Сипас солҳои 1978 – 80 ба сифати муҳаррири барномаи сиёсиву ҷамъиятии радиои собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ифои вазифа мекунад. Соли 1980 ба Кумитаи Бехатарии Давлатии Тоҷикистон ба кор даъват шуда, барои таҳсил ба Мактаби Олии КГБ СССР ба Маскав фиристода мешавад. Соли 1982 ин донишкадаро бо ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмиллалӣ хатм карда ба Тоҷикистон бармегардад. Султони Ҳамад дар мақомоти амниятии кишвар дар вазифаҳои гуногун фаъолият кардааст. Соли 2000 – ум дар рутбаи подполковники мақомоти амниятӣ ба нафақаи меҳнатӣ баромадааст. Оиладор, соҳиби шаш фарзанду се набера.

ББК 63.3 (2) тоҷик

Ҳ - 31

**Султони Ҳамад** (Ҳамадов Султон)

# Ҳ-31, АЗ АРДАШЕР ТО ШЕРИ ПАНҶШЕР

**(Лаҳзаҳо аз фаъолияти хадамоти иттилоотӣ** ва **амниятӣ ) – Душанбе: Ирфон, 2002, 96 саҳ**

Дар ин маҷмӯа мақолаҳое ба нашр расидаанд, ки аз хусуси ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти хадамоти махфӣ дар мулкдории ниёгонамон ва инчунин дар замони ҳозира ҳикоят мекунанд. Мақолаҳо бо забони соддаи оммафаҳм иншо гардида, барои доираи васеи хонандагони мактабҳои миёна, донишҷӯён ва умуман алоқамандону дӯстдорони ин пешаи пурмоҷаро ва ин ҷабҳаи ниҳони рақобати байни давлатҳо пешбинӣ шудаанд.

Х $\frac{4502020000 - 06}{М\ 501\ (12) - 2002}$ 2002

ББК 63.3 (2) тоҷик

ISB № 5 – 667 – 01096 – 8

© СУЛТОНИ ҲАМАД, 2002.

Муҳаррири ороиш: **Субҳиддини Султонзод**
Муҳаррири техникӣ: **Ҷаҳонгири Султонзод**

Б И № 3054

Ба матбаа 01.02.2002 супурда шуд. Ба чопаш 02.02.2002 имзо шуд. Андозаи 60х84$^{1}/_{16}$. Чопи офсет. Ҳуруфаш адабӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 5, 96. Ҷузъи рангаи шартӣ, 5, 98. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,0. Адади нашр 500. Супорши № 12. Нархаш озод.

Муассисаи нашриявии «Ирфон» - и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 17.

Суроғаи чопхона: Нашриёти «Ҳумо», шаҳри Душанбе.

# П Е Ш Г У Ф Т О Р

Беш аз 10 сол аст, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар марҳилаи навини таърихии худ дар саҳнаи ҷаҳон арзи вуҷуд дорад ва сиёсати дохиливу хориҷии худро мустақилона пеш мебарад. Дар сохтори давлатдории навини тоҷикон мавқеи хадамоти махсус, алалхусус хадамоти амниятӣ хеле муҳим аст. Ин мақомот дар ташаккули сиёсати хориҷӣ ва дохилии кишвар нақши хеле бузургро бозӣ мекунад. Ба ҳар ҳол даҳ сол муқаддам вақте, ки Тоҷикистон дар ҳайати як кишвари абарқудрате бо номи Иттиҳоди Шӯравӣ шомил буд ва хадамоти амниятии он таҳти итоати КГБ – и Шӯравӣ амал мекард, зоҳиран ҳамин тавр ба назар мерасид. Вале баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии худро эълон кардани ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ хадамоти амниятии онҳо низ мустақилияти худро эълон карда, ба ҳимоя ва дифои манофеи миллат ва кишвари худ пардохтанд. Кор ба ҷое расид, ки байни хадамотҳои амниятии як вақтҳо дӯсту бародар ва аз як марказ идорашаванда низову набардҳои ошкору пинҳонӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Акнун дастандаркорони хадамотҳои амниятии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ кӯшишҳо ба харҷ медоданд, ки ҳарчӣ бештар аз асрори дӯстони дерину рақибони имрӯзаи худ воқиф шуда, таҷрибаи кории худро аз ҳисоби иттилооти ҷамънамудаи хеш ғанӣ гардонанд. Дар аксари ҷамоҳири собиқ Шӯравӣ барои баланд бардоштани ифтихори миллии ходимони ин идораҳо ба таърихи қадимаи хадамоти амниятии халқу миллати худ руҷӯъ кардаанд. Зеро таърихи хадамоти амниятӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ аз моҳи декабри соли 1917 оғоз мешуд.

Вале шумо, хонандагони гиромӣ, аз ин маҷмӯа на дар бораи таърихи амнияти собиқ Шӯравӣ, на дар бораи набардҳои ниҳонии байнихудии хадамотҳои махфии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, ки соҳибистиқлолиашонро баъди барҳам хӯрдани СССР эълон карданд ва на дар бораи имрӯзу фардои хадамоти амниятии Тоҷикистон маълумоте пайдо нахоҳед кард. Зеро мақсади муаллифи маҷмӯа ин нест. Мақсади нигорандаи ин сатрҳо аз он

иборат аст, ки хонандагони гиромии мо заррае ҳам бошад огаҳӣ пайдо кунанд, ки хадамоти амниятии миллии мо чун давлатдории ниёгонамон таърихи қадима ва пуршарафе дорад. Аз нӯҳ мақолае, ки дар ин маҷмӯа гирд оварда шудааст, дар чаҳортояш аз хусуси мавқеъ ва нақши хадамоти амниятӣ дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиҳо, Сосониҳо ва Сомониён сухан меравад. Дар мақолаҳои боқимонда низ муаллиф ҳангоми ҳалли ин ва ё он мавзӯъ аҳёнан ба таърихи хадамоти иттилоотӣ ва амниятии ниёгон руҷӯъ кардааст. **«Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки ин барои шукуфоии ҳар як миллату давлат зарур аст**», - гуфтааст **Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов** дар пешгуфтори худ ба китоби **«Тоҷикон» -и аллома Бобоҷон Ғафуров**[1]**.** Эҷоди ин мақолаҳо ҳам маҳз ҳамин аҳдофро дунболагирӣ мекунад. Агарчанде муаллифи ин маҷмӯа даъво надорад, ки навиштааш ҳамчун асари илмӣ эътироф шавад, вале кӯшидааст то он дар асоси факту далелҳои таърихӣ ва бо истифода аз асарҳои илмиву пажӯҳишӣ таълиф ёбад. Дар ин кор таҷрибаи бистсолаи собиқаи меҳнатии муаллиф дар ин соҳа ба ӯ кӯмак кардааст. Сабки навишти мақолаҳо оммавӣ - маърифатӣ аст.

Муаллиф ба олими шинохтаи тоҷик, аъзо – корреспонденти АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, профессор **Ҳақназар Назаров**, нависандаи маъруф **Мутеъулло Наҷмиддинов**, шоир **Шоҳмузаффар Ёдгорӣ**, ки чанде аз мақолаҳои ин маҷмӯаро хонда фикри худашонро баён кардаанд ва ба журналист **Давлат Назриев** барои маслиҳатҳои холисонааш дар навиштани мақолаҳо миннатдории худро изҳор менамояд.

**МУАЛЛИФ**

**1. Ғафуров Б. Тоҷикон**, Таърихи қадимтарин, қадим асри миёна ва давраи нав, Душанбе, 1998. саҳ:4

# КАБӮТАР ДАР ҲАВО ...
# ҲУШЁР БОШЕД!

Хадамоти иттилоотӣ ва амниятии кишварҳои мухталифи ҷаҳон барои дастрас кардани маълумоти пурарзишу зарур дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз ҳар гуна роҳу усул ва воситаҳои самарабахш истифода менамоянд. Касби иттилооти дар ҳақиқат ҳам пурарзиш ва ба дарди идораҳои мазкур ва дигар ниҳодҳои давлатӣ мехӯрдагӣ хеле душвор ва иқдоми хеле ҳам хатарнок барои ашхосе мебошад, ки бо ин мушкилот сару кор доранд. Аз ин лиҳоз дар ин хадамотҳо ба иллати мушкилоти дар боло зикршуда, яъне ба кормандони ин идора дастнорас будани манбаи иттилоот ва ё ба ҷони онҳо хатари реалӣ доштани ҷараёни ба даст овардани ин иттилоот аз роҳу усул, васоити дигар, аз ҷумла паррандагону ҳайвоноти таълимдидаву дастомӯз истифода мебаранд.

**Ҳеҷ донӣ сурхии чашми кабӯтар баҳри чист?**
**Номаам мебурду бар ҳоли дилам хун мегирист.**

## КАБӮТАР ҚОСИДИ ҲАЗРАТИ НӮҲ (а)

Аз қадимулайём кабӯтарро қосиду номарасон меноманд. Дар бораи ин паррандаи дар ҳақиқат ҳам хеле зебову нозукандом ривояту қиссаҳои ҷаззоби зиёде то ба замони мо омада расидаанд. Ҳатто дар китобҳои муқаддаси адёни машҳури ҷаҳон дар ин бора ҳикоятҳои ҷолибе маҳфуз аст. Чунончи дар **"Қасас-ул-анбиё"** ва китоби муқаддаси насрониён **"Инҷил"** бо тафовути начандон зиёде қиссае

нақл мешавад, ки мувофиқи он пайғамбари **Худо ҳазрати Нӯҳ (а)** маҳз кабӯтарро барои фаҳмидани он ки оё самти об баъди тӯфони азим поён фаромадааст ё на, аз киштии худ сар медиҳад. Бори аввал кабӯтар баъди парвози на чандон тӯлоние холӣ бармегардад. Бозгашти кабӯтар маънои онро дошт, ки ҳама ҷоро ҳанӯз ҳам об фаро гирифтааст. Бори дуввум ҳазрати Нӯҳ кабӯтарро баъди ҳафт рӯз боз ба ҳамин мақсад аз киштӣ сар медиҳад. Ин дафъа кабӯтар дар нӯлаш барги дарахти зайтун ба киштӣ бармегардад. Ин амали кабӯтар маънои онро дошт, ки об акнун танҳо нӯги дарахтонро раҳо кардааст. Баъди як ҳафтаи дигар ҳазрати Нӯҳ кабӯтарро бори саввум барои фаҳмидани ҳолати замин ба парвоз ҳидоят менамояд. Ин дафъа кабӯтар дигар ба киштӣ, ба назди ҳазрати Нӯҳ барнамегардад. Аз ин иттилоот пайғамбари Худо (ҷ) мефаҳмад, ки замин пурра аз об хушкидааст ва имконияти бозгашт ба он фароҳам омадааст.

На танҳо дар эҷодиёти даҳанакии халқ ва китобҳои муқаддаси динӣ, балки дар таърихи пурасрору сермоҷарои миллати бузурги мо низ мисолҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки аҷдодони гузаштаамон аз паррандагон барои сари вақт аз ҷое ба ҷое расонидани иттилооти мазмунан гуногун васеъ истифода мекардаанд. Солноманависи юнонӣ **Ксенофонт** сулолаи шоҳони Ҳахоманишиҳоро ҳамчун асосгузорони хадамоти почта дар дунё дониста мегӯяд, ки **«қосидони чопорхона (почта)–ҳои давлатӣ масофатҳоро зудтар аз кулангон (турнаҳо) тай мекарданд».**[1]

Аз ин муқоиса чунин хулосаи мантиқӣ бармеояд, ки бо

---

1. **Пиер Бриён** «Таърихи императории Ҳахоманишиҳо», Теҳрон, соли 1998 саҳ:775.

эҳтимоли қавӣ аҷдодони мо дар вақти ирсоли номаҳои худ аз паррандагон, аз ҷумла аз селаи кулангҳо низ васеъ истифода мекардаанд. **Низомулмулк** дар фасли чаҳордаҳуми **"Сиёсатнома"** зарурати дар кори давлатдорӣ барои саривақт аз як ҷо ба ҷои дигар фиристодани хабари муҳим аз паррандагон истифода бурданро таъкид кардааст.[1]

Олим, сиёсатмадор ва мутафаккири асри XIII - и форсу тоҷик **Шариф Муҳаммад Мансури Муборакшоҳӣ** дар китоби хеш **“Адаб – ул – ҳарб ва шуҷоат”** дар боби **«Фиристодани талоя, ҷосусон ва мунаббиҳиён (хабаррасонҳо)»** овардааст, ки яке аз сарлашкарони сулолаи Ғазнавиҳо Абу Муслими Соҳибдавла дар набарде аз аҳволи лашкариёнаш, ки ҳамчун талоя (дозор) ба минтақаи таҳти тасарруфи душман фиристода буд, тавассути паррандае иттилоот гирифтааст.[2]

## ИМКОНИЯТИ КАБӮТАРОН

Дар **"Энсиклопедияи Советии тоҷик"** омадааст, ки суръати парвози кабӯтарони номарасон одатан то 60 километр дар як соат буда, дар як парвоз масофаи 100 - 150 километрро тай карда метавонанд. Вале ҳастанд кабӯтарони хаткашоне, ки дар як парвоз метавонанд масофаи то 1000 километрро тай намоянд[3]. Тибқи шаҳодати расонаҳои хабарӣ яке аз кабӯтарони кабӯтарбози машҳури ҷопонӣ **Хияме Сокоти** охири соли 1999 рекорди дурпарвозиро дар ҷаҳон гузоштааст. Дар зарфи ду моҳ он кабӯтар масофаи панҷ ҳазор километрро тай намуда аз шаҳри Киотои Ҷопон

1. **Низам – ал – Мульк**, Книга об управлении государством, Душанбе, 1998, стр:83.
2. **Шариф Мубаракшо**, Правила ведения войны и мужесто, Душанбе, 1997, стр: 181.
3. **Энсиклопедияи Советии Тоҷик**, Душанбе, 1981, ҷилди 3, саҳ: 280.

то ба шаҳри Сегаматеи Малайзия парвоз кардааст.

Кабӯтари солими ним килограмм вазндошта тавони дар ҳини парвоз бардоштани 75 грамм борро дорад.

Маҳз ҳамин тезпарвозӣ, ба одамон зуд унс гирифтан, бе ягон душворӣ ёфта тавонистани мавқеи муайяншуда барин хусусиятҳои кабӯтарон диққати кормандони хадамоти махсусро ба худ ҷалб кардааст.

## КАБӮТАР ОТАШАФРӮЗИ ҶАНГ?

Кабӯтаронро ҳарчанд бо навозиш қосидони сулҳ меноманд, вале низомиёну сиёсатмадорон дар афрӯхтани оташи ҷанг ва зарба задан ба мавқеи ҳарифони хеш аз ин паррандаҳои зебо мунтазам истифода бурдаанд.

Чунончи дар ҷанги якуми ҷаҳон разведкаи кишварҳои шомили муоҳадаи **Антанта** барои аз ақибгоҳи душман саривақт фиристодани ахбороти муҳим аз кабӯтарони хаткашон хеле ҳам густурда ва самарабахш истифода мебурданд. **Белгия** то соли 1914 дар байни дигар кишварҳои дунё бо доштани теъдоди зиёди кабӯтарҳои хаткашон маъруфу машҳур будааст. Қабл аз ақибнишинӣ дар ҷанги зидди олмониҳо сарони контрразведкаи Белгия ба зердастонашон амр кардаанд, ки беш аз 30 ҳазор кабӯтари хушзоти номарасонро нобуд созанд, то ба дасти немисҳо ба ғанимат наафтанд. Ин ҷанг ошкор сохт, ки кабӯтарон на танҳо аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи худ бо суръати баланд мебароянд, балки боэътимодтарин кӯмакрасон низ будаанд. Одамон борҳо шоҳиди он шудаанд, ки кабӯтарони шадидан маҷрӯҳ дар замин соатҳо гавак кашида - гавак кашида худро ба манзили мақсуд расонидаанд.

Ҳодисаҳое низ буданд, ки киштиҳои тиҷоратӣ ва низомӣ дар баҳру уқёнусҳо ба садама дучор мешуданд ва ё ба минаҳои душманон бархӯрда маҳкум ба ғарқ мегардиданд, вале талаби кӯмак тавассути кабӯтарҳои фиристода ва сари вақт расидани он ёриҳо сабаби наҷоти киштинишастагон мегардид.

Аксар вақт ҷосусоне, ки ба восиати ҳавопаймо ва ё аз дигар роҳҳо ба ақибгоҳи душман партофта мешуданд, нахустин кореро, ки анҷом медоданд ин омода сохтани лонаи боэътимоде барои кабӯтарони худ будааст. Бо ин мақсад одатан шохаҳои баланди дарахтро интихоб мекарданд ва бо эҳтиёткориҳои зиёде ба онҳо бештар шабона обу дона медоданд.

Дар поёни ҷанги якуми ҷаҳон танҳо як худи англисҳо дар фронти Ғарбӣ дар ихтиёри худ беш аз шаш ҳазор кабӯтари хаткашон доштанд. Дар Фаронса бошад барои бо некӣ ёд овардан аз хизматҳои хуби ин паррандаҳои зебо ба онҳо муҷассамаҳо ба ёдгор гузоштаанд ва бо орденҳо қадрдонӣ кардаанд.

Тарафҳои даргир дар ҷанг аз кабӯтарони ношинос хавфи калон доштанд. Бинобар ин ҳангоми вохӯрдан онҳоро бераҳмона қир мекарданд. Аз ин рӯ рақибон ба хотири риояи эҳтиёткорӣ ва ҳифзи ҷони кабӯтарон онҳоро ба шакли паррандагони дигар рангу бор медоданд. Чунончӣ, англисҳо дар фронти Ғарбӣ кабӯтареро паррондаанд, ки болу ҷисмашро ба таври тӯтӣ оро дода буданд.

## ЗАНБӮРИ АСАЛ ВА … ҶОСУСӢ

Шояд сабаб ҳамин бошад, ки ба мақсадҳои ҷосусӣ истифода бурдани занбӯрҳои асал маҳз дар ҳамин ҷанги якуми ҷаҳон густурдатар шудааст. Ҷосуси немисҳо дар мавқеи ишғол кардаи французҳо қуттиҳои худро гузошта зоҳиран ба парвариши занбӯри асал машғул мешуд. Алоқачии ӯ бошад дар минтақаҳои таҳти назорати сарбозони худӣ, яъне немисҳо ба пухтани шарбат саргарм мегардид. Масофаи байни ҷосус ва алоқачиаш 10 километр беш набуд. Зеро занбӯрҳои асали ҳомили шаҳд одатан бо суръати 40 километр дар як соат парвоз мекарданд ва наметавонистанд дар ҳолати парвоз дар ҳаво беш аз 15 дақиқа бошанд. Алоқачӣ дар мавзее ба пухтани шарбат машғул буд, ки одатан бод аз он ҷо ба самти қуттиҳои занбӯри асал мевазид ва албатта накҳати шарбат ба машоми занбӯрҳо расида, онҳоро ба сӯи худ ҷалб мекард. Ҷосус аз ин истифода бурда ба воситаи риштаҳои нозуки абрешимӣ иттилооти худро ба алоқачиаш мефиристод. Тибқи маслиҳати пешакӣ вобаста ба ранг ва теъдоди риштаҳо алоқачӣ маънӣ мегирифт ва касби иттилоот мекард. Чунончи риштаҳои сабз маънии шумораи ротаҳои пиёданизомро доштанд, риштаҳои зард бошад теъдоди силоҳи вазнин, риштаҳои сурх ададии воҳидҳои низомии савораро ифода мекарданд ва ғайра.

## КАБӮТАР ДАР ХИЗМАТИ ГРУ

Дар даврони ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ низ кабӯтаронро ҷонибҳои даргир барои гирифтани ахбори саривақтӣ васеъ

истифода мебурданд. Аз ҷумла бо ибтикори Сарраёсати разведкаи Армияи Советӣ (ГРУ) соли 1942 дар самти фронти Калинин дар ҳайати дивизияи пиёданизоме ротаи махсуси кабӯтарони номарасонро таъсис доданд, ки вазифаи асосии он рота иттилооти дар ҳудуди таҳти тасарруфи душман гирдовардаи гумоштаҳоро сари вақт ба роҳбарияти дивизия расондан будааст. Тибқи шаҳодати рӯзномаи "Красная звезда" дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тавассути кабӯтарони номарасон 15 ҳазор иттилоот сари вақт ба хадамоти кашфи низомӣ расонда шудааст. Дар ин ҷанг низомиёни шӯравӣ кӯшиши ба мақсадҳои диверсионӣ истифода бурдани **"кабӯтарони тахрибкор"** - ро низ ба харҷ дода будаанд.

Мутаассифона чӣ тавре, ки мебинем, ахирҳои асри XX, замони прогресси илмӣ - техникӣ, асре ки садҳо васоити аз як гӯша ба гӯшаи дигари ҷаҳон барқосо расондани иттилоотро кашф кардааст, боз ҳам мушкилоти ин паррандаҳои нозукандомро ҳал накард. Дар хадамотҳои ҷосусӣ ҳарчанд усули сари вақт, оперативӣ ба муштариён расондани иттилоотро ихтироъ карда бошанд ҳам, вале боз ҳам мебинем, ки аз истифодаи кабӯтарон дар ин идораҳои махуф даст накашидаанд.

## КАБӮТАР МИКРОФОН ДОРАД

Авохири соли 1994 корманди собиқ хадамоти иттилоотӣ ва амниятии Канада **Майкл Фрост** китоберо бо унвони **"Ҷаҳони ҷосусӣ"** интишор кард, ки дар он аз хусуси

дар фаъолияти рӯзмарраи худ аз кабӯтарони дастомӯз истифода бурдани Созмони амнияти миллии ИМА (NSA) ҳикоят шудааст. Бино ба навиштаи **Майкл Фрост** дар ин идораи ҷосусӣ кабӯтаронро авввал таълими махсус дода, сипас тавассути ҷарроҳӣ ба бадани онҳо микрофонҳо ва дигар фиристандаҳои хурдро насб карда, ба воситаи мавҷҳои электронӣ онҳоро идора мекунанд ва ба мавқеъҳои муайяншуда мефиристоданд. Бино ба шаҳодати корманди хадамоти амниятии Канада ин гуна кабӯтаронро дар Вашингтон барои ба даст овардани иттилооти зарурӣ аз сафоратхонаҳои Русия ва Хитой истифода мебурданд. Кабӯтарони дар бадан микрофондошта ба тоқи тирезаҳо, мизу катҳои рӯи ҳавлии сафоратхонаҳо нишаста, сӯҳбату мулоқотҳои махфии бошандагони ин муассисаҳои хеле ҳам муҳимро тавассути амвоҷи электронӣ ба соҳибони хеш мефиристодаанд.

## ҲАВОПАЙМОИ КӮЧАК ҶОЙГУЗИНИ КАБӮТАР

Шояд ҳазораи нав дар сарнавишти ин паррандаи дӯстдоштаи мардуми ҷаҳон тағйироти мусбате ворид намояд ва бори гарони мушкилоти хабаркашӣ ва хабарчиниро аз гардани ӯ бигирад. Ба ҳар ҳол ба назар мерасад амрикоиҳо дар ин самт қадаме ба пеш гузоштаанд. Онҳо дар садади ихтироъи ҳавопаймои ҷосусие ҳастанд, ки дар кафи даст ҷо хоҳад гирифт. Ҳаҷми ин ҳавопаймо ба

дарозо тахминан 9 сантиметр буда ба суръати 1 метр дар як сония парвоз хоҳад кард. Аз рӯи нақшаи ихтироъкоронаш ҳаракатдиҳандаи электронии он (мотораш) набояд 6 грамм зиёд вазн дошта бошад. Оҷонсии нақшаҳои пажӯҳиши пешрафтаи амрикоӣ аз соли 1990 бо ин кор машғул аст ва қиммати бунёди чунин як ҳавопайморо 35 миллион доллар тахмин задааст. Ба ақидаи ихтироъкорони амрикоӣ ин гуна ҳавопаймоҳои хурдҳаҷму камвазн аз ҳамҷинсони бузургҳаҷми худ бартариҳои зиёде доранд. Қабл аз ҳама ҳангоми парвоз аз назари радарҳо пинҳон хоҳанд монд, ки ин хусусияти хеле муҳим аст. Ба ҷуз ин ҳавопаймои мазкур хусусияти дар фазо муайян кардани элементҳои мухталифи силоҳи қатли ом, аз қабили силоҳи химиявӣ, бактериявиро доро буда, метавонад тавассути дастгоҳҳои видеоии дар он насбшуда ноайён ва сари вақт аз вазъи минтақаи мавриди назар ба соҳибони худ гузориши пурарзиш диҳад. Хулоса, ҳавопаймо вазифаи душвори кабӯтаронро оиди касби иттилоот метавонад ба ӯҳда бигирад ва ё ақаллан осон бигардонад.

Бо вуҷуди он ки кабӯтаронро дар афрӯхтани оташи ҷанг ва густариши он истифода кардаанд, вале боз ҳам онҳоро имрӯз рамзи Сулҳ хондаанд. Чаро? Зеро дар ниҳояти кор ҳамеша Сулҳ бар Ҷанг пирӯз будааст. Ва маъмулан дар поёни ҷангҳо хабари пирӯзии Сулҳро низ кабӯтарон мерасонидаанд. Табиати инсони оқилу комил чунон будааст, ки сухани нек, пайку муждаро ҳамеша ба сухани баду хабари шум тарҷеҳ бидиҳад ва маҳз онро дар лавҳи хотираи худ нақш бибандад. Аз ҳамин рӯ дар тӯли асрҳо кабӯтарро қосиди хушпаём донистаанд. Умед аст дар ҳазораи нав низ

чунин хоҳад буд. Ба ҳар ҳол дар лаҳзаҳои аввали соли 2000 - ум дар зодгоҳи ҳазрати Исои масеҳ  (а) шаҳри Байтуллаҳм ба муносибати мавлуди ин Пайғамбари Худо 2000 кабӯтари болсафед бо нияти нек, ҳамчун рамзи Сулҳ ба ҳаво сар дода шуданд.

# КАСБИ ИТТИЛООТ ДАР АҲДИ АРДАШЕРИ БОБАКОН

Чуноне, ки табиати пурэъҷози мо аз канданиҳои нодиру фоиданок моломол аст, таърихи нотакрору тамаддуни пурасрори мо низ санаҳои пурифтихору рангин дорад.

Соли 1999 соли ҷашни пуршукӯҳи 1100 – солагии таъсиси давлатдории Сомониён гардид. Вале худи ҳамин сол метавонист соҳиби боз як ҷашни мутантани дигаре низ бошад. Зеро расо 675 сол қабл аз таъсиси давлати Сомониён, тахминан дар ҳамин қаламрав, давлати дигари пуриқтидори ниёгонамон арзи вуҷуд ва дар таърихи ҷаҳонӣ мавқеъи босазоеро ишғол карда буд. Воқеан аксари муаррихони гузашта ибтидои шаҷараи сомониёнро аз **Баҳроми Чӯбина** – сарлашкари Сосониён, ки солҳои 590 – 591 шоҳаншоҳи Эрон буд, медонанд.

## АРДАШЕРИ БОБАКОН МУАССИСИ «ПОДШОҲИИ БАТАРТИБ»

Расо 1775 сол муқаддам, яъне соли 224 мелодӣ **Ардашери Бобакон** урдуи охирин намояндаи хонадони ашкониён Ардавонро торумор карда ҳокимиятро дар қаламрави Эрон ба даст гирифта ва ба ҳукумати беш аз 400 солаи оли Сосон ибтидо гузошт. Он тавре, ки дар сарчашмаҳои мӯътамади таърихӣ омадааст, шоҳони сосонӣ дар тӯли давлатдории хеш сарзамини паҳновареро аз нимҷазираи Арабистон то навоҳии дурдасти Осиёи Марказӣ дар ихтиёри хеш доштанд.

Дар таърихи тамаддун ва давлатдории форсу тоҷик, хусусан дар давраи қабл аз исломии он, дар байни шоҳону давлатдорон Ардашери Бобакон аз бисёр ҷиҳат бо хусусиятҳои хоси сиёсатмадории хеш тафовут дошт. Ба гуфтаи муаррихону удабои чи мозӣ ва чи феълӣ, маҳз дар замони давлатдории **Ардашери Бобакон** навоҳӣ ва вилоятҳои кӯчаку бузург (тибқи китоби **«Корномаи Ардашери Бобакон»** 240 музофот) ҳама таҳти итоати ҳукумати ягона дароварда ва мақоми ҳокимияти марказӣ баланд шуда буд. Ҳатто асосгузорони коммунизми илмӣ **Карл Маркс** ва **Фридрих Энгелс**, ки мухолифони сохти давлатдории монархӣ – шоҳӣ будани худро такрор ба такрор дар асарҳои хеш эълом доштаанд, ба ин нукта ишора карда, давлати Сосониёнро **«подшоҳии батартиб»**[1] номидаанд.

Ҷиҳати дигари муҳими давлатдории Сосониён, ки дар бораи он аллома Бобоҷон Ғафуров дар китоби хеш **«Тоҷикон»** махсус ишора кардааст, ин аст, ки дар замони ҳукуматдории онҳо таъсири коҳинони зардуштия ниҳоят баланд мешавад, дини зардуштӣ ба дараҷаи дини давлатӣ мерасад ва ба Ардашери I чунин ҳикматеро нисбат медиҳанд: **«Тахт пояи меҳробасту меҳроб пояи тахт»**[2].

**Ардашери Бобакон** аз авлоди **Дорои Дороиён** шоҳони ҳахоманишиҳо, ки давлатдории эшон дар аҳди **Искандари Мақдунӣ (336 -323** пеш аз милод) суқут карда буд, дар ибтидои асри III мелодӣ тавонист империяи бузургеро дар қаламрави ниёгони хеш барқарор кунад.

Дар бораи ба сари қудрат омадани **Ардашери Бобакон** ва тарзу усули давлатдории сулолаи **Сосониён** аз

1. **К.Маркс ва Ф. Энгелс**, Асарҳо, ҷилди 28, саҳ 212.
2. **Б.Ғафуров, «Тоҷикон»,** Душанбе, «Ирфон», 1998, саҳ 258.

замони худи онҳо шурӯъ карда то ба ин рӯз асару рисолаҳои зиёде таълиф шудааст.

Дар навиштани ин мақола, муаллиф бештар ба **«Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Насиҳат–ул–мулук»-и Имом Ғаззолӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» - и Ҳусайн Воизи Кошифӣ** ва навиштаҳои муаллифони муосир, ба китоби аллома **Б.Ғафуров «Тоҷикон»**, ба тарҷумаи форсии китоби эроншиноси бузурги **Дания Артур Кристенсен «Эрон дар замони Сосониён»,** китоби таърихнигори барҷастаи эронӣ доктор **Абдулҳусейн Зарринкӯб «Рӯзгорон: Эрон аз оғоз то суқути салтанати паҳлавӣ»** ва китоби олими фаронсавӣ профессор Пиер Бриён «Таърихи императории Ҳахоманишиҳо» такя намудааст. Ба ғайр аз китобҳои номбурда рисолаи **«Корномаи Ардашери Бобакон»**, ки намунаи осори мансури адабиёти қадимии форсӣ буда тақрибан дар асри VI – мелодӣ ба забони паҳлавӣ навишта шудааст ва соли 1994 докторони илми филология **Раҳим Додхудоев** ва **Маҳрами Файз** онро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд, низ ҳамчун яке аз маъхазҳои асосӣ дар навиштани ин мақола истифода шудааст. Муаллифи **«Корномаи Ардашери Бобакон»** маълум нест. Асар дар бораи таърихи чӣ гуна ҳокимиятро дар Эрон соҳиб шудани Сосониён, нақл мекунад. Бо вуҷуди он, ки ин асар ҳамчун асари бадеӣ эътироф шуда ва дар он ҳангоми тасвири воқеаву персонажҷо, хеле кам бошад ҳам, аз унсурҳои насри афсонавӣ – фантастикӣ истифода шудааст, бархе муҳаққиқон онро ҳамчун таърихномаи сулолаи Сосониён ба

қалам додаанд. Дар асар асосан дар бораи се подшоҳи Сосониён: асосгузори ин сулолаи шоҳӣ **Ардашери Бобакон (224 – 241),** писари ӯ **Шопури I (241-273)** ва набераи **Ардашери Бобакон писари Шопур Ҳурмузд** сухан меравад.

Дар баёни зиндагиномаи **Ардашери Бобакон**, таърихи давлатдории Сосониён, санаҳои вуқӯи ҳодисаҳои муҳими замони онҳо, тарзу усули давлатдории дигар шоҳони сосонӣ дар байни муаллифони китобҳое, ки зикри номашон дар боло рафт, ихтилофу тағйиротҳои зиёде вуҷуд дорад. Барои мисол тарҷумаи ҳоли асосгузори сулолаи шоҳии **Сосониён Ардашери Бобаконро** муаллифони номбурда ҳар кадом ба тарзи худ ба қалам додаанд, ки аз нигориши дигарӣ тафовут ва фарқиятҳои зиёде дорад. Ба хусус он чи дар **«Корномаи Ардашери Бобакон»** оиди солҳои кӯдакӣ, ҷавонӣ ва шеваи ба сари қудрат омадани Ардашери Бобакон омадааст, аз ҳамин давраи ҳаёти ӯ, ки дар китобҳои **«Таърихи Табарӣ», Артур Кристенсен** ва **Абдулҳусайни Зарринкӯб** тасвир шудааст, ба куллӣ фарқ мекунад. Дар «Корномаи Ардашери Бобакон» дар баробари инъикоси воқеаҳои таърихӣ муаллиф ё муаллифон ҳодисаҳоеро низ ба риштаи нақл овардаанд, ки ҷанбаҳои қисса ва ривоятҳои халқиро низ доранд.

Ҳар чӣ ки набошад, мо мақсад нагузоштаем, ки дар ин мақолаи худ ҳамаи ин китобу навиштаҳои олимонро таҳлил карда, арзёбӣ намоем, ки кадоми онҳо ҳақ асту кадомашон не. Худо нигаҳ дорад аз чунин носипосӣ ва густохӣ.

Мақсади мо он аст, ки бо истинод ба ҳамаи ин манбаъҳои дар ҳақиқат хеле муҳим ва эътимодбахш

битавонем нишон диҳем, ки гузаштагони мо, дар мисоли феълӣ бошад **Ардашери Бобакон** ва дигар шоҳони сосонӣ дар умури давлатдории худ чи гуна аз касби иттилоот истифода мебурданд ва ё дар сохтори давлатдории онҳо хадамоти амниятиву иттилоотӣ чи гуна фаъолият дошт. Оё дар ҷараёни лашкаркашиҳои худ ба ин институти давлатдорӣ аҳамият медоданд ё не?

Мо бештар ба ҳамон мавориде аз асарҳои мазкур рӯ овардаем, ки дар он ҷо ба саволҳои дар боло матраҳ кардаи худ то андозае ҷавоб пайдо карда бошем. Ҳатто агар он воқеа то андозае дар ҷараёни тасвир мазмуни ривоятиро низ ба худ гирифта, вале агар ба фаъолияти иттилоотӣ ва амниятии ин сулола иртибот дошта бошад, мо аз овардани он ҳамчун мисол сарфи назар накардаем. Ҳамин тариқ агар дар китобҳои **«Корномаи Ардашери Бобакон», «Таърихи Табарӣ», «Тоҷикон», «Эрон дар замони Сосониён», «Рӯзгорон…»** муаллифон бештар аз хусуси таърихи пайдоиш, ташакулли давлатдории сулолаи Сосониён, тарзу шеваи идорӣ ва суқути онҳо ҳикоят карда бошанд, дар **«Сиёсатнома», «Насиҳат–ул – мулук», «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»** соҳибони асар тарзу усули давлатдории шоҳони Сосонӣ, ба хусус Ардашери Бобаконро барои шоҳони замони худ ва давлатмардони баъдина ҳамчун намунаи ибрат ба қалам додаанд ва ҳангоми баррасии мавзӯоти мухталифи давлатдорӣ, аз қабили тарзу усули пиёда кардани сиёсати дохиливу хориҷӣ аз фаъолияти шоҳони ин сулола мисолҳои мушаххас овардаанд.

Азбаски мавзӯи мо касби иттилоот ва тарзи истифодабарӣ аз он дар таъмини амнияти кишвар дар аҳди

Ардашери Бобакон мебошад, мо ҷиҳати дигари давлатдории ин сулоларо сарфи назар менамоем. Зеро ба ақидаи мо такомул, инкишоф ва инчунин инқирозу суқути давлатдории ин ва ё он система, сохти ҳукуматдорӣ бо чӣ гуна ба роҳ мондану пиёда кардани яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ – фаъолияти хадамоти иттилоотӣ ва амниятии он алоқаманд аст.

## СОҲИБХАБАРОН АМИНИ ШОҲОН БОШАНД

Дар **«Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ** бобе ҳаст, ки дар **«Дар таяққуз ва хибрат»** ном дорад ва ӯ дар оғози ин боб менависад: **«Таяққуз бедорӣ бошад дар кори мамлакат ва хибрат огоҳӣ аз ҳоли раият … Мулуки одил баъд аз иттилоъ, бар он саъй намоянд, то ҳар халале ва заллале, ки дар бунёди маъдалат зоҳир шуда бошад, мараммат (таъмир) ёбад ва ислоҳ пазирад…»**[1]. Сипас **Ҳусайн Воизи Кошифӣ** дар идомаи боб ҳамчун намуна барои дигар шоҳаншоҳу амирон фаъолияти Ардашери Бобаконро дар ин соҳа мисол меорад. Ӯ аз ҷумла менависад: **«Овардаанд, ки Ардашери Бобакон азбаски тафаҳҳуси ҳоли гузаштагон ва наздикон кардӣ, кор ба он ҷо расида буд, ки ҳар чӣ ҳар рӯз ба амри ӯ вузаро ва аъмолу соири мулозимон гуфтӣ, ки дӯш ҳоли ту бар ин минвол буд, ки чӣ хӯрдӣ ва куҷо хуфтӣ ва бо кӣ сухан кардӣ ва чӣ гуфтӣ. Мардум аз ин сухан тааҷҷуб менамуданд ва мегуфтанд вайро фариштагон хабар медиҳанд ва он соҳибхабар аст:**

---

1. **Ҳусейн Воизи Кошифӣ**, Ахлоқӣ Муҳсинӣ, Душанбе,1991, саҳ: 210.

**Соҳибхабарон амини шоҳон бошанд,**
**Мақбули дили ҷаҳонпаноҳон бошанд.**
**Ҳам бар ҷигари ситамгарон неш зананд,**
**Ҳам марҳами захми додхоҳон бошанд»[1].**

Биёед хонандаи азиз, пеш аз он, ки аз соҳибхабарии Ардашери Бобакон ҳарф бизанем, аввал дар бораи шахсияти ӯ каме ҳам бошад аз **«Энсеклопедияи Советии Тоҷик»** иттилоъ бигирем:

**«Ардашери Бобакон (таваллудаш тақрибан соли 180 (мелодӣ) вафоташ 22.09.239) мувофиқи маълумоти дигар – 241, шоҳи Эрон (226 – 241), муассиси сулолаи Сосониён. Писари Попак (Бобак) ва набераи Сосон, яке аз коҳинони Истахр. Бобак аз мавқеи иҷтимоии худ истифода бурда, писараш Ардашерро дар Доробгирд ба мақоми олии низомӣ расонд. Ардашери Бобакон чанде шоҳони форсро мағлуб ва ҳалок карда, мулки онҳоро соҳиб шуд. Дар ҳамин вақт Бобак бар ҳокими Истахр Гавчершоҳ шӯрида, макони ӯ «Кохи Сафед» - ро тасарруф кард. Гавчершоҳро кушта худ ба салтанат нишаст. Баъди марги Бобак писари калонии ӯ ба тахт нишаст. Миёни Шопур ва Ардашери Бобакон низоъ афтод. Шопур ногаҳон фавтид ва бародарон тахту тоҷро ба Ардашери Бобакон тақдим карданд. Ардашери Бобакон пас аз чанде барои ҷилавгирӣ аз хиёнат ва шӯриши бародарон фармуд, ки онҳоро ба қатл расонанд. Пас аз он ба тасарруфи кишварҳои ҳамсоя пардохта, Кирмон, соҳилҳои халиҷи Форсро ҷузъи қаламрави худ намуд.**

---

1. **Ҳусейн Воизи Кошифӣ**, Ахлоқӣ Муҳсинӣ, Душанбе,1991, саҳ: 212.

**Оқибат байни Ардашер ва шоҳаншоҳи Ашкониён Артабони (Ардавони) V ҷанг ба амал омад. Артабони V ба ҳокими Аҳвоз (Хуҷистон) фармуд, ки бар ҷанги зидди Ардашери Бобакон дарояд. Аммо Ардашери Бобакон фурсат надода, Исфаҳон, Аҳвоз ва вилоятҳои хурди Мисенро, ки дар резишгоҳи Даҷла ва соҳили халиҷи Форс воқеъ буд, тасарруф намуд. 26 апрели соли 224 мелодӣ дар ҳамвории Ҳурмуздагон ҷанги шадиде рӯй дод ва Ардашери Бобакон Артобони V – ро кушта, сулолаи Ашкониёнро барҳам дод. Солҳои 226 – 227 маросими тоҷгузории Ардашери Бобакон барпо гардид ва ӯ унвони «Шоҳаншоҳ»- ро гирифт. Пас ба тасхири кишвари Мод, шаҳри Ҳамадон, Озарбойҷону Арманистон пардохта, Сакистон, Абҳаршаҳр (Хуросони ҳозира), Марв, Хоразм, Балхро тасарруф намуд ва бо ҳамин қудрати худро дар ноҳияҳои Шарқ вусъат дод. Мувофиқ муълумоти Табарӣ шоҳи Кушон, Тӯрон ва Макурон (ноҳия дар соҳили халиҷи Утмин ва уқёнуси Ҳинд) шоҳаншоҳии ӯро мешинохтанд. Салтанати Ардашери Бобакон дар он замон Эрон, Афғонистон, Балуҷистон, Марву Хоразмро дарбар гирифта, ҳадди шимол ба Ҷайҳун ва ғарбӣ ба Бобулу Ироқ мерасид. Шаҳри Тайсафун (Мадоин) – ро пойтахти давлати Сосониён баргузид, вале қароргоҳи Ардашери Бобакон дар шаҳри Гур (Фирӯзободи ҳозира) буд, ки он ҷоро «Ардашеркура» номида, боғҳо ва гулистонҳои рӯҳафзо бунёд кард»[1].**

Ба гуфтаи таърихшиноси барҷастаи иронӣ доктор **Абдулҳусайни Зарринкӯб «Ардашер бо пирӯзӣ бар Ашкониён давлати ҷадидеро дар Эрон ба вуҷуд овард,**

---

1. **Энсиклопедияи Советии Тоҷик**, Душанбе, 1981, ҷилди 1, саҳ: 228.

**ки оини тозае, қонуни тозае ва тарзи идораи тозаеро ба ҳамроҳ дошт. Пайванди давлат бо дин аксарияти пайравони оини зардуштиро, ки дар он айём дар Порс ва Мод ва ҳатто дар қисмате аз навоҳии шарқӣ нуфуси бисёреро ташкил медоданд, ба хонадони ӯ алоқаманд кард**[1].

**Муҳаммад Ғаззолӣ** дар **«Насиҳат – ул – мулук»** дар боби **«Дар сиёсати вазорат ва сирати вазирон»** ҳикматеро бо ишора ба гуфтаҳои Ардашери Бобакон манзури хонандагон мегардонад, ки ин аст: **«Ардашер мегӯяд: «Сазовор ҳар подшоҳеро, ки чаҳор чиз талаб кунад ва чун ёфт, нигоҳ дорад: яке вазири боамонат, дигаре дабири бодониш, саввум ҳоҷиби бошафқат, чаҳорум надими бонасиҳат, ки чун вазир боамонат бувад, далел бувад дар саломатии мулк ва чун дабир доно бувад, далел бар хиради малик бувад ва чун ҳоҷиб бошафқат бувад далел бар ҳишмати подшоҳ ва хушнудии раият ва чун надим бонасиҳат бувад, далел бар салоҳи корҳо бувад»**[2].

Оё дар фаъолияти худ Ардашери Бобакон аз рӯи ин гуфтаҳояш амал кардааст? Биёед боз ба сарчашмаҳои илмӣ руҷӯъ мекунем. **А.Зарринкӯб** бо истинод ба манбаъҳои қадима менависад: **«Аз ҳамон аввал, ки эъломи салтанат кард ва Мӯбадони Мӯбаде ба номи Фоҳир (ба қавле Моҳон) барои Порс таъин намуд. Пирамардеро, ки Тансир (Тусар) ном дошт ва муаллими вай буд, мушовир ва мубаллиғи хеш сохт ҳамчунин Ҳирбадеро (унвони**

---

1. **Абдулҳусейн Зарринкӯб**, «Рӯзгорон: Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати паҳлавӣ»,Теҳрон, 2000, саҳ:189.
2. **Муҳаммад Ғаззолӣ**, Насиҳат – ул – мулук, Душанбе, 1993, саҳ: 87.

**мазҳабии поёнтар аз Мӯбад С.Ҳ.), ки аз хонадони сосониён буд ва Абарсом (Апурсом, Пурисом) ном дошт, ҳоҷиб ва мушовири хеш («Вазраг фармазор») кард. Ин Абарсом, ки дар ғайби ӯ гоҳ ба унвони «Аргбад» тахтгоҳи ӯро нигоҳ медошт ва гоҳ аз ҷониби ӯ дар вилоёти тоза тасхир шуда ҳукумат мекард, мушовирии рӯҳонии ӯ низ буд»[1].**

Чӣ тавре, ки мебинем **Ардашери Бобакон** дар атрофи худ шахсиятҳоеро гирд овардааст, ки дар ҳақиқат донишманди маъруфи замони худ ва дар байни мардум аз эътибору обрӯи баланд бархурдор будаанд. Чунончи **Тансир**, ки яке аз мушовирони **Ардашер** буд, дар таърихи Ирон бо як асари худ, ки аҳамияти таърихиву панду ахлоқӣ дорад, абадан боқӣ мондааст. Ин асар таҳти унвони **«Номаи Тансир ба подшоҳи Табаристон»** машҳур аст. Ана дар ҳамин номааш Тансир дар баробари дигар масоил подшоҳи Табаристонро барои эътирозоташ дар хусуси он, ки гӯё дар қаламрави Ардашер шабакаи густурдаи ҷосусон амал мекунад ва мардум аз ин кори ҳукуматдорон дар тарсу ҳаросанд, сахт мазаммат менамояд ва мегӯяд, ки **«аз ин маънӣ аҳли бароат ва саломатро ҳеҷ хавф нест»[2].** Ба гуфтаи Тансир **«ъуюни подшоҳ» («чашмҳои подшоҳ»), яъне мунҳиён (хабаррасонҳо) агар муслеҳ (накӯкор), мутеъ (итоатгар), нақӣ (покиза), амин (ростқавл), олими дин ва зоҳид дар дунё набошанд ва он чи арз мекунанд яқин ва исботшуда набошад, нашояд онҳоро ба кор гумошт»[3].**

---

1. **А.Зарринкӯб**, Рӯзгорон…, саҳ: 189.
2 **Артур Кристенсен**, Эрон дар замони Сосониён, Теҳрон, 2000, саҳ:92.
3. **Артур Кристенсен**, Эрон дар замони Сосониён, Теҳрон, 2000, саҳ:92.
1. **А.Зарринкӯб**, Рӯзгорон…, саҳ: 94.

Аз ин мисол метавон тахмин зад, ки Тансир дар дарбори Ардашер мушовири масоили амниятӣ будааст ва аз ин рӯ аз мавҷудият ва фаъолияти чунин як ниҳоди иттилоотӣ ва амниятӣ дар сохтори давлатдории Ардашери Бобакон, дар мактубаш ба шоҳи Табаристон, ки нишонаҳои ёғигӣ дар ӯ зуҳур шуда будааст, ҳимоят кардааст.

Ибораи «чашмҳои подшоҳ», ки маҷозан ба маънои мунҳиён (хабаррасонҳо) ё худ гумоштаҳо истифода мешуд, барои ин давраи таърихии мардуми мо, яъне давраи Сосониён ибораи нав набуд. Чуноне, ки аз манбаъҳои хеле қадим ва ҳатто атиқа бармеояд, ин ибораро ҳанӯз дар замони давлатдории ҳахоманишиҳо васеъ истифода мекардаанд. Ба гуфтаи доктор **Зарринкӯб** бошад **«Аргбад, ки номи мансабе дар аҳди Дориюши I буд ва фармондеҳи муҳофизони қалъа дар маркази вилоятҳо ба ҳисоб мерафт, дар қатори як масъули умури молӣ, ки нозир ба духул ва хуруҷи аснод ва дафотири молиётии вилоят маҳсуб мешуд ва мустақиман ба шоҳ итоат мекарданд, маъмулан «чашм» ва «гӯш» - и шоҳ хонда мешуданд. Онҳо соҳиби ихтиёроти баланд буданд. Ногаҳонӣ дафотир ва хазинаи вилоятро баррасӣ мекарданд. Ва дар боби наҳваи иҷрои адолат ва ҷамъоварии молиёт аз табақоти мухталиф бозҷӯӣ менамуданд»[1].** Муаллифони китоби «Таърихи дунёи қадим», дар хусуси ин «чашм» - у «гӯшҳо» дар давлатдории аҳди Дорои I чунин менависанд: **«...Ба тамоми манотиқи кишвар нозирони махсус фиристода мешуданд, ки онҳоро мардум дар байни худ «чашм» ва «гӯш» - и шоҳ меномиданд. Дар асоси гумони нахустин онҳо**

**метавонистанд шахси дилхоҳро боздошт ва ба қатл бирасонанд, ҳатто агар он сатрап** (ҳокими вилоят С.Ҳ.) **бошад»[1].**

Дар бораи он, ки Ардашери Бобакон дар сохтори давлатдориаш **«дастгоҳи бозрасии муназзаме барои назорат аз болои аъмоли ходимони хеш ба вуҷуд овардааст»** доктор Зарринкӯб низ бо такя ба манбаъҳои таърихӣ маълумот дода, **«онро амре медонад, ки эҷоди як императории устувори тоза ба рӯи вайронаҳои як императории соқитшуда омада илзом мекунад».[2]**

Мушовири дигари Ардашери Бобакон **Ҳоҷиб, Аргбад** ва **Ҳирбад Абарсом** низ аз рӯи мавқеи худ яке аз муҳимтарин соҳибмансабони дарборӣ ба шумор мерафтааст. Дар бораи Ҳоҷиб, ки маънои луғавиаш пардадор ва дарбон аст, каме поёнтар маълумот хоҳем дод. «Аргбад» бошад ба гуфтаи **Артур Кристенсен «дар аввал маънои дижбон, фармондеҳи муҳофизони як қалъаи мустаҳкамро дошт ва баъд унвони як мансаби лашкарии бисёр муҳим шудааст. Худи Ардашери Бобакон дорои ин унвон буд ва чун ба подшоҳӣ расид лақаби Аргбад олитарин мансаби лашкарӣ ба ҳисоб рафт»[3]**.

Ғайр аз ин ба навиштаи А. Кристенсен **«анҷоми баъзе аз умури қазоӣ (судӣ С.Ҳ.) ҳам дар вазоифи Ҳирбад будааст[4]**, ки **Абарсом** ин масъулиятро низ ба ӯҳда доштааст.

---

1. **Родер Д.Г**., Черкасова Е.А. История древного мира, Москва, 1979, част 1, стр: 246.
2. **А.Зарринкӯб**, Рӯзгорон…, саҳ: 189 - 190.
3. **А.Кристенсен**, Эрон дар замони Сосониён», саҳ: 76.
4. **А.Кристенсен**, Эрон дар замони Сосониён, саҳ: 84

Чи тавре, ки мебинем, аз аҳди подшоҳии Ардашери Бобакон ва ҳатто пеш аз ӯ сар карда, тамоми амирону подшоҳони баъдинаи форсу тоҷик дар давлатдории худ аз ин институти ҳукуматдорӣ, яъне органе, ки барои таъмини амният, ҳифзи розу асрори дарбор хизмат намояд, васеъ истифода кардаанд. Тибқи далолати сарчашмаҳо дар замони давлатдории Сомониён дар структураи ҳукумати ин сулола **Ҳоҷиб – солор** ном вазифае вуҷуд дошт, ки соҳиби ин вазифа масъули умури амниятӣ ва низомӣ буда, дар баробари шоҳ ва садри аъзам **«ба даргоҳи мусаммо»,** яъне органи тасмимгирӣ шомил мешуд ва танҳо ин **се нафар, яъне шоҳ, садри аъзам ва Ҳоҷиб–солор дар мавриди масъалаҳои аҳамияти давлатӣ дошта, чунончи таъмини амнияти дарбор, таъини сарлашкари кишвар тасмим мегирифтанд**[1].

Ҳамин тариқ то андозае маълум шуд, ки муассиси давлати бузурги Сосониён Ардашери Бобакон ва пайравонаш дар мустаҳкам кардани пояҳои давлату давлатдорӣ барои касби иттилоот, яъне гирд овардани ахбору маълумот дар бораи аҳволи дохиливу берунии мамлакат ва мафҳуз нигоҳ доштани розу асрори дарбор, ҳукумат ва кишвари хеш чи гуна ниҳодҳое доштаасту масъулини онҳо чи корҳоеро анҷом медоданд.

Акнун бевосита ба сарчашмаи дигар, ба китоби **«Корномаи Ардашери Бобакон»**, ки яке аз қадимтарин осори адабиёти ниёгон буда, дар ҳудуди асри VI навишта шуда мазмунан аз манбаъҳои дар боло зиркшуда хеле тафовут дорад, муроҷиат мекунем ва кӯшиш менамоем, ки бо мисолҳо ба хонандаи азиз, фаъолияти Ардашери

---

1. **Ҳ.Назаров,** Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, Душанбе, 1999, саҳ: 71.

Бобаконро дар ин самт то он ҷое, ки даст меёбем, кушода диҳем.

Дар ин асари қадима омадааст, ки Бобак марзбону шаҳриёри Порс баъди огаҳӣ ёфтан аз он ки яке аз чӯпонҳояш - Сосон аз тухмаи Дороён будааст, духтарашро ба ӯ хонадор менамояд ва аз ин издивоҷ баъди чанде тифле ба дунё меояд, ки онро Ардашер ном мегузоранд. Ардашер баъдан дар таърих бо номҳои Сосонӣ – ишора ба номи падар ва аксаран ба номи Бобакон, ишора ба номи бобои модариаш маъруф мегардад.

Ардашер аз хурдсолӣ закӣ, чобук ва шуҷоъ буд. То синни 15 солагӣ дар назди бобояш Бобак илму ҳунарҳои зиёдеро аз худ карда шӯҳраи наздику дур гашта буд. **Ардавон шоҳи Форс**, ки дар Рай пойтахт дошт, овозаи Ардашерро шунида ба Бобак, ба ҳокими яке аз музофотҳои хеш номае мефиристад ва хоҳиш мекунад, ки Ардашерро барои таълиму тарбия гирифтан ба наздаш фиристад. Бобак ноилоҷ набераашро ба назди Ардавон мефиристад. Ардавон баробари дидани Ардашер хеле ҳам шод мешавад ва ӯро гиромӣ медорад ва дар баробари фарзандонаш ба таълиму тарбияи ӯ мепардозад. Аксарияти таърихнигорон ва муҳаққиқони замони ҳахоманишиҳо ва сосониҳо бар онанд, ки ин лаҳзаи сюжети китоби «Корномаи Ардашери Бобакон» аз ҳаёти асосгузори империяи Ҳохоманишиҳо **Куруши Кабир** гирифта шудааст. Дар ҳақиқат Куруш дар овони наврасӣ дар дарбори шоҳаншоҳи **Мод Астиаг** таълиму тарбия гирифтааст. Дар ин бора солноманависи аҳди атиқа **Ксенофонт** дар китоби худ **«Киропедия»**, яъне «Таълиму тарбияи Куруш» бисёр ҳам маълумоти муфассал додааст.

Муаррихи фаронсавӣ, профессор **Пиер Бриён** бо истинод ба ин китоб ва асарҳои дигар таърихнависони қадим **Ҳеродот** ва **Стробон** менависад, ки **«ҷавонони порсӣ аз 5 – солагӣ то 20 солагӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешуданд. Аз синни 20 солагӣ аз омӯзиш гирифта мешуданд то дар амалиётҳои низомӣ ширкат ҷӯянд. Онҳо баъзан то 50 солагӣ дар артиш хидмат мекарданд»[1].** Ба навиштаи **Ҳеродот «порсиён фақат се корро бо фарзандонашон меомӯзондаанд: аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ. Стробон «найзапартоӣ» - ро низ илова мекунад»[2].** Сипас Пиер Бриён иқтибоси зеринро аз китоби **Страбон** дар хусуси варзиш ва тамринҳои пагоҳирӯзии ҷавонони порсӣ меорад: **«Муаллимон писарҳоро ба гурӯҳҳои 50 нафара тақсим мекунанд ва барои фармондеҳии ҳар гурӯҳ яке аз писарони шоҳ ё писарони сатрапро бармегузинанд ва ба афроди гурӯҳ дастур медиҳанд ба дунболи фармондеҳи худ то нуқтаи муайяне бидаванд. Аз онҳо талаб мекунанд, ки дар бораи ҳар дарс гузориш танзим кунанд. Онҳоро таълим медиҳанд то бо садои қавӣ бонг бароваранд ва барои тақвияти шушҳо нафаси амиқ бикашанд. Муаллимон онҳоро барои таҳаммули гармо, сармо ва борону селоб ва убур аз селобҳо таълим медиҳанд, ба гунае ки дар вақти гузаштан силоҳҳо ва пӯшокҳои худро хушк нигоҳ доранд. Ҳамчунин ба онҳо меомӯзанд, ки галаҳоро чӯпонӣ кунанд ва шаб дар берун аз хона зиндагӣ кунанд. Меваву гиёҳҳои зарарноки ваҳширо бишносанд ва нахӯранд. Ҳар рӯз баъд аз тамрин ва варзишҳои баданӣ**

---

1. **П.Бриён,** ҳамон ҷо, саҳ:693.
2 **П.Бриён**, ҳамон ҷо, саҳ:693.

**ғизои онҳо аз нону кулчаҳои ҷавин, қаланфур, донаҳои намак, гӯшти кабобшуда ё ҷӯшонда аст. Аз болои асп шикор кардан, яъне найза партофтан ва фалахмон парронданро дар аснои шикор бояд меомӯхтанд. Баъд аз нисфирӯзӣ асосан бо тамрини дарахтшиносӣ, ҷамъоварии решаҳои гиёҳҳо, сохтани силоҳҳо, бофтани карбос ва турҳои шикорӣ машғул мешуданд»**[1].

Тарбияи **«ростгӯӣ»** чӣ маънӣ дошт? Ба гуфтаи **Ксенофонт** дар «Киропедия», **«кӯдакони порсӣ вақти муайянеро барои омӯзиши мафҳуми адолат, ҳақшиносӣ, ростӣ ва миёнаравӣ ва эътидолҷӯӣ мегузарониданд. Ҳамаи ин корҳо барои он анҷом мегирифт, ки дар кӯдакӣ ҳисси садоқат ва вафодорӣ ба салтанат парвариш ёбад»**[2].

Чи тавре ки аз иқтибосҳои болоӣ мебинем дар аҳди Ҳахоманишиҳо, яъне қариб 8 аср қабл аз зуҳури давлати Сосониҳо, дар баробари тарбияи ҷисмонӣ ва низомии кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба тарбияи маънавӣ ва идеологии онҳо аҳамияти махсус медоданд. Барномаи таълимии мактабҳои ҷавонони порсии замони давлатдории Ҳахоманишиҳо ва баъдан сосониҳо программаҳои омӯзишии баъзе таълимгоҳҳои вижаи артиш ва хадамоти махсуси кишварҳои пешрафтаи муосирро ба хотир меорад. Воқеан, ба ин таълимгоҳҳо чи дар аҳди Ҳахоманишиҳо ва чи дар замони сосониҳо на ҳама ҷавонони хоҳишмандро қабул мекарданд. Дари ин мактабҳо одатан ба рӯи ашрофзодагон ва намояндагони қисмати болоии ҷомеа боз буд. Дар замони ҳозира низ ин талабот то андозае дар баъзе мамолик риоя

1. **П.Бриён**, ҳамон ҷо, саҳ:693.
2. **П.Бриён**, ҳамон ҷо, саҳ:694.

мешавад. Иллати чунин муносибат дар он аст, ки корҳои низомӣ ва амниятиро аз қадим амали намояндагони наздик ва боэътимод ба ҳокимон медонанд.

Биёед, акнун хонандаи гиромӣ баъд аз ин руҷӯи хеле ҳам давомдор баргардем ба таълимгоҳи Ардавон то бубинем Ардашери ҷавон чӣ фанҳоро омӯхт ва баъдан чӣ кор кард. Ардашер дар чавгону саворӣ, шатранҷу невардашер (нард) ва фарҳангҳои дигар аз ҳама фарзандҳои Ардавон пеш мегузарад ва чусту чолоктар мегардад. Ин гуна пешравии Ардашер боиси дар фарзандони Ардавон ва баъдан дар худи ӯ зоҳир шудани ҳиссиёти рашку ҳасад, буғзу кина мегардад. Билохира Ардавон бо баҳонае Ардашерро аз идома додани таҳсили илму маърифат ва тарбияи улуми низомӣ, варзиши бадан манъ намуда, саиси аспҳо таъинаш мекунад. Ардашер аз ин амали шоҳ Ардавон дилтанг шуда, дар ҷустуҷӯи роҳи баромад аз ин ҳолати ногувор мешавад ва пеш аз ҳама даст ба касби иттилоот, яъне ҷамъ кардани хабару маълумот аз дарбори подшоҳ Ардавон мезанад. Дар навбати аввал бо канизаке, ки барои Ардавон муқаддамтару гиромитар аз дигарон буд ва ҳамчун вазир ва хазинадораш медонист, робита барқарор намуд. Канизак ошиқи Ардашер шуд ва ҳаррӯза ӯро аз аҳволи дарбор огаҳӣ медод.

# СИТОРАШИНОСОН ВА ФОЛБИНОН НИЗ МАНБАИ ИТТИЛООТАНД

Дар гузашта подшоҳону сарварони давлатҳо ба хотири иттилоъ гирифтан аз пешомадҳои хеш ва наздикону ақрабояшон аз хизмати мунначимону ситорашиносон ва ҳатто фолбинон васеъ истифода мекарданд. Имрӯзҳо низ дар замони пешрафти илму техника ин амал роиҷ аст. Дар назди хадамотҳои иттилоотӣ ва зиддииттилоотии кишварҳои мутараққӣ шӯъбаҳои махсусе амал мекунанд, ки бо ҷамъоварӣ, таҳқиқу баррасӣ ва ба масъулони давлат пешкаш кардани иттилооти аз чунин манбаъҳо ба даст омада машғуланд.

Дар вақти яке аз чунин пурсишҳо ситорашиносон ба Ардавон хабар мерасонанд, ки тибқи ҷобаҷогирии ҷирмҳои осмонӣ, аз ҷумла, ситораву саёраҳои маъруф, дар қаламрави Эронзамин подшоҳи нав падид меояд ва ӯ подшоҳони худро нобуд сохта, ҷаҳонро ба ягонаподшоҳӣ меоварад. Фолбини дигаре ҳатто мегӯяд, ки подшоҳи оянда шахсе хоҳад буд, ки ӯ дар зарфи се рӯзи наздик қаламрави подшоҳ Ардавонро тарк намояд.

Ардашер тамоми ин суханонеро, ки мунаҷҷимону фолбинон ба Ардавон мегуфтанд, тавассути канизаки ӯ мефаҳмад. Ва ӯ ба канизак гуфт, ки агар андешаат ба ман росту ягонааст, дар ҳудуди ин се рӯз, ки доноёну ахтаршиносон мунтахабан гуфтаанд: **«Ҳар кас, ки аз подшоҳи хеш бигурезад, ба подшоҳӣ бирасад», биё бо ман биравем, то ҷаҳонгир шавем**»[1]. Канизак ба ин

---

1. **Корномаи Ардашери Бобакон**, Душанбе, 1994, саҳ 11.

пешниҳоди Ардашер розӣ мешавад ва қабл аз он, ки бигурезад, аз ганҷинаи Ардавон шамшери ҳиндӣ, зини заррин, камари мешсар, тоҷи заррин, ҷоми заррин, гавҳару дираму динор, ҷавшану зиреҳ ва зинафзори пироста ва бисёр чизҳои дигар гирифта барои Ардашер биоварду Ардашер низ ду аспи беҳтарини Ардавонро, ки «рӯзе ҳафтод фарсанг роҳро тай карда метавонистанд», зин кард ва бо ҳамроҳии канизак роҳи Порсро пеш гирифт.

Ҳамин тариқ касби иттилооти дақиқ ва тарзи дурусти саривақтии истифода аз он Ардашерро ҳидоят ба он кард, ки дар гирифтани давлат саъйу кӯшиш намояд. Бо худ гирифтани боигарии калон ва аспони чобуки Ардавон, ки ба қавле номбардорони ӯ будаанд, низ далолатгари дурустии гуфтаҳои мост. Дар масири ҳаракати хеш ба сӯи Порс Ардашер ба хотири дар ғафлат намондан ва дастгир нашудан ва ҳарчи тезтар ба ҳадаф расидан низ ба касби иттилоот машғул будааст. Билохира Ардашер бо ҳамроҳии канизаку молу мулки ба даст овардааш ба соҳили баҳр мерасад ва онҷо одамони зиёдеро, ки аз сиёсати Ардавон норозӣ буда, аз ҷабру зулми ӯ гурехта мегаштанд, дар атрофи худ муттаҳид месозад. Аксари ин одамон фарри каёниро дар симои Ардашер медиданд ва аз авлоди Доро будани ӯро эътироф мекарданд. Ба ӯ на танҳо шахсони бебизоат, балки афроди соҳиби боигариву лашкари зиёде низ ҳамроҳ мегарданд. Масалан, Бунак ном сипаҳдоре аз Исфаҳон бо шаш нафар хуҷастаписару силоҳи зиёд дар ҷое, ки ба хотири Ардашер Ромиш – Ардашераш ном карданд, ба назди Ардашер омад ва арзи садоқат намуд:

**Чунон сер гаштам зи шоҳ Ардавон,**
**Ки аз пиразан шуда марди ҷавон.**
**Ба фармони ту кӯҳ ҳомун кунем,**
**Ба теғ оби дарё ҳама хун кунем.**

Ҳамин тариқ Ардашер афсарон ва лашкарони бисёреро ҷамъ оварда, таълим дод ва ба ҷанги Ардавон ва фарзандонаш омода намуд. Дар аввал Баҳмани Ардавонро шикаст дод. Сипас худи Ардавонро дар яке аз набардҳо ба қатл расонида, ду фарзандашро дастгир намуда зиндонӣ месозад. Ду фарзанди калонтари Ардавон аз майдони ҷанг ба сӯи Ҳиндустон мегурезанд. Ардашер духтари Ардавонро ба занӣ гирифт ва боз ба Порс рафт ва шаҳристоне бино кард, ки он ҷоро Ардашерфар хонданду муддате ба ободонии шаҳру деҳоти қаламраваш машғул гашт.

Дар набарди зидди шоҳи Курдон Модиг Ардашер аввал ба шикаст мувоҷеҳ шавад ҳам, вале баъди он, ки худи ӯ шахсан аз сарчӯпоне оид вазъи ҷуғрофии маҳали корзор касби иттилоъ мекунад, дар натиҷаи шабехун задан бо теъдоди каме аз сарбозонаш лашкари Модигро торумор менамояд.

## «ШУНИДАН КАЙ БУВАД МОНАНДИ ДИДАН»

Дар мисоли зерин донишу таҷрибаи Ардашер дар соҳаи истифодаи дуруст аз иттилооти бадастомада хеле ҳам баръало мушоҳида мешавад ва возеҳ мебинем, ки ӯ шахсан чи гуна дар татбиқи иттилооти бадастомада ширкат меварзад. Дар қаламрави ӯ Кирми Ҳафтбод ном марде буд, ки як духтар дошту ҳафт писар. Лақаби Кирмро аз он сабаб

гирифта буд, ки духтараш кирмеро аз даруни себе гирифта ба воя мерасонад ва билохира он кирм мисли фил бузург мешавад ва чун аждаҳое хӯрок мехӯрад. Ҳафтбод тавассути фарзандон ва ҳамон кирми бадкеш соҳиби молу мулк шуда дар қуллаи кӯҳе қалъа сохта, ба дуздиву ғорати мардум машғул мешавад. Кор то ба ҷое мерасад, ки Ҳафтбод ҳатто соҳиби лашкари панҷҳазора мешавад ва онро ба ғорати вилоятҳои гирду атроф мефиристад. Қалъаи болои кӯҳро Кирму дигар лашкари корозмуда дифоъ мекарданд. Барои тасхири ин қалъа Ардашер лашкаре мефиристад, вале он ба осонӣ аз тарафи Ҳафтбоду фарзандонаш торумор мегардад. Сипас ӯ худ сарварии лашкарро ба ӯҳда гирифта ба корзори Кирм мерасад, вале фирефтаи ҳилаву найранги Ҳафтбод гардида, ба муҳосира афтода, лашкарашро пурра аз даст медиҳад ва худ ба қиммати бузурге ҷон ба саломат мебарад. Дар деҳае, ки Монд ном дошт, ба бародарон Бурзак ва Бурзодур аввалан худро ҳамчун сарбози Ардашер муаррифӣ мекунад ва чун мутмаин мешавад, ки бародарон ҷонибдор ва мухлиси Ардашер ҳастанд, худашро ошкор месозад ва аз онҳо илоҷи воқеаро пурсон мешавад. Бародарон ба ӯ мегӯянд: - **«Ту хештанро дар ниқоби марди мусофир ороста кун ва хизматгори ӯ шав. Ду марди диногоҳро бо худ бар ва дар дил дуо бар Яздону ҳамешаспандон хон ва ба ҳангоми хӯрок хӯрдани он Кирм рӯин (сурб) гудохта ба даҳони он аждаҳо бирез, то бимирад»[1].**

Ардашер бо диққат ин пешниҳодро шунид ва ба Бурзаку Бурзодур гуфт, ки дар амалӣ кардани он ҳамроҳаш бошанд. Қабл аз ба ҷанги Кирм рафтан Ардашер нақшаи

---

1. **Корномаи Ардашери Бобакон**, Душанбе, 1994, саҳ 21.

онро нозукона тарҳрезӣ намуд, ки тибқи он барнома лашкари 12 ҳазор нафараи ӯро яке аз сарлашкарони соҳибтаҷрибааш Шоҳгири хирадманду солор сарварӣ мекард. Ардашер ба Шоҳгир чунин дастур дод: **«Акнун равшанравон бош, шабу рӯз талоя (аскарони пешгард) ба пой бошад, дар он сарварони бодонишу раҳнамойро дохил кун. Ҳама дидагонашонро кушода доранду посбонӣ кунанд. Ман акнун яке кимиё месозам, ки ин меросе аз ниёям Исфандиёр ба ман аст. Агар дидбонон рӯз дуд бинанду шаб оташ, бидонед, ки ахтару рӯзи бозори Кирм гузашт ва шумо зуд ба сари кори Кирм бишитобед»[1].**

Сипас Ардашер аз миёни меҳтарон ҳафт нафар мард, минҷумла Бурзаку Бурзодурро интихоб кард, ки онҳо ҳама ҳамрози Ардашер буданд ва розашонро ба боди ҳаво ҳам намегуфтанд. **«Басе гавҳару ганҷу дебову ҳар гуна чиз гирифт. Ду сандуқро пур аз сурбу арзиз кард. Як деги рӯин бор кард»[2]** ва бар тан ҷомаи хуросонӣ роҳи қалъаи Кирмро пеш гирифт. Дарбонон чун бозаргони хуросонӣ будани ӯро фаҳмиданд, ба рӯяш дарвозаи қалъаро кушода худро зери борони тӯҳфаву ҳадяҳои савдогари наҷиб диданд. Ардашерро бо Бурзаку Бурзодур ба нишони эҳтиром дар хонаи Кирм ҷой карданд. Ардашер се рӯз шахсан парастиши Кирмро кард. Бо парастандагони Кирм май ва ба худи Кирм шахсан хӯрок пухта медод. Дар ин байн яке аз нафарҳои ҳамроҳаш ба қалъа воридшударо ба берун, ба назди лашкараш фиристод ва тавассути ӯ ба лашкар дастури омодабош дод ва онҳоро мунтазири ишора, яъне сар додани дуд аз қалъаи Кирм кард. Бо расидани фурсати

---

1. **Корномаи Ардашери Бобакон**, Душанбе, 1994, саҳ 21.
2. **Корномаи Ардашери Бобакон**, Душанбе, 1994, саҳ 11.

мувофиқ Ардашер баъд аз он, ки парастандагони Кирмро масти лояқил карда буд, ба деги рӯин сурбу қурғошим рехта онро гудохт ва ҳамин, ки Кирм талаби хӯрок кард ба ҳалқи ӯ сурби гудохтаро рехт. Кирм садои даҳшатноке баровардy ҷон дод. Шӯр дар қалъа барпой шуд. Ардашер парастандагонро, ки ҳама маст буданд, аз дами теғ гузаронд. Дар қалъа оташ сар доданд ва дуди он оташро дида лашкари Шоҳгир ба қалъа ҳуҷум овард ва онро тасхир намуд. Ҳафтбод ва Шоҳуни айёри ӯ низ баъдан дастгир шуда ба дор овехта шуданд.

Дар қадимтарин асари хатии адабӣ – таърихии мардуми форснажод, ки то ба замони мо омада расидааст ва таърихи тақрибан 1600 сола дорад - «Корномаи Ардашери Бобакон», чи тавре ки дидем, муаллиф хеле муфассал аз тарзу усули фаъолияти иттилоотӣ чи гуна истифода бурдани Ардашери Бобаконро ба қалам додааст. Гузаронидани чунин амалиётро ба мисли амалиёти Ардашер оиди тасхири қалъаи Кирм Ҳафтбод хадамоти ҷосусӣ ва зиддиҷосусии мамолики дунё, ки мушкили мушобеҳ доранд, орзу мекунанд. Охир, ҳанӯз ҳам роҳи асосии кушодани дарвозаҳои қалъаҳои дастнорас – харидани дарбонҳои онҳо боқӣ мондааст. Ё худ тавассути истифода аз май ва дигар маводи мадҳушкунанда касби иттилоот кардану безарар намудани рақибон магар усули кӯҳна шудааст? Яке аз роҳбарони собиқ пуриқтидортарин хадамоти иттилоотӣ ва зидддииттилоотии ҷаҳон КГБ – и СССР Вячеслав Широнин дар китоби худ «Под колпаком контразведки», ки соли 1996 нашр гардидааст, дар хусуси роли ин хадамот дар ҷанги Афғонистон сухан ронда

менависад, ки муҷоҳиддини афғон дар фаъолияти хеш оиди сари вақт огоҳ кардани ҳамшариконашон аз хатар аз усули нисбатан содда, вале санҷидашуда – сар додани гулханҳои бузург ва сердуд истифода мекарданд. Ҳамсафон баробари дидани ин ишораҳо тибқи маслиҳати пешакӣ амал мекунанд. Айнан он чизеро, ки дар фаъолияти Ардашер ҳангоми тасхири қалъаи Кирми Ҳафтбод дидем.

## «ФИРИСТОДАРО РОЗ БИГИР…»

Дар поёни ҳамин асари «Корномаи Ардашери Бобакон» панду андарзҳои ин абармарди таърих, бунёдгузори ҳукумати Сосониён оварда шудааст, ки дар он низ Ардашери Бобакон зарурати ба даст даровардани иттилоотро доири аҳволи дохиливу берунии мамлакат таъкид кардааст. Аз ҷумла, дар яке аз андарзҳояш ӯ ба шоҳони баъдина чунин васият кардааст: **«Аз ҳар ҷое, ки фиристода ояд, ӯро пеши худ хону бар тахти заррин шинон ва ба пурсиш ҳама рози ӯро бигир. Аз доду бедоди кишвараш, аз оину аз шоҳу аз лашкараш, аз неку бад ва аз ному овозаи ӯ огоҳ бошӣ. Ӯро ба айвон бурда ҳарчӣ ба кор бурд, биоройӣ. Ва аз он пас ба хону майаш бихон ва ба тахти заррин биншон, бо хештан ба шикори нахчираш бар, лашкари бисёре дар анҷуман бигир. Ҳангоми гусел карданаш хилъати шаҳриёрӣ биорой.**

**Ба ҳар сӯи кишвар мубадонро бифирист, чунки онҳоянд беозору бедордилу бихрадон. То ҳар сӯ шаҳрҳо сохтанд ва бар ин ганҷе бипардохтанд.**

**Ба гирди ҷаҳон хирадмандону бедордилу корогоҳонро фиристон, ки ҷое ки замин хароб буд ва**

**агар об кам буд, хироҷ аз он бум бардоштӣ ва замини касонро хор намегузоштӣ»[1].**

Ҳамин гуна таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардан ба касби иттилоот ва тарзу усули истифода аз он буд, ки Ардашери Бобакон тавонист пояҳои чунин як давлати абарқудратро таҳким бахшад, ки зиёда аз 400 сол (224 – 651) арзи вуҷуд намояд. Давлати Сосониён дар аҳди Хусрави **I** Анӯшервон (531 – 579) ба авҷи иқтидори худ расид. Хусрави **I** ҳатто Ямани Арабистонро тасхир намуд. Дар аҳди ин шоҳ инсофу адолат чунон густариш ёфта буд, ки бо гузашти 1420 сол номи Анӯшервони одил рамзи подшоҳону амирони адолатпеша гардидааст. Хотам – ул – анбиё Ҳазрати Муҳаммади пайғамбар (с) дар як ҳадиси муборaки хеш аз он изҳори ризоят ва хушнудӣ кардааст, ки дар аҳди шоҳи адолатпеша Анӯшервони Одил ба дунё омадааст.

Дар ин ҷо ба андешаҳои худ оиди касби иттилоот дар аҳди Ардашери Бобакон бо ин мисраъҳои пандомӯзи паямбари назм Абулқосими Фирдавсӣ ҳусни хотима мебахшем:

**Чунин гуфт марди суханофарин,**
**Зи ахбори шоҳони Эронзамин…**
**Ҷаҳоне ба зоти ту вобастаанд,**
**Ба фармони ҳукми ту побастаанд.**
**Ба ғафлат макун хоб, бедор бош!**
**Зи аҳволи гетӣ хабардор бош!**
**Чу дар ӯҳдаи туст олам тамом,**
**Машав ғофил аз кори худ, вассалом.**

---

1. **Корномаи Ардашери Бобакон**, Душанбе, 1994, саҳ 34 - 35.

# НАҚШИ ХАДАМОТИ ИТТИЛООТИВУ АМНИЯТӢ ДАР ДАВЛАТИ СОМОНИЁН

Пӯшида нест, ки нақшу мавқеъи хадамоти иттилоотиву амниятӣ ё ба истилоҳи маъмулии имрӯза разведкаву контрразведка, дар байни дигар рукнҳои сохтори давлатдорӣ новобаста ба давру замон аз аҳмияти хеле бузург бархурдор аст. Таърихи башарият гувоҳи он аст, ки тамоми мамолики аз ҷиҳати сиёсиву иқдисодӣ, низомию фарҳангӣ тараққикарда ва ҳатто ба дараҷа абарқудратӣ расида, дар ҳар давру замон, пеш аз ҳама ба сабаби мавҷудият ва муназзаму сермаҳсул фаъолият намудани хадамоти иттиллотиву амниятӣ ба чунин дастовардҳои беназир муваффақ шудаанд. Барои мисол шакли давлатдории Мисри замони фиръавнҳо, Юнони давраи Искандари Мақдунӣ, Форси аҳди Сосониён, Рими ҳини давлатдории Юлий Сезарро ба ёд биёрем. Дар қатори дигар омилҳои умдаи густаришу таъмими дини мубини Ислом дар замони расули Акрам (с), сабабҳои дигари тавсиъа ёфтану доман густурдани мустамликаҳову колонияҳои сершумори Британия Кабир, Россияи подшоҳӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ дар қитъаҳои Осиёву Африқо дар асрҳои XIX - XX ва имрӯз муқтадиртарини кишвари дунё шудани Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мавҷудияту дар сохти давлатдории онҳо муназзам фаъолият кардани чунин хадамоти хеле ҳам пурқудрату хеле ҳам тавоноро ҳамчун як сабаби асосӣ ва омили муҳим эътироф бояд кард.

Давлатдории давраи Сомониён аз гуфтаҳои боло истисно нест. Қаламрави давлати Сомониён аз сарҳадоти

шимолии Фарғона то ба Сиистону ҳадди Ҳинду Синд ва дар ҷануб то ба Рай ва Қазвину Гургону Табаристон то ба марзи Ироқ доман паҳн карда буд. Манбаъҳову сарчашмаҳои таърихие, ки дар бораи тарзи давлатдории амирони Сомонӣ маълумот додаанд, қариб ки ҳама бархе камтару иддае зиёдтар, таъкиди ин нукта кардаанд.

Шубҳае нест шоҳони Сомонӣ дар идораи давлати нопайдоканори худ аз таҷрибаи давлатдории гузаштагон ҳамчун, Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён ва ғайра васеъ истифода бурдаанд. Дар ин бора сохтори ҳукумати Сомониён, ки аз бисёр ҷиҳат ба структураи идории имераториҳои мазкур хеле монанд буд, далолат медиҳад.

Ба қавли олими маъруфи тоҷик, аъзо – корреспонденти А.Ф.Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор **Ҳақназар Назаров «Сохтори давлатдории Сомониён дар замони салтанати амири Саъид Наср бинни Аҳмад (914 – 943) пурра ташаккул ёфта буд, ки он дар пайрави аз тарзи давлатдории Сосониён ба вуҷуд оварда шуда, аз тарзи идории мулкӣ ва низомии Тоҳириён ва Саффориён низ васеъ истифода шуда буд»[1].**

Нақши сулолаи Тоҳириён дар шаклгирии давлати мутамаркази тоҷикон хеле бузург аст. Асосгузори ин сулола Тоҳир ибни Ҳусейн ҳамчун сиёсатмадори варзида дар замонаш берун аз қаламрави худ шӯҳрат дошт. Шӯҳрати ӯро номааш, ки ба писараш Абдулло ибни Тоҳир волии Шом, Миср ва Мағриби хилофати Аббосӣ буд, навиштааст, хеле афзун карда буд. Таърихнависони дуру наздик онро программаи давлатдорие номиданд, ки барои ҳар давру замон ба кор хоҳад омад. Аз ҷумла, профессор Ҳақназар

1. **Ҳ.Назаров**, Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, саҳ:70.

Назаров аз аҳамияти бузург бархурдор будани ин мактубро таъкид карда менависад, ки **«ба дастурамали Тоҳир ибни Ҳусейни Пушингӣ, ки аз табиати шахси аввал сарзадааст, наметавон танҳо минҳайси як андарз ва насиҳатномаи адабӣ ва сиёсӣ назар кард, балки онро бояд як усулномаи давлатдории ҳам Тоҳириён ва ҳам пайравони онҳо Сомониён донист, ки сармашқи кору кирдор ва фаъолияти сиёсии онҳо қарор гирифта буд»[1].**

Дар ҳақиқат дар ҳамин «усулномаи давлатдории Тоҳириёну Сомониён» муаллиф ба масъалаи ҳамеша огаҳӣ доштан аз аҳволи раъият ва мулк аҳамияти хеле калон додааст. Тоҳир ибни Ҳусейн дар мактубаш аз писараш на танҳо талаб мекунад, ки ҳамеша дар ҷараёни ҳодисот ва авзои кишвар бошад, балки боз роҳҳои ба даст овардани маълумотро низ нишон медиҳад: **«Дар ҳар вилоят аз қаламрави хеш амине баргумор, ки туро аз кори омилонат хабардор кунанд ва рафтор ва аъмолашонро барои ту бинависанд, чунон ки гӯӣ ба назди ҳар омил ҳузур дорӣ ва ҳама аъмоли ӯро муоина мекунӣ»[2].** Бо ибораи дигар бигӯем Тоҳир ибни Ҳусейн аз писараш таъсиси хадамотеро талаб мекунад, ки вазифааш ба даст овардани иттилоот на танҳо аз вазъи кишвар, балки ҳатто дар бораи соҳибмансабони давлат низ мебошад.

**«Мактуби машҳури Ҳусейн ба писараш Абдуллои Тоҳирӣ метавонад намунаи беҳтарини усули давлатдорӣ ҳисоб шавад, ки аз мазмун ва муҳтавои он Сомониён комилан огаҳӣ доштанд ва усулҳои онро дар фаъолияти сиёсии худ риоя мекунанд»**[3].

---

1. **Ҳ.Назаров**, Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, саҳ:43.
2. **Ҳ.Назаров**, Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, саҳ:43.
1. **Ҳ.Назаров**, Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, саҳ:70.

# МАВҚЕИ ХАДАМОТИ МАХСУС ДАР СОХТОРИ ҲУКУМАТИ СОМОНИЁН

Биёед якҷоя ба сохтори ҳукумати замони Сомониён назар андозем ва бубинем, ки хадамоти амниятиву иттилоотӣ дар байни дигар рукнҳои ҳокимият чи мақоме доранд. Ҳукумати Сомониён аз 10 девон ё худ вазорат иборат буд ва дар раъси он девони **садорат** қарор дошт, ки умури сиёсӣ ва иқдисодии кишварро муроқибат мекард ва масъули он **Садри аъзам** буд. Девони **ваколат** бо ҳаллу фасли масоили дохилии дарбор ва вобаста ба шахсияти амир машғул буд. Девони **муставфӣ** масъулияти хазинаву хазинадорӣ, ситондани боҷу хироҷро бар дӯш дошт. Девони **қазо** аз болои кори маҳкамаҳо назорат мебурд ё ба ибораи дигар функсияи вазорати адлияро иҷро мекард. Девони **шурта** бошад вазоифи вазорати корҳои дохиларо ба ӯҳда дошт. Девони **авқоф** ва девони **эҳтисоб** ба масоили инкишофи масоҷиду мадорис, истифода аз заминҳои дар ихтиёри онҳо буда, назорат аз болои иҷроиши талаботи шаръии дини мубини Ислом аз ҷониби атбои кишвар машғул буданд. Девони **расоил** ғайр аз ирсоли мукотиботи расмии давлатӣ боз ба фаъолияти идораи баладия (шаҳрдорӣ), ҷосусӣ (разведка) ва назорат аз болои иҷрои қонунҳо машғул буд. Вазифаи вазорати алоқа, яъне почтаро бошад девони **барид** ба ҷо меовард. Дар бораи вазифа ва масъулияти ин девон маълумотҳои мухталиф хеле зиёданд. Сардори шӯъбаи таъмини курсҳои олии Вазорати Амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **номзади илмҳои фалсафа, капитан Абдусаттор Одинаев** аз ҷумла менависад, ки **«яке аз**

**девонҳои бонуфуз, ки ба расонидани муросилоти давлатӣ ва назорати махфӣ аз болои кори ҳокимони маҳаллӣ машғул буд, девони соҳиббарид (девони почта) буд. Ин девон дар ҳама ҷо амалдорони маҳаллии худро дошт, ки онҳо қосидҳо ва аспҳо доштанд. Амалдорони маҳаллии ин девон аз дигар девонҳо бо чунин хусусиятҳои худ фарқ доштанд, ки онҳо танҳо ба идораи марказии худ итоат мекарданд. Вазири девони соҳиббарид мутасаддии ҳамаи корҳои девон буд. Ӯ пеш аз ҳама вазифадор буд, ки тамоми роҳ ва пайраҳаҳои кишварро ба хубӣ донад, то ки ҳангоми сафарбар намудани қӯшун ба ин ва ё он мавқеъ роҳбалад шуда бехатарии онро таъмин карда тавонад. Вазири девони соҳиббарид шахси бовариноктарини амир ба шумор мерафт»[1].** Дар идомаи ҳамин мақолааш А.Одинаев менависад, ки **«девони соҳиббарид инчунин фаъолияти кашф (разведка) зиддикашф (контрразведка) – ро низ ба ӯҳда дошт**. Сипас дар хусуси бо кадом тарзу шева вазоифи худро ин девон ба ҷо меовард А.Одинаев маълумот медиҳад: **«Сардори хадамоти махфии девони соҳиббарид Соҳибхабар ном дошт. Шахсони хабаррасони ин хадамотро айн, яъне чашм меномиданд. Онҳо маълумот ва хабарҳои заруриро аз гӯшаву канорҳои мамлакат ҷамъ оварда дар сари вақт ба маълумоти роҳбаронашон мерасониданд… сардори хадамоти махфии девони соҳиббарид – Соҳибхабар муваззаф буд, ки ба амири сомониён роҷеъ ба тамоми масоиле, ки ба давлатдории онҳо дахл дошт ба таври мушаххас ва дақиқ иттилоъ**

1. **А.Одинаев**, Хадамоти амниятии давлати Сомониён, ҳафтавори **«Тоҷикистон»**, №35 аз 18.12.98.

**диҳад. Инчунин дар иттилоот доир ба фаъолияти амалдорони андоз, ҳокимон, раисони шаҳрҳо, ходимони қозӣ ва инчунин оиди аҳволи иҷтимоии мардум хабардор мешуд. Ҳар як шаҳр, ноҳия ва вилоят сардори хадамоти махфии худро дошт. Онҳо доир ба авзои сиёсӣ ва иҷтимоии шаҳру ноҳия ва вилоят ба таври доимӣ ба вазири Соҳибхабар маълумот медоданд»**.[1]

**Академик Н.Н.Неъматов** оиди ин самти фаъолияти шоҳони Сомонӣ ва вазоифи девони мазкур чунин навиштааст: **«Бо интиқоли почтаи давлатӣ ва ҳамзамон бо назорати махфӣ аз болои соҳибмансабон дар маҳаллҳо девони Соҳиб–ал–барид машғул буд. Ин девон дар ҳама ҷо соҳибмансабони худро дошт, ки дар ихтиёрашон қосид ва аспҳои зиёде доштанд. Соҳибмансабони маҳаллии ин девон дар тафовут аз соҳибмансабони дигар девонҳо танҳо ба марказ итоат мекарданд»[2]**.

Дар ин маврид аллома Бобоҷон Ғафуров чунин менигорад: **«Девони соҳиб– ул-барид» (сардори почта) ба расондани муросилоти давлатӣ маъмур буд. Аммо коркунони маҳаллии ин девон на фақат вазифаи хатбариро адо мекарданд, балки дар бораи ҳокимон ва маъмурини маҳаллии давлатӣ ва рафтори онҳо хабарҳои махфиро ҳам ба марказ расонида меистоданд, яъне вазифаи маъмурони «маҳкамаи сиёҳ»-ро низ ба ҷо меоварданд. Девони барид бо чунин хусусияти худ аз дигар девонҳо тафовут дошт, ки муассисаҳои маҳалии вай ба ҳокимҳо итоат нанамуда, бевосита ба идораи**

---

1. **А.Одинаев**, Хадамоти амниятии давлати Сомониён, ҳафтавори **«Тоҷикистон»**, №35 аз 18.12.98.

2. **Н.Н.Неъматов**, Государство Саманидов, Душанбе, 1978, стр:28.

**марказии худ нигоҳ мекарданд. Бояд қайд кард, ки почта дар он вақтҳо фақат ба эҳтиёҷоти давлат хидмат менамуд ва барои аҳолӣ дастрас набуд»**[1].

Вале профессор, шарқшиноси советӣ **Б.Н.Заходер** (1896 – 1960) дар шарҳи истилоҳоти **соҳибхабар** ва **соҳиббарид** нуқтаи назари дигар дорад. Ба ақидаи ӯ **соҳибхабар** гуфта сардори хадамоти ҷамъоварии ахборотро мегуфтанд ва **соҳиббарид** бошад, сардори хадамоти номарасонӣ будааст. Профессор Заходер мӯътақид аст, ки ин ду хадамот хадамоти махфӣ набуданд ва кормандони онҳо ошкоро фаъолият мекарданд. Вале ӯ ҳамзамон **мушрифонро** ба ҳайси ходимоне муаррифӣ кардааст, ки махфиёна ба ҷамъоварии иттилоот машғул будаанд[2]. Мушрифон гуфта дар замони Сомониён ходимони **девони ишрофро** ном мебурданд.

Бобоҷон Ғафуров дар шарҳи ин девон менависад: **«Девони мушриф корҳои давлатӣ, хусусан харҷу дахли хазинаро назорат мекард»** ва дар эзоҳи калимаи **«мушриф»** дар поёни саҳифа чунин меорад: **«Мушриф аз калимаи арабии ишроф «назорат аз ҷои баланд» аст. Бинобар ин ақидае ҳаст, ки ин девон ба воқеанависии дохилӣ, яъне ҷосусӣ машғул будааст»**[3].

Тибқи навиштаи профессор **Ҳақназар Назаров «девони Ишроф масъули расидагӣ ба умури садорат, вазорати дарбор, молия, адлия, авқоф ва заминҳои давлатӣ, амният ва бехатариро ба ӯҳда дошт ва аз ҳар гуна сӯистифодабариҳо ҷилавгирӣ менамуд... Девони**

---

1. **Ғафуров Б,** Тоҷикон, саҳ 455.
2. **Низам–ул–Мульк**, Книга об управлении государством, Душанбе, 1998, стр:186 – 188.
3. **Ғафуров Б**, Тоҷикон, саҳ 456.

**Ишроф истихбороти васеъ дошт, на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳот, дар хонаводаҳои бузургон ҳам мухбир ва ҷосусони махфӣ дошт ва тавассути онҳо маълумоти зарурӣ гирд оварда мешуд»**[1]. Дар дигар сарчашмаҳо низ омадааст, ки омилони ин шабакаҳои истихборотӣ ҳам расман ва ҳам махфӣ амал мекарданд. Яъне омилоне буданд, ки расман корманд ё ходими **девони Ишроф** будани онҳо аз касе пинҳон набуд. Зеро ошкоро дар намояндагӣ ё худ дафтарҳои ин девон, ки қариб дар тамоми шаҳрҳову деҳаҳои бузурги давлати Сомониён арзи вуҷуд доштанд, фаъолият мекарданд. Омилони махфии ин девон бошанд, одатан зери пӯшиши намоянда, ходими ин ва ё он девони дигар фаъолият мекарданд. Баъзан ба сифати тоҷир ва ҳатто ашхоси бидуни касабаву машғулияти аниқе амал мекарданд.

Вазифаи асосии **девони Ишроф** аз он иборат буд, ки аз қасду ниятҳои бади душманони дохилӣ ва он аҷнабиёне, ки бо роҳҳои гуногун вориди кишвар шуда пинҳонӣ зидди сиёсати давлат фаъолият ва амалиёти вайронкорона мебурданд, сари вақт огаҳ шуда, хабари ба даст омадаро оҷилона дастраси амир намоянд ва тибқи амру фармонҳои раҳбари давлат барои ҷилавгирӣ ва хунсои ин тахрибкориҳову ҷиноятҳо тасмими зарурие бигиранд. Девони мазкур бо шиносии ҷосусҳо ва ҷинояткорони давлатӣ зери пӯшиши тафтишот ё худ инспексия ҳуқуқи дар дигар девонҳо, аз ҷумла, **девони садорат, девони ваколат, қазо** ва ғайра фаъолият карданро дошт ва инчунин вазифадор буд, ки аз ҳар гуна сӯиистифодабариҳо дар ин вазоратхонаҳо ҷилавгирӣ намояд.

---

1. **Ҳ.Назаров**, Авомили сууд ва сукути давлати Сомониён, саҳ:70.

# ДЕВОНИ РАСОИЛ ВА ДАРГОҲИ МУСАММО

Вазифаи ба даст овардани иттилооти сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва ғайра аз хориҷи кишвар, чи навъе, ки дар боло ишора намудем, ба дӯши девони **расоил** вогузор карда шуда буд. Кормандони ин девон, ки расман ҳамчун қосид ва номарасон ифои вазифа мекарданд, дар асл вазифадор буданд, ки дар сафарҳои худ ба хориҷи кишвар ҳангоми расонидани паёму номаҳои раҳбари мамлакат, сиёсатмадорони давлат касби иттилооти зарурӣ – иттилооти сиёсиву низомӣ ва ғайра намоянд ва ҳатто дар сурати мусоид омадани шароит дар сохторҳои гуногуни ҳукумати давлатҳои хориҷӣ манбаъҳои иттилоотӣ аз ҳисоби кормандони бонуфузи давлатӣ ба даст оваранд.

Ба ҷамъоварии иттилооти сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, илмӣ фарҳангӣ ҳамчунин хадамотҳои махсусе, ки дар назди Садри аъзам, яъне девони **садорат** ва инчунин урдуи низомии Сомониён арзи вуҷуд мекарданд, машғул буданд.

Таъмини амнияти дарбор ва дигар масоили аҳмияти бузурги давлатӣ дошта бо машварати аъзои органе, ки **«даргоҳи мусаммо»**, яъне идораи тасмимгирӣ ном дошт, сурат мегирифт. Ба **«даргоҳи мусаммо»** танҳо се нафар – **шоҳ, садри аъзам ва ҳоҷиб – солор**, яъне раҳбари горди шоҳӣ шомил буданд. Масъалаҳои муҳими давлатдорӣ, проблемаҳои аҳамияти давлатидошта, махсусан оиди масоили бехатарии давлат, маҳз дар ҳамин доираи танг мавриди баррасӣ қарор мегирифт. Тасмими гирифтаи ин орган барои ҳама атбои кишвар ҳатмӣ буд. Ин орган ҳатто

сипаҳсолор, яъне фармондеҳи кулли урдуро низ таъин менамуд.

Ҳамин тариқ тибқи сарчашмаҳои зикршуда дар сохтори давлатдории Сомониён як чанд девоне будааст, ки шоҳони Сомониро бо иттилооти муҳим оиди вазъи дохиливу хориҷии кишвар сари вақт ва ҳамзамон аз сӯиқасду иқдомҳое пешгирӣ мекарданд, ки метавонистанд пояи давлати онҳоро заиф созанд.

## ИЛОҶИ САРЛАШКАРОНИ ОСӢ

Дар аҳди Сомониён, хусусан, дар замони ҳукуматдории Исмоил бини Аҳмади Сомонӣ ба корҳои истихборотӣ (контрразведка) дар байни сарбозону қумандонон ва лашкаркашону сипаҳсолорон таваҷҷӯҳи зиёдеро зоҳир карда, сайъу кӯшиш ба харҷ дода мешуд, ки аз ҳар як тағйироту таҳаввулоте, ки дар урду, дар доираи фармондеҳон рух медод, сари вақт огаҳ шуда, садди роҳи исёну ошӯбҳо дар урду шаванд. Бо вуҷуди корҳои зиёди истихборотӣ баъзан ҳодисаҳои ошӯб бардоштани сарлашкарон дар аҳди Сомониён низ ба назар мерасад. Вале аксари он ошӯбҳо тавассути андешидану амалӣ кардани чораву тадбирҳои мушаххас аз ҷониби масъулони амниятӣ хунсо гардида, сарлашкарони осӣ ба ҷазои аъмоли худ кашида мешуданд. Чуноне, ки ин кор бо сарлашкари осии Исмоили Сомонӣ Муҳаммад ибни Ҳорун иттифоқ афтод.

Соли 900 – уми мелодӣ ҳокими Табаристон Муҳаммад Зайд – ал – Алавӣ бо нияти забти Хуросон, ки он вақт қаламрави давлати Сомониён ба ҳисоб мерафт, лашкари

калоне ҷамъ карда, ба Гургон ҳамла оварда, онро ишғол менамояд. Ба талаби Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ дар бораи ба қафо, ба Табаристон бозгаштан ҷавоби манфӣ медиҳад. Он гаҳ Исмоил ба муқобили ӯ лашкаркаши худ Муҳаммад бинни Ҳорунро мефиристад. Муҳаммад бинни Ҳорун, на танҳо Гургонро озод кард, балки Муҳаммад бинни Зайдро то Табаристон таъқиб намуда он ҷоро низ фатҳ менамояд. Азбаски Муҳаммад бинни Ҳорун аз маркази давлатдории Сомониён – Бухоро хеле дур монда буд, фаъолият ва амалиёти ӯ чуноне, ки мебоист таҳти назорат набуд ва низ таъсири мусбате болои ӯ ворид намешуд. Оҳиста – оҳиста дар гуфтору кирдори ӯ нишонаҳои осигӣ зуҳур карданд. Кибру ғурур ва сарпечӣ аз иҷрои фармонҳои амир Исмоил баъди худсарона бар зидди Ухуртумуши турк, волии халифа – ал – Мухтафӣ дар Рай ҳамла овардану онро ишғол кардани ӯ бештар зоҳир шудан гирифт. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихиву асарҳои муҳаққиқони минбаъда Исмоили Сомонӣ дар ҳалли муаммои фармондеҳи саркаш Муҳаммад бинни Ҳорун чораҳои дипломатӣ ва низомиро дар ҳамбастагӣ пеш мегирад. Нахуст лашкарашро бо баҳонаи мубориза ба муқобили исёнгари дигар ибни Ҷустони Дайламӣ ба Табаристон, ба наздикии Муҳаммад бинни Ҳорун мекашад. Ибни Ҷустонро ба осонӣ шикаст дода, дар як номаи хеш аз халифаи Бағдод талаби маншури волигии Райро мекунад. Исмоили Сомонӣ мунтазири ҷавоби нома нашуда ба Рай ҳамла меорад ва ба лашкари ҳашт ҳазорнафараи Муҳаммад бинни Ҳорун шикаст медиҳад. Муҳаммад бинни Ҳоруни исёнгар ҳарчанд дар аввал гурехта пинҳон мегардад, вале бо сайъу кӯшиш ва

ҳилаву тадобири ходимони амниятӣ дастгир ва баъди ду моҳи маҳбусӣ дар маҳбас вафот мекунад.

Чунин як воқеаи шабеҳи исёни фармондеҳ бинни Ҳорун дар замони шоҳии Наср бинни Аҳмади Сомонӣ (набераи Исмоили Сомонӣ) низ ба вуқӯъ пайвастааст. Ҳокими Нишопур Аҳмад бинни Саҳл аз иҷрои фармонҳои амир сарпечӣ карда, ҳатто аз халифаи Бағдод маншури Хуросонро ба даст меоварад ва худро подшоҳи мустақил эълон мекунад. Наср бинни Аҳмади Сомонӣ ба муқобили Саҳли исёнгар сарлашкари таҷрибадору бовафои худ Ҳамуя ибни Алиро мефиристад. Аҳмад бинни Саҳл ба ҷанги Ҳамуя ҳаматарафа омодагӣ мебинад. Аз ин рӯ, кӯшишҳои пай дар паи Ҳамуя барои фатҳи ҳисоре, ки Саҳл бо лашкараш аз он дифоъ мекард, натиҷа намедоданд. Билохира Ҳамуя ба ҳилаву тадбир мегузарад. Аввал як гурӯҳи на чандон калони сарбозонро аз лашкар ҷудо карда, махфиёна таълими чӣ гуна дар дохили душман фаъолият бурданро меомӯзонад. Баъдан дар байни душман тавассути ҷосусони миёни сарбозони онҳо доштааш иттилооти бардуруғеро паҳн менамоянд, ки тибқи он гӯё дар дохили лашкари Ҳамуя гурӯҳи дигари осие пайдо шудааст ва нияти ба тарафи бинни Саҳл гузаштанро дорад. Ин амалиёт чунон устокорона, бо назардошти тамоми нозукиҳои корҳои амниятиву низомӣ иҷро шуда буд, ки касе аз лашкаркашон ва маъмурони амниятии Саҳл ба «достон» - и бофтаи созмондиҳандагони он ҳатто шаку шубҳа наовард.

Баробари ворид шудани ин гурӯҳ ба дохили ҳисор бо эҳтиёткории оқилона корҳои шиносоии мавқеъҳои стратегии душман дар дохили қалъа сурат гирифтанд ва билохира

онҷо ба кӯмаки ин гурӯҳи амниятӣ фатҳ шуд. Аҳмад бинни Саҳл дастгир ва ба ҷазои аъмоли худ расонда шуд.

Бояд гуфт, ки чунин тарзу услуби ба дохили лашкари душман ворид кардани гурӯҳҳои махсус ба мақсади зарба задану шикаст додани он аз дарун ҳоло ҳам дар арсенали хадамотҳои ҷосусиву зиддиҷосусии кишварҳои гуногуни дунё ба мушоҳида мерасад. Вале бадин нозукӣ  иҷро шудани онро таърихи хадамоти иттилоотиву зидди иттилоотии ҷаҳон (разведка ва контразведка) кам ёд дорад.

Дар баробари омилҳои дигари муҳим фаъолияти мунтаззами хадамоти истихбороти низомии урдуи Сомониён боиси комёбиҳои пай дар паи ҳарбии он гардидааст. Аз як тараф, сариваќт ифшо кардани ҷосусҳо ва гумоштаҳои душман дар байни лашкари худ ва аз тарафи дигар равнақу ривоҷ додани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар манотиқи фатҳшуда ва миёни сарбозони ба асорат афтодаи душман пирӯзиҳои  пай дар паи Сомониёнро таъмин менамуд.

## АСИРОН ВА МУНОСИБАТ БО ОНҲО

Таърихи инсоният, хусусан, таърихи набардҳои гуногуни ҷаҳон гувоҳи он аст, ки раҳбарони давлат, сипоҳсолорони маъруф барои ба дохили душман роҳ пайдо кардан аксаран аз сарбозони ба асорат афтодаи рақиб истифода мекарданд. Аввалан, аз байни асирон ашхоси аз ҷиҳати зеҳниву ҷисмонӣ мувофиқро ҷудо намуда, ба онҳо тибқи зарурат таълим медоданд, сипас дар баробари дигар асирон ба хотири пӯшидани роз онҳоро низ ба кишварашон ҷавоб медоданд.

Албатта, дар аҳди Сомониён низ лашкаркашону

маъмурони амниятӣ аз ин услуби «коштан» - и манбаъҳои иттилоотӣ васеъ истфода мекарданд. Ба ин гуфтаҳо он маъракаҳои гурӯҳ – гурӯҳ озод кардани асирон аз ҷониби амирони Сомонӣ ва лашкаркашони ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Чуноне манбаъҳои таърихӣ аз он далолат мекунад, Исмоили Сомонӣ дар ҷанги муқобили Ал – Ҳусейн бинни Тоҳир (солҳои 875 – 876), ки пеш аз ӯ амири Бухоро буд, дар муҳорибаи зидди Амр бинни Лайс – волии Хуросон (соли 898) ва ҷангҳои дигар сарбозони бисёреро ба асорат гирифта бо эҳтимоли зиёде баъзаи онҳоро, чи тавре ки дар боло тазаккур додем, истихдом намуда, ҳамроҳи дигар асирон ба ватанҳояшон ҷавоб додааст. Озод кардани асирон аз як тараф агар як навъ изҳори шукрона барои пирӯзиҳои дар ҷангҳо алайҳи душманон ато намудани Худованд бошад, аз тарафи дигар ҳатман ин як роҳи касб кардани обрӯю эътибори сиёсӣ дар байни дигар давлатмардони ҷаҳон буд. Ва алббата, ҷиҳати муҳими дигар ин буд, ки аз озод кардани асирон масъулони амниятии давлати Сомониён ба мақсадҳои таъмини ҳамаҷонибаи бехатарии кишвар ва ваҳдату якпорчагии мардуми он истифода мекарданд.

## ТАКЯ БА МАРДУМ АСОСИ МУЗАФФАРИЯТҲО

Такя ба мардум, ба халқи оддӣ дар лаҳзаҳои барои кишвар хеле душвор, алалхусус, ҳангоми таъмини амният ва оромии мамлакат яке аз усулҳои муҳими давлатдории амирони Сомонӣ, минҷумла, Исмоили Сомонӣ ба ҳисоб

мерафт. Зеро дар чунин масъалаи барои кишвар тақдирсоз агар дастгирии кулли шаҳрвандон набошад, дурри мақсуд ба каф нахоҳад омад.

Тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ Исмоили Сомонӣ ҳангоме, ки маснади амирии Бухороро қабул кард, бо мушкилоти дуздону роҳзанон рӯ ба рӯ шуд. Қариб чаҳор ҳазор нафар дуздону ғоратгарони атрофи Бухоро мардуми заҳматкаши мулки ӯро азият медоданд, молу боигарии онҳоро ба ғорат бурда, мусодира мекарданд ва дар дил нияти ҳуҷум овардан ба Бухороро парварида, мақсади талаву тороҷ кардани онро низ доштанд. Бинобари ин дар баробари истифода аз нерӯҳои дохилӣ (девони шурта) ва қувваҳои амниятӣ (девони ишроф) аз ҳисоби амлокдорону сарватмандони шаҳр дастаҳои ихтиёрӣ созмон дода, таҳти раҳбарии сардори шурта (полис) Ал – Ҳусайн бинни Ало ба муқобили дуздону роҳзанон амалиёти густурдае оғоз намуда, билохира, онро ба пирӯзӣ анҷом медиҳад.

Чунин як сарҷамъ сохтану ба иттиҳод овардани мардуми кишварро дар рӯ ба рӯи хатари истилои душманони хориҷӣ дар мисоли зерин низ баръало мебинем. Волии Хуросон Амр бинни Лайс бо мақсади зери тасарруфи худ даровардани Мовароуннаҳр соли 899 кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода ба сарҳадоти он наздик мешавад. Ба навиштаи муаллифи рисолаи «Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат» Ғолиб Ғоибов зеҳн мемонем: **«Исмоил бинни Аҳмад, ки аз ҷамеи ҳаракатҳои Амр ба воситаи одамони худ бохабар буд, ба воситаи ҷорчиён аз мардум барои муҳофизати кишвар даъват ба амал овард. Ҷорчиён ба мардум мегуфтанд, ки Амр мехоҳад Мовароуннаҳрро**

**гирифта, тамоми мардонро бикушад, зану фарзандони онҳоро ғулом кунад ва молу сарваташонро ғорат намояд. Мардуми Мовароуннаҳр ҳама даъвати Исмоилро пазируфтанд ва ба ҷанги муқобили Амр бархостанд. «Мардона мурдан аз асорат беҳтар аст», - мегуфтанд онҳо … Тибқи навиштаи Наршахӣ (с.119 – 120) Исмоил аз ҳама гӯшаву канори Мовароуннаҳр ба ҷамъ овардани аскарон сар кард. Аз вилоятҳои Туркистону Фарғона 30 ҳазор аскар омад…»[1].**

Дар бораи нақши хадамоти амниятиву иттилоотӣ дар равнақу ривоҷ ёфтану устувор шудани давлату давлатдории Сомониён агарчӣ гуфтаниҳои зиёде дорем, вале ба хотири риояи чаҳорчӯбаи як мақола феълан бо тазаккуроти болоӣ иктифо менамоем.

1. **Ғолиб Ғоибов**, Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат, Душанбе, 1999, саҳ:62.

# ТЕРРОРИ СИЁСӢ

## *ё худ андешае перомуни сӯиқасд ба ҷони шоҳони Сомонӣ*

Ҳокимияти оли Сомон дар қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон наздик ба саду даҳ сол идома дошт.

Тайи қариб – саду даҳ сол, ки барои таърих муддати чандон тӯлонӣ нест, 9 нафар аз намояндагони ин сулола зимоми қудрати давлатдориро ба даст доштанд. Албатта, агар якрӯза амирии Насри III, писари Абумалик I - ро ба инобат нагирем.

Амирони Сомонӣ табиист, ки чун шоҳони дигар давру замонҳо рақибону душманони дохиливу берунии худро доштанд. Бахусус дар чунин як қаламрави паҳноваре, ки дар он намояндагони халқияту миллатҳо, дину мазоҳиб, ҷараёнҳои сиёсиву ақидавии мухталиф кору зиндагӣ мекарданд, албатта на ҳамаи атбои кишвар ва ҳокимони вилоят аз сиёсати пешгрифтаи амирониСомонӣ розӣ буданд ва онро тарафдорӣ мекарданд. Аз дурустии ин фикр даҳҳо исёну ошӯбҳое, ки дар ин қаламрав дар аҳди Сомониён рух дода буданд, гувоҳӣ медиҳанд. Буданд гурӯҳҳои сиёсӣ, низомӣ ва мазҳабие, ки роҳи расидан ба аҳдофи хеш, яъне ҳимояи манофеи ақидавӣ ва моддии худро дар анҷоми террори сиёсӣ, яъне ҷисман нобуд кардани шоҳони алоҳидаи Сомонӣ медиданд.

# ТЕРРОРИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Аввалин амири Сомонӣ, ки бар асари террори сиёсӣ ба шаҳодат мерасад, ҷойгузини Исмоили Сомонӣ, писари ӯ Аҳмад ибни Исмоил (солҳои ҳукумрониаш 907 – 914) мебошад. Муаллифи «Таърихи Сиистон», менависад, ки «Аҳмад ибни Исмоилро ду ғуломи вай ба лаби Ҷайҳун бикуштанд бо таълими Бӯбакри дабир». Вале бо кадом сабаб куштанд ва мақсади онҳо аз ин куштор чӣ буд ва билохира Бӯбакри дабир кӣ буд, дар ин бора дар асари мазкур иттилое нест. Дар «Таърихи Табаристон» назари дигаре оиди ин террор мастур аст. Тибқи он ғуломон нисфишабӣ ба хобгоҳи амир ворид шуда сарашро аз тан ҷудо карданд. Ба ақидаи муаллифи «Таърихи Табаристон» муҳаррики ин террори сиёсӣ вазир Абулҳасани Деҳқон буд, ки барои ришваситониаш борҳо мавриди мазаммати амир қарор гирифта буд ва ба хотири наҷоти хеш даст ба ин куштор зад. Абулҳасани Деҳқон 4 нафари ғуломи дарборро истихдом намуда, ба онҳо амри қатли амирро медиҳад. Шабонгоҳ онҳо амирро дар ҷойгоҳи хобаш ба қатл мерасонанд ва рӯ ба гурез мениҳанд. Аммо баъдан аз ҷониби хадамоти амниятӣ дастгир ва иқрор мешаванд, ки бо таҳрики вазир ин амалро содир карданд. Абулҳасани Деҳқон ҷазо мегирад.

Ҷаводи Ҳиравӣ дар китоби худ «Эрон дар замони Сомониён» бо такя ба муаллифи «Зиннат – ул - маҷолис» дар бораи сабаби куштори ин амири Сомонӣ ақидаеро меорад, ки тибқи он Аҳмад ибни Исмоил гӯё бораи қаробат

доштан ба уламову фузало аз ҷониби рақибони сиёсиаш мавриди террор қарор гирифт[1].

Аллома Бобоҷон Ғафуров ин фоҷиаро чунин менигорад: **«Аҳмад ибни Исмоил бо чанд сабаб байни гвардияи турк нисбат ба худ муносибати душманона ба вуҷуд овард ва дар вақти шикор аз тарафи ғуломони худ кушта шуд»**[2].

Ба қавли муаллифи «Зайн - ул - ахбор» Абусаиди Гардезӣ амир Аҳмад ибни Исмоил бо ибтикори вазираш Абулҳасан ибни Исҳоқ – ал - Котибӣ дар шикоргоҳ бо дасти ғуломонаш кушта шуд. Ин ҳодиса дар санаи 23 январи соли 914 ба вуқӯъ пайваст.

Пас аз қатли Аҳмад ибни Исмоил ба тахт фарзанди 8 – солаи ӯ Наср ибни Аҳмад менишинад. Ӯ қариб сӣ сол қудрати сиёсиро дар Мавороуннаҳру Хуросон дар даст нигоҳ дошт. Албатта то ба синни балоғат расиданаш зимоми давлатдорӣ дар дасти вузаро ва ақрабои наздикаш буд. Ба хусус вазири машҳури Сомониён Абулфазл Балъамӣ, ки дӯст ва муттакои одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигар удабову фузало ба ҳисоб мерафт, дар дарбори ин амири Сомонӣ шонздаҳ сол хидмат намуд.

## СӮИҚАСДИ ХУНСОШУДА

Наср ибни Аҳмад мисли падар ва бобояш дар ҷодаи давлатдорӣ роҳи пурхаму печро тай намудааст. Дар замони ҳукумати ӯ низ ҳокимону лашкаркашон борҳо зидди ӯ ошӯбу исёнҳо бардоштанд, нақшаи ҷисман нобуд кардани ӯро низ кашиданд. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки дар охирҳои салтанаташ Насри II тарафдори ташкилоти қарматия гардид.

1. **Ҳирави Ҷавод**, Ирон дар замони Сомониён, Душанбе, 1998, саҳ: 144.
**2. Ғафуров Б**, Тоҷикон, Душанбе, 1998, саҳ: 457.

Бо пешвоёни ин ҷараёни мазҳаби роҳи хайрхоҳӣ пеш гирифт, ки ин амал мухолифати шадид ва норизояти ҷиддии рӯҳониёни дарбор ва низомиёни гвардияи туркро ба миён овард. Агарчӣ зоҳиран ин зиддияти ақидавӣ буд, вале рӯҳониён ва низомиҳо дар наздикшавии амири худ бо тарафдорони ҷараёни нави мазҳабӣ ва роҳбарияти он хатареро ба манофеи иқтисодиву молӣ ва сиёсии худ диданд ва бинобар ин дар фикри аз байн бурдани ӯ шуданд. Бо сарварии сипоҳсолор нақшаи сӯиқасд ба ҷони Наср бинни Аҳмад кашида шуд. Тибқи он базме ороста мешавад, ки дар он лашкаркашони осӣ ширкат варзида махфиёна аҳд менамоянд, ки Насрро аз байн бурда, ба муқобили қарматиён муборизаи беамон баранд. Аз тарҳи ин нақшаи шум қумандони вафодор ба Наср оҷилан ба писари ӯ Нӯҳ хабар медиҳад. Нӯҳ падарашро аз ин сӯиқасд воқиф месозад. Дар навбати худ Наср бо ваъдаи додани чанд чизи гаронбаҳои шукӯҳбахши базм сипоҳсолори хоинро аз он маҳфил ба назди худ даъват менамояд ва сарашро аз тан ҷудо месозад. Сипас Наср бо ҳамроии писараш Нӯҳ ба он ҷамъомади лашкаркашон ҳозир мешаванд. Ӯ ба сӯиқасдчиён эълон медорад, ки аз мақсади онҳо воқиф аст ва ҷазои созмондиҳандаи ин аъмолро низ додааст. Ва сари буридаи сипоҳсолорро ба даври базмнишинон мепартояд. Дар ҳамин маҷлис Насри II ҳарчанд ихтиёран ба фоидаи писараш Нӯҳ ибни Наср аз тахти шоҳӣ даст мекашад, вале Нӯҳ падараш Наср ибни Аҳмадро ба зиндони кӯҳандиз мепартояд ва дере нагузшта, худи ҳамон соли сӯиқасд ӯ чун бобояш Исмоили Сомонӣ бар асари касалии сармохӯрдагии шуш вафот мекунад.



Сари Шаҳзодаи Ҳахоманишӣ



Сари сарбози Ҳахоманишӣ



Тахти Ҷамшед. Нақши «Порсиёни ҷовидон».



Тахти Ҷамшед. Муҳофизини салтанатии Ҳахоманишӣ.



Кохи Куруш.Посоргод.



Мақбараи Куруши Кабир. Посоргод.



Катибаҳои Дорюши бузург ва Хишоёршои Ҳахоманишӣ



Шероз. Нақши Рустам. Муаллиф ҳангоми зиёрати мақбараи Дорои I. (Асри V – пеш аз мелод). Дар поёни он дар тарафи чап дар кӯҳ лаҳзаи дар назди Шопури аввали сосонӣ сари таъзим фуруд овардани императори Рим Валериан кандакорӣ шудааст. (Асри III мелодӣ).



Шероз. Тахти Ҷамшед. Кохи Бори ом. Беш аз дувуним ҳазор сол пеш шоҳаншоҳони Ҳахоманишинӣ дар ҳамин ҷо мардумро ба ҳузур мепазируфтанд ва ба арзи онҳо гӯш медоданд.



Шероз. Тахти Ҷамшед. Осори Кохи Садсутуни шоҳони Ҳахоманишӣ.



Тахти Ҷамшед. Қабули омма аз ҷониби Хишоёршо ва валиаҳдаш.



Тахти Ҷамшед. Кохи ихтисосии Дорюши бузург.



Ардашери дуввуми Сосонӣ дар ҳоли гирифтани ҳалқаи қудрат. Кирмоншоҳ.



Тахти Ҷамшед. Кохи бори ом.



Кохи Тачар ё Толори оина. Тахти Ҷамшед. Давраи Дорюши бузурги Ҳахоманишӣ.



Тахти Ҷамшед. Вуруди ҷанубии Кохи садсутун. Шоҳи Ҳахоманишӣ ва хадамаи вай.



Тахти Ҷамшед.

Мувофиқи маълумоти манобеи таърихиву муосири то ин дам ба мо дастрас дар рӯйхати терроруу сӯиқасдҳои сершуморе, ки алайҳи хонаводаи Сомониён аз ҷониби душманони сиёсӣ ва ақидавии онҳо созмон дода шудаанд, ин як аз он сӯиқасдҳои камшуморе буд, ки дар лаҳзаи асосӣ пеши роҳи он гирифта шуд. Дар тафсири ин воқеа фикри ҷолиби диққату ибратбахш он аст, ки Наср ибни Аҳмад ба хотири ба эътидол овардани вазъи кишвар ва дар ихтиёри хонадон нигоҳ доштани зимоми давлатдорӣ худ аз баҳри тоҷу тахт гузашта буд.

Нӯҳ ибни Наср (943 – 954) чорумин амири хонадони Сомониён ҳам мисли дигар гузаштагони хеш бо хотири ҷамъ ва осуда давлатдорӣ накард.

Рақибони дохилӣ ва душманони беруниаш борҳо зидди ӯ ошӯбу исёнҳо бардоштанд, барои табадуллоти давлатӣ кӯшишҳо ба харҷ доданд ва ҳатто ба тарки пойтахт - шаҳри Бухоро водораш карданд. Вале билохира бо хираду заковати сиёсии худ тавонист душманро шикаст дода ва ҳатто ба ҷазо бирасонад ва қудратро дар даст то маргаш, ки бар асари бемориӣ рух додааст, нигоҳ дорад.

## ТЕРРОР БО ИСТИФОДА АЗ АСП?

Вале дар замони давлатдории писари Нӯҳ – Абумалики I (954 – 961), чӣ тавре, ки устод Бобоҷон Ғафуров таъкид кардааст, нуфузи сиёсии саркардагони ҳарбии турк қувват гирифта, қариб ҳамаи корҳои идораи давлат ба дасти онҳо мегузарад. Сардори горди туркҳо Алптегин, ки дар замони амирии Аҳмад ибни Исмоил ҳамчун ғулом дар дарбор ба хидмат оғоз карда буд, ба муҳимтарин мансаби сохтори

давлатии Сомониён Ҳоҷиби Бузург мерасад. Ҳоҷиби Бузург роҳбарии умумии умури амният, яке аз он се нафар аъзои девони ба ном «даргоҳи мусаммо» буд, ки ягон иқдоми моҳиятан бузурги давлатӣ бе розигии он сегона сурат намегирифт. Ҳатто таъин ва азли аъзои девони вузаро дар салоҳияти ин сегона буд.

Доктори илмҳои таърих, профессор Сайдулло Абдуллоев дар рисолаи худ «Амири рашид» навиштааст, ки «Абумалик бо вуҷуди он ки хеле ҷавон ва аморатро дар ҳоли ошуфтагиву парешонӣ ба мерос гирифта буд, кӯшишҳое ба харҷ дод, то аз тавтиаи сардорони сипоҳ ва аз нуфузи рӯҳияи туркӣ дар дастгоҳи идорӣ ҷилавгирӣ намояд. Чанд навбат иваз шудани вазирон ва сипаҳсолорон ҳам ба сидқи ин фарз гувоҳӣ медиҳад». Дар идомаи фикраш бо истинод ба асари муаррих Ибни Асир «Ал - комил фит – таърих» профессор С.Абдуллоев менависад, ки дар соли 960 «Абдумалик ибни Нӯҳ – амири Хуросону Мовароуннаҳр, яке аз аз бузургон ва солорону фармондеҳони худро боздошт. Ӯ Начтекин ном дошт, ки пас аз он ӯро кушт».

Абумалик ибни Нӯҳ хатари Алптегинро низ эҳсос карда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ӯро аз дарбор дур нигоҳ дорад ва ба ӯ вазифаи ҳокими Балхро пешниҳод мекунад. Вале Алптегин, ба қавли Гардезӣ «омил набошам, ба ҳеҷ ҳол, пас аз он, ки ҳоҷиб – ул – ҳуҷоб будам» - гӯён густохона ин пешниҳоди амири хешро рад менамояд.

Табиист, ки чунин кирдори амир Абдумалик нисбати сарлашкарони дар ҳақиқат соҳибқудрат боиси амали ҳарчӣ тезтар аз байн бурдани ӯ шуданд.

Ба қавли таърихнигор С.Абдуллоев «бо амри тақдир

Алптегин, ки дар марги сиёсии Абдумалик ибни Нӯҳ пайваста тадбир меҷӯст, мӯҷиби марги ҷисмонии ӯ низ гардид». Барои исботи ин фикр ӯ бо истинод ба муаррих Гардезӣ менигорад, ки Алптегин барои амир аз Нишопур тӯҳфаву ҳадоё, аз ҷумла чанд асп фиристод. Абдумалик ибни Нӯҳ «миқдоре шароб хӯрда» аспҳои тӯҳфа намудаи Алптегинро дар вақти ҷавгонбозӣ як – як савор шуда ба майдон мебаромад ва онҳоро месанҷид. Иттифоқо яке аз аспҳо рамид ва Абдумалик ба зер афтид ва гарданаш бишкасту фавтид. Дар «Маҷмаъ – ул – ансоб» омадааст, ки ӯ ҳангоми шикор аз асп афтида фавтид.

Ба як саросемагии ҳайратоваре бо исрори Алптегин амир эълон шудани Насри III - писари хурдсоли Абумалик низ бо эҳтимоли қавӣ аз дурустии фикри ба чунин шакл тарҳрезӣ шудани сӯиқасд ба ҷони ин шоҳи Сомонӣ далолат медиҳад. Зеро ба ақидаи олими мӯътабару таърихшинос Аҳрор Мухторов «ҳокимияти ӯ (Насри III – С.Ҳ:) мавқеъи Алптегинро дар давлати Сомониён мустаҳкам менамуд. Бинобар ин як қисми саркардагони ҳарбӣ ва феодалони калон ин таъинотро тарафдорӣ накарда, бародари Абумалик – Мансур ибни Нӯҳи Сомониро ба тахт нишонданд.

Дар тӯли 15 соли амириаш (961 – 976) Мансур бинни Нӯҳ борҳо ба Алптегин ва дигар лашкаркашони қудратталаб дар набард будааст. Танҳо баъди марги Алптегин ба Мансур ибни Нӯҳ муяссар мегардад, ки ҳокимияти Сомониёнро дар Ғазнӣ барқарор кунад, ки ин дар поёни ҳокимияти беш аз садсолаи ин сулола яке аз муҳимтарин дастовардҳои сиёсӣ буд.

# СӮИҚАСД ДАР САРАХС

Баъди вафоти Мансур ибни Нӯҳ фарзанди 13 солаи ӯ Нӯҳ ибни Мансур (976 - 977) ба сари қудрат меояд. Дар даврони салтанати ӯ ихтилофоти дарборӣ ва ошӯбҳои феодалҳо, саркашии лашкаркашон хеле шиддат гирифт. Иқтидори сиёсиву низомии давлат хеле суст гардид. Аввалин бор Сомониҳо аз чониби бодянишинони турк, ки дар таърих бо номи Қарахониҳо машҳуранд, мавриди ҳамла қарор гирифтанд. Сарлашкарони баландрутбаи туркнасаби Сомониён, аз қабили волии Хуросон Абдулҳасани Симҷӯрӣ, волии Балх Фоиқ на танҳо аз ҳимояти Нӯҳ ибни Мансур даст кашиданд, балки бо душман забон як карда алайҳи Нӯҳ ибни Мансур исён бардоштанд. Пойтахти Сомониён Бухоро дар ин давра низ ҳамчун дар замони Нӯҳ ибни Наср (943 – 998) муваққатан ба дасти душманон мегузарад. Лекин ин дафъа ба дасти лашкари Буғрохони Қарахонӣ. Аз рӯи иттилои манбаъҳое, ки дастраси мо ҳастанд, сабаби марги Нӯҳ ибни Мансур норавшан аст. Вале ҳаминаш маълум аст, ки ӯ низ дар синни ҷавонӣ, яъне 34 солагӣ дунёи фониро падруд мегӯяд. Ба ҷои ӯ ба рӯи тахт писари ноболиғаш Мансур ибни Нӯҳ (997- 998), ки аз ҳимояи писари Сабуктегин Султон Маҳмуди Ғазнавӣ бархӯрдор буд, нишаст. Вале ин баҳамоии Мансур ибни Нӯҳ ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ бар хилофи манофеи ҳокимияти Нишопур ва Балх, яъне Бектузун ва Фоиқ буд. Бинобар ин онҳо дар пайи як сӯиқасде, ки дар Сарахс соли 999 сурат гирифт, ба чашмони Мансур ибни Нӯҳ нил кашида ӯро аз қудрат дур сохтанд. Мансур ибни Нӯҳ худи ҳамон сол вафот мекунад. Бектузун ва Фоиқ бародари ноболиғи Мансур вопасин амири

Сомониён Абдумалик ибни Нӯҳро ба тахт мешинонанд. Вале ҳокимияти ӯ ҳатто як сол ҳам давом накард. Зеро аз як тараф Султон Маҳмуди Ғазнавӣ алайҳи ӯ лашкар кашида аввал Балху Бадахшон, сипас тамоми Хуросонро ба тасарруфи худ даровард ва аз тарафи дигар бо баҳонаи кӯмак бодиянишинони Илокхон Шамсуддавла Абунаср ва бародараш Наср ибни Алии Қарахонӣ бо ҳила вориди Бухоро шуда, аввал қумандонҳои вафодор ба амир Абдулмалики II - ро ва сипас 23 октябри соли 999 худи ӯро бо хонаводааш дастгир карда, ба маркази ҳокимияти он вақтаи Қарахониён шаҳри Узган бурданд. Дере нагузашта Абдулмалики II дар зиндон вафот кард.

Ин марги муфоҷот танҳо марги як шахсияте ва ё сиёсатмадоре набуд. Ин марг аз интиҳои ҳокимияти Сомониҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон дарак медод.

## АНДЕША ОИДИ ТЕРРОРҲО

Сабабҳои суқути давлати Сомониён, албатта, хеле зиёду мухталифанд ва тадқиқоти фундаменталиро талаб мекунад. Рӯ ба таҳқиқи ин масъала овардани бархе аз муаррихону сиёсатмадорон ва файласуфон, бешубҳа ба манфиати давлатдории тоҷикон хоҳад буд.

Дар навбати худ мо чунин ақида дорем, ки террорҳои сиёсӣ дар аҳди Сомониён пояҳои давлатдории ин сулоларо хеле суст карда, барои душманони дохилӣ ва берунии онҳо ҳамчун воситаи муассири аз байн бурдани ин давлат хизмат намудаанд.

Тибқи он маълумоте, ки имрӯз дастраси мост, аз 9

нафар амири Сомонӣ 5 нафарашон мавриди террор ва ё худ сӯиқасд қарор гирифта, аз онҳо 4 нафарашон ҷоми шаҳодат нӯш кардаанд. Чӣ тавре, ки дар боло зикр кардем, инҳо Аҳмад ибни Исмоил (907 – 914), Абдумалик ибни Нӯҳ (954 – 961), Мансур ибни Нӯҳ (997 – 999) ва Абдумалик ибни Нӯҳ (999) мебошад. Амир Наср ибни Аҳмад (914 – 943), ҳарчанд ҷон ба саломат бурда бошад ҳам, мувофиқи иттилои манбаъҳо худи ҳамон соли сӯиқасд (943) дар зиндон вафот кард.

Таҳлили синну соли ба сари қудрат омадан, муддати ҳуқумат кардан ва синну соли амирон ҳангоми шарбати марг чашидан рӯи бисёр муаммоҳои торики терроҳои сиёсӣ ва сӯиқасдҳо ба ҷони шоҳони Сомонӣ рӯшанӣ меандозад. Бубинед, танҳо Исмоили Сомонӣ ва писари ӯ Аҳмад ибни Исмоил ҳангоми ба сари қудрат омадан шахсони болиғу сиёсатмадорони тавоно буданд. Аввалӣ агар дар диннӣ 43 – солагӣ ба тахт нишаста, дар 58 – солагӣ вафот карда бошад, дуввумӣ ҳарчанд сарчашмаҳо санаи дақиқеро дар мавриди синну соли ӯ наоварда бошанд ҳам, мантиқан дар ҳудуди 33 – 40 солагӣ ба сари қудрат омада, тахминан дар 45 – 47 солагӣ ба қатл расонида мешавад. Дигар қариб ҳамаи шоҳони Сомонӣ ҳанӯз ба балоғат нарасида ба тахт шинонда шуда буданд. Танҳо Наср ибни Нӯҳ (943 – 954) тақрибан дар 20 – солагӣ ба тахт нишастааст. Дигар подшоҳони Сомонӣ ҳангоми маъракаи тоҷгузориашон кӯдакон ва наврасони 8 – сола, 12, 13, 14 - сола буданд.

Таассуфангез ва риққатовар он аст, ки ҳатто он амироне, ки дар мавриди чӣ гуна сурат гирифтани марги

онҳо дар сарчашмаҳо чизе гуфта нашудааст, дар синни ҷавонӣ ба таври мармуз аз дунё даргузаштаанд. Чунончӣ ибни Наср 11 - сол амирӣ карда дар синни тахминан 30 – солагӣ, Мансур ибни Нӯҳ (961 – 975) 14 сол ҳукм ронда тахминан дар 33 – солагӣ, Нӯҳ ибни Мансур 21 сол дар тахти шоҳи нишаста дар сини 34 солагӣ вафот кардаанд. Дигар шоҳони Сомонӣ, ки зикри номашон нарафт, дар синни нисбатан ҷавонтар аз дунё чашм пӯшиданд. Ҷавоб ба саволи мантиқии «чаро подшоҳони Сомонӣ баъди амирии Исмоил ибни Аҳмад (892 – 907) ва Аҳмад ибни Исмоил (907 – 914) аксаран ноболиғ ба сари тахт шинонда мешуданд ва дар айни камолоти давлатдорӣ мавриди террору сӯиқасд қарор мегирифтанд ва ё ба таври ногаҳонӣ вафот мекарданд?» - омӯзиши чуқур ва таҳлили ҳаматарафаи вазъияти ҳамонвақта, ихтилофу зиддиятҳои дохилии байни сарлашкарону сиёсатмадорон, гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ, мазҳабӣ ва қавмиро дар дарбор ва соири кишварҳои ҳамсоя тақозо мекунад. Ин мавзӯи баҳси алоҳида аст.

# РОЗДОРӢ ДАР МУЛКДОРИИ НИЁГОН

**Гуфт пайғамбар ҳар кӣ сир нуҳуфт,**
**Зуд гардад бо муроди хеш ҷуфт.**

Мавлавӣ Ҷалолуддини Балхӣ муаллифи маснавии «Маънавӣ» - и дар олами адабу ирфон машҳур ана ҳамин тавр соддаву возеҳ ва таъсирбахш ҳадиси ҳазрати Муҳаммади пайғамбар (с) - ро дар бораи пинҳон доштани сир ба риштаи назм даровардааст. Бале, он ки сирри хешро нуҳуфта тавонист, пинҳон дошт, ба мақсади худ, ба ҳадафи хеш ба зудӣ хоҳад расид. Дар ҷои дигар, дар насиҳатномаи худ ба ҳазрати Алӣ (р) ҷаноби Расули Акрам (с) мефармоянд:

"Ё Алӣ! Дӯстро се аломат аст. Аввалин аломат ин аст, ки нафси худро нисори дӯст кунад. Дуввум моли худро нисори ӯ кунад. Саввум сирри ӯро нигоҳ дорад ва фош накунад".

Сирро фош накардан танҳо ба душман ифшо насохтани сир набуда, балки онро ҳатто аз наздиктарин дӯсти худ пинҳон доштан аст. Зеро халқ дар ҳикмати худ гуфтааст:

**Сирри худ бо ёри худ то чанд битвонӣ, магӯ,**
**Ёр ёре дораду аз ёри ёр андеша кун.**

Аҳлии Шерозӣ низ пушаймонии худро аз ифшои розаш

дар назди ҷонон чунин иброз доштааст:

**Ба ҷонон дарди дил гуфтам, шудам**
**расво надонистам,**
**Ки бояд дошт пинҳон рози худ аз ёри ҷонӣ ҳам.**

Амиралмӯъминин ҳазрати Алӣ (р) дар пандномаи худ "Наҳҷ - ул - балоға" дар бораи зарурати пинҳон доштани сир мефармояд: "Сирри ту асири туст, чун онро фош кардӣ, асири ӯ хоҳӣ шуд". Бале, сир то замоне, ки ифшо нашавад, ба мисли як маҳбусест, монанди асирест барои ҳомили худ, вале ҳамин ки фош гардид, дорандаи худро таҳдид хоҳад намуд ва билохира пойбанди ин фошсозӣ хоҳад кард. Чунин аст табиати сир ё худ роз.

"Лисон - ул - ғайб" Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ магар маҳз аз ҳамин лиҳоз аз ифшои розаш дар ҳарос буд, ки бо ҳасрат гуфтааст:

**Дил меравад зи дастам соҳибдилон худоро,**
**Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.**

Лаҳзае бо девони Ҳофизи бузургвор худоҳофизӣ менамоему талош бар он меварзем то бифаҳмем худи роз чист? Чиро сир мегӯянд?

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст: «Роз – матлаби пӯшида, пинҳон, асрори дил, он чи дар замири дил аст.

**Маро кай метавонанд аз забонҳо ҷамъ кард акнун,**
**Ман он рози ниҳон будам, ки берун аз даҳон рафтам.**
**Сайидо»**[1]

«Сир, сирр – роз, кор ва амали пинҳонӣ, кор ва амале,

---

1. **Фарҳанги забони тоҷикӣ,** Москва - 1969, ҷилди 2. саҳ:141.

ки инсон дар дил пинҳон нигоҳ медорад, орзӯ ва мақсади пӯшида.

**Басе пурсида шуд пинҳону пайдо,**
**Намешуд сирри ин сурат ҳувайдо.**

**Низомӣ»[1].**

Соддатар карда бигӯем сир ё худ роз иттилоотест, хабарест, маълумотест, ки доранда, ҳомил ва ё соҳиби он дар натиҷаи фош ё ошкор шудани он дучори талафоту хисороти зиёди ҷониву молӣ ё моддиву маънавӣ хоҳад шуд.

Сир аз рӯи маъниву мазмун, моҳияту мундариҷаи худ ба навъҳои мухталиф тақсим мешавад. Сирри шахсӣ, сирри хонаводагӣ, сирри гурӯҳӣ, сирри ҳизбӣ, сирри хидматӣ, сирри тиҷоратӣ, сирри низомӣ, сирри давлатӣ ва ғайра. Аз ин рӯ қариб дар ҳамаи кишварҳои мутараққии дунё махсус идора, муассиса ё созмонҳое таъсис дода шудаанд, ки танҳо ба хотири ҳифзи розу асрори хеш ва ё баръакс ба мақсади ба даст овардани сирри душман, ҳариф ва ё рақиб фаъолият мекунанд. Ин масъала то ба ҳадде муҳим ва пурарзиш аст, ки барои ҷилавгирӣ аз розфошкуниҳо, дуздии сирру асрор дар қавонини ҷиноии ин кишварҳо моддаҳои мушаххас ва ҳатто қонунҳои махсус алайҳи розрабоӣ ва розрабоён, фошкунандагони асрор ҷорӣ карда шудаанд

Кишвари тозаистиқлоли мо аз ин қатор истисно нест. Чунончи, дар Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи маи соли 1998 аз ҷониби Маҷлиси Олии кишвар қабул шудааст, моддаи 305 "Хиёнат ба давлат", моддаи 308 "Ҷосусӣ", моддаи 311 "Ифшои сирри давлатӣ", моддаи 312 "Гум кардани асноди дорои сирри давлатӣ" маҳз ба хотири ҳифз ва пешгирӣ аз ифшои сирри давлатӣ ҷорӣ карда

---

1. **Фарҳанги забони тоҷикӣ,** Москва - 1969, ҷилди 2. саҳ: 245.

шудаанд. Ҳадафи аслии қабули Қонун "Дар бораи сирри давлатӣ", ки моҳи декабри соли 1996 аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, низ аз ҳамин иборат аст. Вале дар ин рисола мо на дар хусуси ин моддаҳо ва қонуни мазкур ҳарф задаем. Мақсад аз навиштани ин сатрҳо овардани он матолиб аст, ки чӣ гуна гузаштагони мо дар ҷараёни давлатдории хеш ба масъалаи пинҳон доштани сир ё ифшои роз муносибат кардаанд. Зеро беҳуда "Одам - уш - шуаро" Рӯдакӣ нагуфтааст:

**Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,**
**Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.**

...Анӯшервони сосонӣ, ки дар таърихи давлатдории миллатамон ҳамчун подшоҳи одилу раиятпарвар ном баровардааст, дар масъалаи пинҳон доштани сирри мулкдорӣ бо ҷиддияти том рафтор мекардааст ва шояд яке аз омилҳои асосии дар аҳди ҳукмрониаш адолатро таъмин карда тавонистан низ дар ҳамин ҷиддияти рафтораш дар масъалаи ихфои роз дар мулкдорӣ будааст. Чунончи, дар рисолаи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ" - и Ҳусейн Воизи Кошифӣ, ки асосан барои подшоҳону сарварони кишварҳо ҳамчун дастури мулкдорӣ навишта шудааст, ҳикоятеро роҷеъ ба ин масъала мехонем:

"... Нӯшервонро гуфтанд: "Фалон кас сирри ту ошкор мекунад". Фармуд, ки ӯро дар хок пинҳон кунед, то он роз пинҳон бимонад.

**Ҳар кӣ созад сирри пинҳон ошкор,**

**Зери хоки тира пинҳон беҳтар аст.**

**Сир нигаҳ дорӣ сарат монад ба ҷой,**

**З - он ки ҳифзи сир нигаҳбони сар аст».**

Чунин муносибати шадидро нисбати ифшогарони сирри мулкдорӣ Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар як ҳикояти дигараш, дар рисолаи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ" бад – ин сурат тарғиб кардааст: "Подшоҳ гуфт: "Дар сиёсат сухане бигӯй". Гуфт, дар куштани мардум саъй макун, ки харобии бадани инсон осон коре нест, магар дар куштани се кас, ҳама доноён туро маъзур хоҳанд дошт. Яке ҷобире, ки ҷабркунанда харобии мулки ту ҷӯяд. Дуввум омиле, ки моли ту дуздад. Саввум, хоине, ки сирри ту ошкор кунад".

Хоҷа Самандари Тирмизӣ дар асари худ "Дастур - ул - мулук" дар насиҳат ба мулкдорон гуфтааст: "Азизи ман, асрори мамлакат чун муҳимоти урфӣ ва муомилоти расмӣ нест, ки ба ҳар кас машварати он тавон кард. Онҳо, ки мо фи - з - замир (он чи дар дил, сирри дил) ба ғайр нишон додаанд, аз авҷи шаҳриёрӣ ба ҳазизи (чуқурии) беихтиёрӣ афтода:

Чунонки гуфтаанд:

**Чӣ зебо гуфтааст он марди ҳушёр,**

**Агар сар боядат сирро нигаҳ дор».**

Муаллифи "Дастур - ул - мулук" аз кадом тоифа ё худ гурӯҳ пинҳон доштани рози мулкдориро ба подшоҳон чунин маслиҳат медиҳад: "Азизи ман, мулкро дар нигаҳ доштани

асрор эҳтиёти тамом лозим аст, хосса аз дӯстони ноумед ва душманони ҳаросон. Чунонки гуфтаанд:

**Дӯсте, ки аз ту ноумед бувад,**
**Маҳрами худ масоз дар ҳама ҳол.**
**Ба адӯ низ, к - аз ту тарсон аст,**
**Нест изҳори сирри хеш ҳалол.**

Бисёр буда, ки мулки подшаҳӣ, балки ҳаёту зиндагонӣ ба сабаби ифшои роз аз даст дода".

Дар ҷои дигари ҳамин асараш Хоҷа Самандари Тирмизӣ барои тақвияти фикри болоии худ ин пандро овардааст: "Азизи ман, ба ҳар дӯсте сирри худро магӯй ва ба ҳар душмане зулм аз ҳад магузарон. Шояд, ки дӯст душман шаваду душман дӯст гардад".

Дар ин бора Марзбон ибни Рустами Мозандаронӣ адиби асри X дар китобаш «Марзбоннома» навиштааст: «Роз бо мардуми соддадил ва бисёргӯй ва майхора ва парокандасӯҳбат магӯй, ки ин тоифа аз мардум бар таҳаффуз ва китмони он қодир набошанд».

Аксари удабо, уламо ва сиёсатмадорони пешин илоҷи асосии пинҳон доштани сирро дар ин дидаанд, ки доранда ё худ ҳомили сир ҳаргиз ба касе онро ба ҳеҷ ваҷҳ ифшо накунад. Зеро дар сурати фош шуданаш он сир овоза хоҳад шуд. Расули Акрам Муҳаммади пайғамбар (с) дар ҳадисе фармудааст: "Сирре, ки аз байни ду кас гузашт, овоза мешавад".

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар рисолаи «Ахлоқи Мӯҳсинӣ" дар ин мавзӯъ ҳикоятеро нақл мекунад: "Овардаанд, ки

Искандар сирре аз асрори худ бо яке дар миён оварда буд ва дар муҳофизати он муболиға карда. Ногаҳон сирр аз вай сар барзад ва бар гӯши Искандар расид. Искандар ба ҳаким Ҷолинус гуфт: "Уқубати касе, ки сирри касе фош кунад, чист? Ҳаким гуфт: “Равшантар фармо”. Искандар гуфт: "Ман ба фалон кас сирр дар миён ниҳодам ва ӯ ифшо кард ва ман аз ӯ ранҷидаам ва мехоҳам, ки ӯро ба сазои ҷазо расонам". Ҳаким гуфт: "Эй малик, аз ӯ маранҷ ва ӯро уқубат макун, ки сирри худро худ ифшо кардаӣ бо он, ки сирри ту туро муҳим буд, бори он натавонистӣ кашид, агар дигаре таҳаммуле он бор накунад баъид (аз эҳтимол дур) набошад".

**Сирри худро ҳам ту маҳрам шав, ки маҳрам ёфт нест,**
**Ҳамдами худ бош, зеро ҳамдаме дарёфт нест.**
**Дӯсти якрӯю якдил ҷустам аз пири хирад,**
**Гуфт, бигзар, к - он чӣ мехоҳӣ ба олам ёфт нест.**

Чи навъе ки аз таърихи ниёгонамон мебинем масъалаи пинҳон доштани роз ва сирри мулкдорӣ, махсусан, дар сохторҳои низомӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. Дар "Корномаи Ардашери Бобакон", ки аз қадимтарин намунаи осори хаттӣ дар бораи оини мулкдории аҷдодонамон аст, омадааст, ки Ардашер қабл аз озими амалиёти низомӣ шудан сарбозони худро хеле дақиқ месанҷид ва интихоб менамуд. Яке аз талаботи асосие, ки дар вақти интихоби онҳо ба ин гуна сарбозон пешниҳод карда мешуд, албатта ин пинҳон дошта тавонистан ё худ маҳрами роз будани онҳо буд.

Шариф Муҳаммад Мансури Муборакшоҳӣ дар китоби

"Адаб - ул - ҳарб" дар боби 31 аз амалу кирдорҳое ном гирифтааст, ки агар сарбозон онҳоро содир карда бошанд, бояд ба ҷазои сазовор расонда шаванд. Дар қатори дигар амалҳои зарарноку хатарноке, ки боиси талафоти ҷониву хисороти молӣ хоҳад шуд, муаллиф аз ошкор сохтани сирри ҳарбӣ низ ном бурдааст. Аз ҷумла, агар дар вақти ҷанг сарбоз ба душман роҳи гурезро нишон диҳад, ё худ агар ба тарафи душман аз камонғулак тире партов кунад, ки дар пайкони он намак бошад, ё худ агар душманро аз ҳолати лашкари худ воқиф сохта, теъдоди онро хабар диҳад ва ғайра аз қабили он амалу ҳаракатҳое ҳастанд, ки бояд ҳатман ба сазои ҷазо расонда шаванд.

Ба қавли муаллифи "Дастур - ул - мулук" дар олам амалҳое мавҷуданд, ки инсон набояд онҳоро бо хоҳиши худ ихтиёран ба ҷо биорад  ё худ бипазирад. Ифшои роз аз ҷумлаи онҳост.

"Ҳукамо гуфтаанд, ки се чизро ба ихтиёри худ қабул набояд кард: аввал хизмати султон, дуввум нӯшидани заҳр бегумон, саввум ифшои роз".

Подшоҳони чаҳор гӯшаи дунё вақте ки дар бораи роздорӣ сухан гуфтаанд, ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ дар "Баҳористон" қариб ки як маъниро дар шаклҳои гуногун иброз доштаанд: "Чаҳор калима аст, ки чаҳор подшоҳ пардохтаанд, ки гӯё як тир аст, ки аз чаҳор камон андохта.".

Кисро гуфтааст: "Ҳаргиз пушаймон нашудам аз он чӣ нагуфтам ва басо гуфта, ки аз пушаймонии он дар хоку хун хуфтаам".

**Хомӯш нишин, ки ҷамъ нишастан ба хамӯшӣ,**
**Беҳтар зи гуфтане, ки парешонӣ оварад.**

**Аз сирри сар ба мӯҳр пушаймон нашуд касе,**
**Бас фош гашта сир, ки пушаймонӣ оварад.**

Қайсар фармудааст: "Қудрати ман бар ногуфта беш аз он аст, ки бар гуфта, яъне он чи нагуфтаам, битавонам гуфт ва он чи гуфтаам, натавонам нуҳуфт".

**Ҳар чи ифшои он бувад душвор,**
**Ба ҳарифон магӯ ба осонӣ.**
**К - он чи дорӣ нуҳуфта, битвон гуфт,**
**В - он чи гуфтӣ, нуҳуфт натвонӣ.**

Ҳоқони Чин дар ин маънӣ сухан чунон рондааст, ки бисёр бошад, ки парешонии гуфтан сахттар бошад аз пушаймонии нуҳуфтан.

**Ҳар сирри сарбамӯҳр, ки дар хотир афтадат,**
**Суръат макун ба лавҳи баёнаш нигоштан.**
**Тарсам, шавад ғаромати изҳори он туро,**
**Мушкилтар аз надомати пӯшида доштан.**

Малики Ҳинд бад - ин нукта забон кушодааст, ки ҳар ҳарф, ки аз забон ҷастааст, дасти тасарруфи маро аз худ бастааст ва ҳар чӣ нагуфтаам, молики ӯям, агар хоҳам бигӯям ва агар хоҳам нагӯям.

**Бихрадеро зи рози фошу ниҳон.**
**Масали нек бар забон рафта.**
**К - ин чу тирест монда дар қабза,**
**В - он сухан чу тирест аз камон ҷаста".**

Таърихи на чандон дури миллатамон, алалхусус ҷанги шаҳрвандие, ки ҳанӯз ҳам захму доғи дар қалбҳо гузоштаи он даво наёфта ва шикасту харобиҳои ба хоҷагии халқ расонидаи он тармим ва обод нагаштаанд, гувоҳу далел бар он аст, ки ноошноёну нотавонбинони Тоҷикистону тоҷикистониён дар оташ афрӯхтани он бадбахтие, ки ба сари халқамон таҳмил гардид, маҳз аз розу асрори донистa ва надониста ба мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ ифшо намудаи бархе аз кӯрназарону кӯтоҳандешон истифода карданд ва ҷанг дар байни ду бародар андохтанд. Бале, ифшои розе на танҳо метавонад боиси расонидани хисороти моливу маънавӣ ба шахсияте ё гурӯҳе гардад, балки сабаби бурузи нотинҷиву нооромиҳо дар ҷомеа шуда ҳаёти чандин наслро ба хатар мувоҷеҳ сохта, сиёсати пешгирифтаи як кишварро нисбати давлати дигар тағйир бидиҳад, дар муносибати байни давлатҳо ташаннуҷ эҷод кунад ва ҳатто ҷаҳонро дар сарҳади ҷанг қарор бидиҳад. Барои мисол дур намеравем. Бо вуҷуди он ки дар ҷанги дуввуми ҷаҳон ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ муштаракан ва дар ҳамоҳангӣ алайҳи Олмони фашистӣ мубориза бурда, шикасти қарибулвуқӯи онро таъмин карда бошанд ҳам, вале дастраси Иттиҳоди Шӯравӣ шудани сирри бунёди бомбаи атомӣ боиси сардӣ дар равобит ва эҷоди мусобиқаи таслиҳотӣ дар байни ин ду кишвари абарқудрат гардид, ки борҳо ҷаҳонро дар садади ҷанг қарор додааст. Ва баръакс, сиёсатмадорони кишварҳое, ки дар мулкдории хеш ба ин масъала аҳамияти зарурӣ додаанд ва аз ифшои рози хеш аз новобаста дар кадом соҳаи хоҷагии халқ будани он сарфи назар кардаанд, тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ давлатҳои хешро ба

қатори кишварҳои мутараққии ҷаҳон ворид созанд...

Чаҳорчӯбаи мақола аз мо тақозо дорад, ки дар ҳамин ҷо ба он ҳусни хотима бахшем. Биёед боз ба девони ҳазрати Ҳофиз руҷӯъ меорем, то бубинем, ки дар ин ҷода он бузургвор ба мо чӣ маслиҳате медиҳанд, моро чӣ ҳидояте мекунанд:

**Ба пири  майкада гуфтам, ки чист  роҳи наҷот?**
**Бихост ҷоми маю гуфт: "Роз пӯшидан".**

# ҲИФЗИ ЛАШКАР ВОҶИБ АСТ

## ҲАМ КАШФ ВА ҲАМ ЗИДДИКАШФ

Давлате, ки қувваҳои низомӣ ва интизомии мустаҳкам ва муназзам дорад, дар ҳама давру замон соҳибқудрату соҳибнусрат аст. Ин ҳақиқатест, ки барои исботи он далелу бурҳон овардан зарур нест. Ҳар як саҳифаи таърихи башарият аз ин гуфтаҳо гувоҳӣ медиҳад. Бале, агар нирӯҳои низомӣ ва интизомӣ дар ҳақиқат, ҳаматарафа дар маркази таваҷҷӯҳи сарварони кишвар қарор бигиранду аз дастгирии мардуми оддӣ бархурдор бошанд ва албатта нисбати онҳо ғамхорӣ зоҳир бишавад, ба хусус, ба ҳалли масоили моддӣ ва маишии он диққат бидиҳанд, чунин артиш ва ё худ лашкар дар лаҳзаҳои сарнавиштсоз аз ӯҳдаи масъулияти ба дӯши ӯ гузошта ба хубӣ мебарояд. Вале ин артиш, ин лашкар, он гаҳ пурра, мукаммал ва ҳамаҷониба омода ба ҳисоб меравад, агар дар таркибаш ниҳоде ё сохтори махсусе вуҷуд дошта бошад, ки ошкору пинҳон амнияту фаъолияти самарабахши ин лашкарро мунтазам таъмин карда тавонад. Ин гуна ниҳод ё сохторро имрӯзҳо хадамоти итилоотӣ ва зиддиитилоотии низомӣ ё худ ба ибораи мафҳум разведка ва контрразведкаи низомӣ мегӯянд. Разведка, ки инро баъзеҳо кашф, бархе иктишофот ва иддае хадамоти иттилоотӣ меноманд. Дар артиш барои он зарур аст, ки раҳбарияти онро, минҷумла ситоди марказии артишро на танҳо дар замони ҷанг, балки ҳамеша бо ахбору маълумоти зарурӣ роҷеъ ба нияту нақшаҳои бадхоҳону душманони халқу кишвар сари вақт, пурра ва мунтазам

таъмин намояд. Контрразведкаи низомиро бошад мутаносибан зиддикашф ё зиддииктишофоти низомӣ ё худ зиддииттилооти низомӣ мегӯянд. Вазифаи асосиаш аз он иборат аст, ки нагузорад то гумоштаҳо ва ҷосусони душман бо суфуфи роҳбарон ва сарбозони лашкар нуфуз кунанд ва бад ин минвол амалиёти тахрибкоронаи худро аз дохил густариш диҳанд, бо роҳу усули ба худ хос ба фаъолияти армия зарбаи муҳлик бизананд. Мавҷудияти ҳатмии ин сохторҳо оё талаботи маҳз ҳамин асри нав, асри прогресси илмӣ - техникӣ аст? Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки ҳаргиз на.

## КУРУШ ЧӢ ГУНА ДАРАИ ФЕРМОПИЛРО ГИРИФТ?

Ҳанӯз аз давраҳои хеле қадим подшоҳону лашкаркашони кишварҳои гуногун шарти асосии комёбиву муваффақиятҳои худро дар ниҳод ё одамоне, аниқтараш, дар фаъолияти гурӯҳи ашхосе медонистанд, ки аз аҳволи лашкари худиву бегона ҳамеша иттилооти зарурӣ доштанд.

Дар китоби "Ахлоқи Мӯҳсинӣ" - и Ҳусейн Воизи Кошифӣ омадааст: "Аз Сикандари Зулқарнайн пурсиданд, ки нишони подшоҳи далер чист? Гуфт: Он ки напурсад, ки душман чанд аст, балки тафаҳҳус кунад, ки куҷост".

Дар асри панҷуми қабл аз милод лашкари Куруш дар дараи Фермопил дар ҷанги зидди юнониҳо ба муқобилияти шадиди спартаниҳо бо сардории шоҳ Леонид дучор гардид. Азбаски форсҳо роҳи дигари убурро намедонистанд, дар ин дара талафоти калоне доданд. Ана дар ҳамин вазъият ба кормандони кашфи Куруш муяссар мешавад, ки яке аз сокинони маҳаллиро истихдом намоянд. Иттилооти он

юнонӣ, ки Эфалт ном дошт, дақиқ ва саривақтӣ буд. Куруш моҳирона онро истифода намуда, тавонист ғофилгирона ба душман зарбаи ҳалокатовар бизанад.

Соли 334 – и пеш аз милод Искандари Мақдунӣ болои қаламрави шоҳи Форс Доро лашкар кашид. Дар роҳ аз гумоштаҳои дар дохили лашкар доштаи худ маълумот гирифт, ки миёни сарбозону қумандонон аз сиёсати ӯ норозигӣ авҷ гирифтааст, ки оқибати хубе ба бор нахоҳад дошт. Искандар тасмим гирифт, ки сабабҳои ин норозигӣ ва ашхоси ба ин кор гунаҳгорро ошкор намояд. Ба ҳамин мақсад ӯ манъи номанависиро, ки қабл аз юриши худ ҷорӣ карда буд, бекор намуд. Дар як муддати кӯтоҳ сарбозону лашкаркашон мактуби зиёде навишта ба дасти номарасонҳои низомӣ супорданд, то ки онҳоро ба аҳли хонаводаҳояшон бирасонанд. Баъдан Искандар фармон медиҳад, ки хаткашонҳоро боздошта номаҳоро дақиқ биёмӯзанд. Бад ин тариқ Искандар ҳам сабабҳои норозигӣ ва ҳам ашхоси гунаҳгорро ошкор ва ба ҷазои аъмолашон расонд. Муҳаққиқон ин амали Искандарро якумин кӯшиши ҷорӣ кардани сензура дар хадамоти номарасонӣ ҳисобиданд.

Барои огоҳӣ пайдо кардан аз овозаҳои дохили артиш амирону лашкаркашон аз роҳу воситаҳои мухталиф, ҳатто ғайричашмдошт истифода мебурданд. Чунончи яке аз лашкаркашони юнонӣ иттилоъ мегирад, ки дар дохили артишаш ҷосусони зиёди душман фаъолияти вайронкорӣ мебаранд. Барои фош кардани онҳо ин сарлашкар сарбозонро қатор карда ба ҳама амр медиҳад, ки якдигарро амиқ пурсуҷӯ кунанд. Дар сурати пайдо кардани шубҳа

нисбати ҳамсӯҳбатони хеш ба қумандонҳо гузориш бидиҳанд. Бо ин роҳ чандин ҷосус ифшо ва безарар карда шуд.

## СУУД ВА СУҚУТИ ЮЛИЙ СЕЗАР

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки подшоҳ ва сарлашкаре, ки ба ҳар ду шохаи хадамоти махсус ҳам иктишофотӣ ва ҳам зиддииктишофотӣ диққат додаанд, ба дастовардҳои калоне соҳиб шудаанд. Ва баръакс, онҳое, ки ба яке аз ин шохаҳо аҳамият дода, шохаи дигарро аз мадди назар дур кардаанд, ҳатман ба мушкилоти бештаре мувоҷеҳ шудаанд. Чунончи  узви Триумварати аввалин дар Руми қадим Марк Лициний Красс кори хадамоти иктишофотии худро хеле хуб ба роҳ монда буд ва ҳамеша сари вақт иттилооти дақиқеро аз аҳволи роҳбарони худ касб мекард. Вале айнан ҳамин корро дар артишаш ба таври бояду шояд ба роҳ намонда буд. Бинобар ин соли 53 - уми пеш аз милод ӯ, ки шахсан сарлашкариро низ ба ӯҳда дошт, дар ҷанги зидди портиҳо дар наздикии Карр мағлуб гардид. Бузургтарин лашкаркаши аҳди қадим Юлий Сезар бошад ҳангоми юришҳо ва ҷангҳои худ аз разведка васеъ истифода мебурдааст. Дар замони ӯ хадамоти иктишофотӣ ҷузъи муҳим ва доимии лашкар ба ҳисоб мерафт. Ҳар як воҳиди низомии лашкараш, ҳатто хурдтарин ҷузъу томаш ин гуна хадамотро соҳиб буд. Вале Юлий Сезор вақте ки ба сари қудрат омад ва ҳокими Рум шуд, аз таъсиси ин сохтори муҳими давлатдорӣ, яъне ҳадамоти махсусе, ки аз аҳволи раҳбарони сиёсӣ ва дохили ҳукуматаш ба ӯ хабар бидиҳанд, худдорӣ кард. Дар натиҷа ӯ соли 44 - и пеш аз милод ҳатто

аз сӯиқасд ба ҷони худ ҷилавгирӣ карда натавонист ва бо дасти муҳофизи шахсияш ба ҳалокат расид.

## АРДАШЕРИ БОБАКОН, ШОҲГИР ВА ЗАБОНОВАРОНУ ДИЖОГАҲОН

Дар таърихи давлатдории тоҷикон подшоҳону сарлашкаркашони машҳур ба қуллаҳои баланди шӯҳрат ва обрӯву эътибор аксаран ба он хотир расидаанд, ки ҳамеша аз аҳволи раият ва лашкари худ маълумоти айнӣ (объективӣ) ва огоҳии пурра доштанд. Ин огоҳӣ ва иттилои айнӣ доштан имконият фароҳам меоварад, ки вазъиятро таҳти назорати худ бигиранд ва болои он таъсир бигузоранд ба он навъе, ки салоҳ медонанд ва мехоҳанд. Огаҳ ва соҳибмаълумот будан табиист он вақт даст медиҳад, ки шабакаи хабаррасонҳову гумоштаҳо пурқувват бошаду он муназзам кор кунад. Агар чунин набуд Куруше, ки аз ӯ болотар ёд кардем, қариб нисфи ҷаҳонро тасхир намекард. Асосгузори давлати Сосониён Ардашери Бобакон низ ба сабаби аз ин рукни мулкдорӣ самаранок истифода бурданаш тавонист империяи дар давраи Доро пошхӯрдаи ниёгонамонро барқарор намояд. Аз ҳаёти ӯ танҳо як мисол меорем. Тибқи китоби "Корномаи Ардашери Бобакон" ин подшоҳи хирадмандро, ки ҳамзамон фармондеҳии лашкарашро ба ӯҳда дошт, зарур буд қалъаи душманаш Кирмро тасхир намояд. Дар ин кори ӯ Шоҳгир ном марде, ки ба эҳтимоли зиёд масъули хадамоти иттилоотии артишаш будааст, саҳми калон гузоштааст. Дар китоб омадааст: "Ҳамрадифи Ардашер Шоҳгир ном мард буд, хирадманд

буду солор. Шоҳ ба ӯ чунин гуфт, ки "Акнун равшанравон бош, шабу рӯз талоя (аскарони пешгард) ба пой бошад, дар он саворони бадонишу роҳнамойро дарор. Ҳама дидагонашро кушода доранду посбонӣ кунанд".

Чи тавре аз асарҳои таърихӣ маълум аст, талоя дар лашкар як гурӯҳи махсуси сарбозонеро мегуфтанд, ки умдатан ду вазифаро иҷро мекарданд. Вазифаи аввалинашон ин касби иттилоот аз дохили душман буд. Ин гурӯҳ одатан ноаён вориди минтақаҳои таҳти тасарруфи душман шуда иттилооти лозимаро дар бораи вазъияти лашкари рақиб, мавқеи онҳо ба даст оварда, онро сари вақт ба воситаи нафарҳои махсус ба фармондеҳони худ мерасонд.

Дар "Шоҳнома" - и безаволи Фирдавсии бузургвор ин гуна ашхос бо номҳои гуногун ёд мешаванд. Чунончи сарбозеро, ки асрори низомиро аз дигарон бештар медонист ва ба касби иттилоот машғул буду вазифаҳои қосидро низ иҷро мекард **корогаҳ** мегуфтанд:

**Бирафтанд корогаҳон ногаҳон,**
**Нуҳуфта биҷустанд кори ҷаҳон.**

Калимаи **наванд** ба маънии номабар, муждарасони амалиётҳои ҳарбӣ истифода шудааст:

**Наванде биёмад зи ҳар сӯ давон,**
**Ба огаҳ кардан бори паҳлавон.**

**Забоновар** бо маънии калимаи барои ҳама имрӯз фаҳмои разведкачӣ омадааст.

**Чу наздикии шаҳри Сиёвуш расид,**
**Зи лашкар забоноваре баргузид.**

Дар омада гап бигӯем, ки дар асрҳои минбаъда бо мурури замон вобаста ба таъсири муҳиту тағйироти геополитикӣ дар лексикони ин рукни давлатдорӣ истилоҳоти нав ба нав ворид мешавад. Чунончи дар замони Сомониён ва баъдан калимаҳои **соҳибхабар**, **соҳиббарид**, **ҷосус**, **мушриф**, **мунҳӣ**, **муноббеҳӣ** дар забони сиёсатмадорону низомиён хеле серистеъмол буданд. Ин калимаҳо касбу кори онҳоеро ифода мекарданд, ки бо ба даст овардани хабару асрори барои мулкдорону лашкаркашон зарур, машғул буданд.

Акнун биёем ба сари вазифаи дигари талоя. Вазифаи дигари талоя аз он иборат буд, ки дар вақти истироҳати лашкар, одатан ҳангоми юришҳо, амнияти онро таъмин намояд. Ба хусус нагузорад, ки лашкари душман болои он шабехун занад. Албатта ин вазифаро низ бе касби иттилооти зарурӣ иҷро кардан аз имкон берун буд. Бинобар ин ахбори лозима дар ин гурӯҳ низ ба иловаи ашхоси дар боло зикргардида инчунин тавассути **дидбон**, **дижогоҳ**, **кӯтвол, посбон** ба даст оварда мешуд.

**Кӯтвол** маъмури муҳофизати қалъаро мегуфтанд:

**Чу огаҳ шуд кӯтволи ҳисор,**
**Баровехт бо Рустами номдор.**

**Дижогоҳ** низ шахсеро мегуфтанд, ки вазифаи асосиаш ба даст овардани иттилоъ оиди авзои атрофу дохили диж - қалъа буд.

**Биёмад дижогоҳу фармон гузид,**
**Шуд он номдор аз ҷаҳон нопадид.**

**Посбон** ба маънии маъмулии имрӯзааш истифода мешудааст:

**Талоя бибояд ба рӯзу шабон,**
**Махуспед дар хайма бе посбон.**

Ба мавзӯи нақшу вазифаҳои **талоя** ҳамчун як воҳиди махсуси низомӣ дар китоби олим ва сиёсатмадори асри XIII - и халқамон Шариф Муҳаммад Мансури Муборакшоҳӣ "Адаб - ул - ҳарб ва - ш - шуҷоат" як боби алоҳидае бахшида шудааст. Дар он аз хусуси муҳимот, хӯрду хӯрок, усули фаъолияти он дар минтақаи душман дастурҳои хеле судбахше оварда шудааст. Роҳу воситаи ба подшоҳон ва лашкаркашон расонидани иттилооти ба даст омада тавассути мунаббеҳиён ва мунҳиён (хабаррасонҳо) муфассал нишон дода шудааст. Тибқи китоби мазкур соҳибхабаре, ки ба қароргоҳи лашкари хеш баргаштааст, бояд чунон ба он ворид шавад, ки ҳатто касе аз сарбозон ӯро набинад ва агар ҳам дид, дар ҷавоби суоли ӯ вазъиятро бояд хуб тасвир созад, агарчанд баръакс ҳам бошад. Вале аз подшоҳ ва сарлашкар майдатарин нуктаеро низ набояд пинҳон кунад. Хабари хуб ва ҳам бадро бояд беибо бигӯяд, то масъулин тасмими дуруст гирифта битавонанд.

## "МУНҲИИ МО АЗ ХИТОЙ ОМАД..."

Дар осори таърихии миллатамон даҳҳо асару рисолаҳое ҳастанд, ки дар ин мавзӯи мавриди таҳқиқ ибрози

ақида кардаанд, ҳикояту ривоятҳои зиёдеро дар бораи нақшу мавқеи хадамоти иттилоотӣ ва зиддиттилоотӣ дар мулкдории ниёгонамон ба ёдгор мондаанд. Аз мазмуну мундариҷаи баъзе ҳикоятҳо бармеояд, ки аҷдодони мо дар ин самт хеле ҳам пешрафта буданд. То ба он дараҷае, ки аз аҳвол, нияту қасди подшоҳону амирони кишварҳои на танҳо ҳамсоя, балки хеле ҳам дур дар байни ду - се рӯз иттилооти заруриро касб мекарданд. Зеро дар дарбори онҳо манбаъҳои иттилоотии худро доштанд ва усули сари вақт расонидани хабарро низ хуб медонистанд. Ҳусейн Воизи Кошифӣ дар рисолаи "Ахлоқи Мӯҳсинӣ" ҳикоятеро овардааст, ки бинобар сабаби муҳим буданаш мехоҳем онро ба пуррагӣ иқтибос биёрем. "Оварданд, ки Соҳиб ибни Ибод мулозими Фахруддавлаи Дайламӣ буд ва аксар авқот дар Шероз нишастандӣ. Иттифоқ афтод, ки се рӯз пеши малик нарафт. Сабоҳи чаҳорум ба мулозимот расид. Фахруддавла пурсид, ки сабаби тахаллуфи се рӯз чӣ буд? Соҳиб гуфт: Парерӯз мунҳии мо аз тарафи мамлакати Хитой омад ва тақрир кард, ки хони Хитой ба вақти он ки ба фаррошхонаи худ мерафт, бо яке аз аркони давлати худ бо мушоварат сухан мегуфт. Се рӯз аст, ки дар андешаам, ки чӣ гуфта бошад ва тафаҳҳуси лашкар мекардам ва дар дафъи тааррузи ӯ чораҳо месохтам, то имрӯз сабоҳ қосиди дигаре расид. Ба гуфтаи ӯ хони Хитой таҳияи лашкаре мекард ва ба яке аз атрофи мамлакати худ мефиристод. Хотир ҷамъ кардам ва ба мулозимат омадам. Умарову вузароро назари тафаҳҳуси аҳволи салотин то ин ғоят буда, бо вуҷуди ин ки Хитой куҷо ва Шероз куҷо".

Мутаассифона, баъзе амирону подшоҳон ва сарварони кишварҳо аз аҳволу қасди подшоҳони давлатҳои ҳамсояи худ саривақт воқиф мегарданду аз он чи ки дар дохили лашкарашон мегузарад на. Чунин беиттилоотӣ низ дар худ хатари links мармузе ниҳон дорад. Аз ин рӯ Низомулмулк дар "Сиёсатнома" - и худ ба амирону сарварони мамолик дастур медиҳад, ки ҳамин чизро аз маркази таваҷҷӯҳи худ дур накунанд: "Воҷиб аст бар подшоҳ, ки аз аҳволи лашкару раият аз дуру наздик пурсанд, аз андаку бисёр он чи равад бидонанд. Агар на чунин бошад, айб кунанд ва бар ситамгарӣ амал кунанд ва гӯянд фасодиву дароздастӣ, ки дар мамлакат меравад, подшоҳ медонад ё намедонад ва агар медонаду манъ намекунад, он аст, ки ҳамчун эшон золим аст ва ба зулм ризо додааст ва агар намедонад ғофил аст. ва ин ҳар ду маънӣ на нек аст".

## СОҲИБХАБАР СОҲИБИ БАҲРУ БАР АСТ

Асри нав, асри ихтирои даҳҳо воситаҳои босуръат ҳамлу нақл кардани одамону бори онҳо, бахусус силоҳу муҳимот аз роҳи хушкӣ, обиву ҳавоӣ, асри дар фурсати як мижа задан фиристодани муҳимтарин иттилооти сиёсиву низомиву иқтисодӣ ба муштарии дар дуртарин нукоти ҷаҳон буда тавассути воситаҳои замонавии алоқа қудрату имкониятҳои артишҳои мамолики мухталифи дунёро дар марҳилаи ҳозира даҳчанд кардааст. Ин ҳолат бошад зарурати беш аз пеш дар мадди назари хадамотҳои махсуси кишварҳо нигоҳ доштани ҷараёни кору зиндагии лашкару лашкариёнро таъкид кардааст. Ин аст, ки кишварҳои пешрафтаи олам ИМА ва Федератсияи Русия дар ин самт

низ дастовардҳои чашмгире доштаанд.

Таърихи хадамоти махсуси Русия хеле бою рангин аст. Он марҳилаҳои гуногунеро тай намудааст. Давраи навтарини ин хадамот давраи баъди инқилоби сотсиалистии соли 1917 - ро дар бар мегирад. Ба хотири дифо аз музаффариятҳои инқилоби октябрӣ роҳбари болшевикони инқилобӣ В.И.Ленин моҳи декабри ҳамон сол ба ҳамсафи бовафои худ, инқилобчии лаҳистонӣ Ф.Э.Дзержинский супориш медиҳад, ки Комиссияи Фавқулоддаеро созмон диҳад. Ин Комиссия бештар бо номи ЧК (чекист аз ҳамин ҷост), ки шакли кӯтоҳшудаи ибораи "Черезвичайная Комиссия" мебошад, машҳур буд.

Ана ҳамин шахс, яъне Ф.Э.Дзержинский, ки худ борҳо зери таъқибу фишори полиси махфии шоҳӣ қарор гирифта, дар чандин зиндонҳо ба ҳайси маҳбуси сиёсӣ ба сар бурда буд, асосгузори хадамоти махсуси давраи сотсиалистии на танҳо Федератсиони Русия, балки ҷумҳуриҳое низ гардид, ки баъди таъсиси СССР ба ҳайати он ворид шуданд. Вазифаи муштараки ин Комиссияи Фавқулода, ки баъдан дар таърих бо номҳои ВЧК - ГПУ - ОГПУ - НКВД - МГБ - КГБ - МБ - АФБ - ФСК - ФСБ ёд шудааст, таъмини бехатарии давлат буд. Комиссияи Фавқулодда намояндагии хешро бо номи "Особый Отдел" (Шӯъбаи махсус) дар тамоми қисмҳо хурду бузурги Армияи Советӣ ҷойгир кунонд. Роҳбарият ва кормандони ин шӯъбаҳо бевосита ба садорати худ, ки бо номҳои гуногун (Раёсати сеюм, Контрразведкаи низомӣ) дар дастгоҳи марказии ин ниҳод фаъолият мекарданд, итоат менамуданд. Ҳамин мустақилияти «Шӯъбаҳои махсус» аз фармондеҳии Артиш ба раҳбарияти сиёсии кишвар имкон

медиҳад, ки ҳамеша аз ҳаёти низомиён иттилои дақиқ дошта бошад ва сари вақт аз равандҳои номақбули он ҷилавгирӣ намояд.

Вале ин маънои онро надорад, ки дар дохили артиш ниҳоде, ки ба гирдовардани иттилооти зарурӣ барои фармондеҳии он мувазҙаф бошад, нест. Дар назди Ситоди Генералии Артиши Советӣ ва баъди фурӯпошии СССР артиши Федератсияи Русия Сарраёсати кашф, ки маъмулан бо номи ГРУ (Главное разведывательное управление) машҳур аст, амал мекунад. ГРУ ба ғайр аз он, ки бо касби иттилооти сиёсиву низомӣ барои раҳбарияти низомии кишвар машғул аст, инчунин дар дохили худ воҳидҳои махсуси низомие дорад, ки дар наздашон вазифаҳои вижа гузошта шудааст. Чунончи дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, баъдан ҷанги Афғонистон ва ҳоло ҷанги Чеченистон ба ӯҳдаи воҳидҳои низомии махсуси Сарраёсати кашф амалиётҳои хеле ҷиддӣ ва муҳим оиди аз байн бурдани базаҳои низомии тарафи муқобил, фармондеҳони машҳури онҳо, хиёнаткорон гузошта шудааст. Баъзе мутахассисин ва муалифони асарҳои оиди ин мавзӯъ иншошуда имконияту тавоноии ГРУ - ро беш аз хадамоти махсусе ҳамчун КГБ, ки ҳоло бо номи ФСБ ёд мешавад, ҳисобиданд. Сабаби ҳамчун ФСБ машҳур нашуданашро дар фаъолияти эҳтиёткоронаи онҳо медонанд. Кормандони ин ниҳод қариб дар тамоми сохторҳои низомие, ки дар кишвар мавҷуданд, зери пӯшиши ин ва ё он касбу кор ифои вазифа мекунанд. Вобастаҳои низомии сафоратхонаҳои Русия дар хориҷ аз кишвар (военный атташе) аксаран кормандони Сарраёсати кашфанд. Баъди ба кишварҳои ғарбӣ паноҳанда шудан ва ё

ба манфиати онҳо кор кардани баъзе аз кормандони баладрутбаи ин хадамот, аз ҷумла Олег Пинковский, Владимир Резун ва ғайра ҷаҳон аз тарзу усули фаъолият, сохтор ва асрори дигари он то андозае огаҳ шуда бошад ҳам, сиёсатмадорону низомиён имрӯз ҳам Сарраёсати кашфро мармузитарин, тавонотарин хадамоти махсуси ҷаҳон меҳисобанд. Дастовардҳову шикастҳои бузургтарини Артиши Русия дар даҳсолаи ахир ба фаъолияти ин ниҳод вобастагии зич доранд.

Дар системаи ниҳодҳои амниятиашон ИМА қариб дар ҳамаи сохторҳои сершуморашон ба бехатарии нерӯҳои низомӣ ва интизоми аҳамияти хоса медиҳанд. Агарчи вазифаи асосии хадамотҳои махсус ҳамчун Бюрои Федералии Тафтишот (FBI), Раёсати Марказии Кашф (CIA) иборатанд аз таъмини бехатарии шаҳрвандони мулкӣ ва муҳаё сохтани шароити мӯътадили фаъолият барои созмонҳову муассисаҳои мулкӣ, валекин ҳастанд дар дохили ин ниҳодҳо воҳидҳои махсусе, ки мувazзафанд дар иртибот бо нерӯҳои низомӣ фаъолияти иттилоотӣ ва зиддииттилоотӣ бубаранд, аз мазмуну мундариҷаи ахбороти оиди артиш ба дастоварда роҳбарияти сиёсӣ ва низомии кишварро огоҳ намоянд. Аммо дар баробари ин созмонҳои махсусе таъсис ёфтанд, ки хос дар робита бо нерӯҳои низомии ИМА фаъолият меоварзанд.

Соли 1961 бо ибтикори вазири дифои ҳамонвақтаи ИМА Роберт Макнамара Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷон Кеннеди бо фармони худ Агентии Иттилоотии Дифо (DIA) - ро таъсис дод. DIA таҳти назорати Ситоди муштараки Армияи ИМА фаъолият мекунад ва беш аз як

саду понздаҳ ҳазор корманду мутахассиси варзидаи соҳаи низомӣ дорад. Дар масъалаи ба даст овардани иттилоот DIA дар байни дигар созмонҳои ҷосусии ИМА имрӯз асоситарин рақиби CIA мебошад. Вале дар тавофут аз CIA фаъолияти DIA  сирф ҷанбаи низомӣ дошта, тибқи баъзе хабарҳо пинҳонӣ бар корҳои CIA низ назорат мекунад. Кормандони ин созмон низ мисли хадамоти ГРУ дар тамоми гӯшаву канори олам зери пӯшиши ин ва ё он созмону идора ифои вазифа мекунанд. Аз ҷумла, вобастаҳои низомии сафоратхонаҳои ИМА дар кишварҳои мухталифи дунё маъмулан узви ҳамин созмонанд.

Агентии бехатарии миллӣ (NSA) органи разведкаи электронии ИМА буда ба вазири мудофиа тобеъ аст ва аз фаъолияти худ танҳо ба Шӯрои Амнияти Миллӣ ва Президент ҳисобот медиҳад. Баъди ифшогариҳои собиқ кормандони ин идора аз қабили Митчел, Мартин ва дигарон пардаи асрорангез аз болои ин созмон то андозае бардошта шудааст. Вазифаи муҳимтарини ин идора касби иттилооти зарурӣ аз роҳи гӯш кардани васоити электронии ахбор ва алоқаи байнидавлатӣ, кушодани рамзи хабарҳои ҳукуматии кишварҳо мебошад. Бо ин мақсад ин идора аз тамоми воситаҳои ҳамлу нақл ва алоқаи электронии дар замину осмон ва зери оббуда самаранок истифода мекунад...

# ҶОННИСОРОН ҶОНСИТОНӢ КАРДААНД

***Ё дифои кишвар аз ҳифзи раҳбар сар мешавад.***

## ФОҶИАИ ФИЛИППИ II, ДОРОИ III ВА 14 ИМПЕРАТОРИ ДИГАР

Дар ҳар давру замон ҳифзу таъмини амнияти раҳбари кишвар вазифаи аввалиндараҷа ва яке аз самтҳои асосии фаъолияти хадамоти махсуси давлат ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам он моҳияти хешро гум накардааст. Амирону подшоҳон, сарварону роҳбарони давлатҳоро одатан рамзи зиндаи миллат, обрӯву шӯҳрати он медонанд. Бисёр вақт шудааст, ки сӯқасд ба ҷони онҳо кишварро ба гирдоби бесарусомониҳо мебарад, ҳатто боиси шӯълавар гардидани оташи даргириҳо мегардад. Аз ин рӯ ба масъалаи муҳофизати онҳо ҳамеша бо ҷиддият муносибат карда, аз тамоми воситаву имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода мебаранд. Ба ин мақсад беҳтарин кормандону мутахассисонро сафарбар намуда, аз истифодаи маблағи калон иҷтиноб намеварзанд. Вале бо вуҷуди ин боз ҳам мебинем, ки аҳён - аҳён ба ҷони онҳо сӯиқасдҳо сурат мегиранд, бархе аз онҳо бар асари чунин сӯиқасдҳо ба ҳалокат мерасанд. Дар таърихи башарӣ ками дар кам сарвари давлати мустақиле будааст, ки ба ҷони ӯ сӯиқасд накарда бошанд. Ва бояд махсус қайд кард, ки аксари ин сӯиқасдҳо ё аз тарафи муҳофизини онҳо амалӣ гаштаанд, ё

ҳаддиақал дар созмон додани ин гуна сӯиқасдҳо душманон аз посбонҳо ё муҳофизин васеъ истифода кардаанд. Аз таърих маълум аст, ки танҳо дар як худи Рими қадим 14 император бо дасти муҳофизини шахсиашон кушта шудаанд. Дар Юнони қадим низ падари Искандари Мақдунӣ (Александр Македонский) Файлақуси II (Филиппи II) соли 336 пеш аз милод аз дасти посбони шахсиаш ба ҳалокат расид. Дорои III - ро, ки аз Искандари Мақдунӣ шикаст хӯрда буд, низ муҳофизи шахсиаш Ҷоннисор ба қатл мерасонад. Дар байни таърихнигорон чунин ақидае вуҷуд дорад, ки ғуломони Аҳмад ибни Исмоили Сомониро ба қатлрасонда низ аз ҷумлаи муҳофизини шахсии ӯ будаанд.

На танҳо аз таърихи мозӣ, балки аз гузаштаи на чандон дур даҳҳо мисолҳоеро овардан мумкин аст, ки муҳофизини хусусии раҳбарони кишварҳо ба ҷои таъмини амнияти шахсиятҳои ҳифзшаванда шахсан даст ба қатли онҳо задаанд ва ё ба ибораи дигар гӯем ба ҷои ҷоннисорӣ ҷонситонӣ кардаанд. Мисоли равшани ин қатли сарвазири собиқи Ҳиндустон Индира Гандӣ мебошад. Ӯ 31 октябри соли 1984 ҳангоми сайру гашт дар бӯстонсарояш аз ҷониби яке аз муҳофизонаш мавриди ҳамла қарор гирифта, бо зарби якчанд тир дар ҷои воқеа ба ҳалокат расид. Президенти аввалини Гурҷистони соҳибистиқлол Звиад Гамсахурдиаро баъди сабӯкдӯш шуданаш маҳз ҳозирбошаш ба қатл расонидааст. Нурмуҳаммад Тараккӣ муншии аввали Ҳизби Халқӣ Демократии Афғонистон моҳи сентябри соли 1979 бо супориши Ҳафизуллоҳи Амин, ки муовини ӯ буд, бо дасти ҳозирбошонаш кушта мешавад.

Албатта, чунин ҳодисаҳо боис шудаанд, ки аз

қадимулайём ба масъалаи хоста гирифтани муҳофизин, ки онҳоро бо номҳои гуногун, аз ҷумла, посбони шахсӣ, нигаҳбон, ҷондор, ҷоннисор, ҳозирбош ва ғайра низ ёд мекунанд, аҳамияти ҷиддӣ бидиҳанд. Умуман дар кори омӯзиш, хоста гирифтан, санҷишу муроқаба кардан ва тарбия намудани муҳофизин дар хадамотҳои махсуси ҷаҳон системаи муайяне амал мекунад. Вале идораҳои мушаххас проблемаҳои худро дар ин самт ба шаклу усули ба худ муносиб ва мувофиқ ҳал менамоянд...

## МУҲОФИЗИН АЗ НИГОҲИ НИЗОМУЛМУЛК

...Осори хаттии таърихи дунё ва миллатамон далелу бурҳони онанд, ки ниёгони мо ҳалли ин масъаларо дар мулкдории хеш муҳим шуморида ба он таваҷҷӯҳи хоса зоҳир кардаанд.

Масалан муаррихи юнонӣ **Ксенофонт** дар китобаш «Киропедия», ки асосан дар бораи асосгузори императории Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир эҷод шудааст, дар масъалаи ҳифзи амнияти шоҳ чунин менависад: **«Аз он ҷо ки Куруш мӯътақид буд теъдоди нигаҳбонони дарвозаҳо дар таносуб бо анбӯҳи афроди машкук кофӣ нест, бо истифода аз афроди порсии табақоти поини ҷомеа як горди муҳофизи 10 ҳазор найзадор тартиб дод, ки шабу рӯз ба атрофи Кох мегардиданд ва ҳангоме, ки ӯ дар истироҳат буд, амниятро маҳфуз медоштанд ва ба ҳар ҷо мерафт дар самти росту чапи ӯ ҳаракат мекарданд. Ин афрод вазифаи муҳофизати амнияти шоҳро дар сафарҳо, лашкаркашиҳо низ доштанд»**[1]. Таърихшиноси маъруфи фаронсавӣ Пиер Бриён дар китоби худ «Таърихи

1. **Пиер Бриён**, Таърихи импературии Ҳахоманишиён», саҳ: 554.

импературии Ҳахоманишиён» гуфтаҳои мазкури Ксенофонт ва дигар солноманависони атиқаро далел оварда мегӯяд, ки **«шакке нест, ки ҳадафи ин гуна тадобири эҳтиётӣ на танҳо ҷилва додани қудрати подшоҳ, балки ҳифзи амнияти шахсии ӯ низ будааст»[1].**

Дар ҷои дигари китобаш ин таърихнигори фаронсавӣ масъалаи аз кадом қишри ҷомеъа таркиб ёфтан, тарзи либоспӯшиву бо кадом силоҳ муҷаҳҳаз будани онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ӯ дар бораи ин муҳофизини дарбори Ҳахоманишиҳо бо истинод ба **«Падари таърих» Ҳеродот** менависад: **«Онҳоро (муҳофизинро) аз миёни порсиёни маъмулӣ бармегузиданд. Одатан пиёда роҳ мегаштанд. Ҳазор тан аз ин афрод найзаҳое доштанд, ки дастаи онҳоро анорҳои зеррин зиннат медод. Нӯҳ ҳазор тани дигар муҷаҳҳаз бо найзаҳое буданд, ки норинҷаки нуқрагӣ доштанд. Афроди мазкурро «Порсиёни ҷовидон» меномиданд, ба ин далел, ки ҳар як аз онон, ки бар асари марг ё беморӣ аз саф берун мешуданд, ҳамон замон ҷои онҳоро дигарон ишғол мекарданд. Ба сурате, ки теъдоди афроди Горд ҳеҷ вақт на камтар ва на бештар аз даҳ ҳазор нафар бошад. Инҳо порсиёне буданд, ки зоҳиран пурҷалолтар аз ҳама ва шуҷоату ҷасорати намуна доштанд. Илова ба силоҳҳояшон анбӯҳи зеварҳои заррин ба сару тан доштанд. Озуқа ва моводи хӯрокии онҳо аз сарбозон ҷудо буд ва бо шутурҳо ва чорпоёни гуногун ҳамл мешуд»**[2].

Ҳашамату тарзи либоспӯшии аъзои «Горди ҷовидон»

---

1. **Пиер Бриён**, Таърихи импературии Ҳахоманишиён», саҳ: 554.
2. **Пиер Бриён**, Таърихи импературии Ҳахоманишиён», саҳ: 555.

натанҳо таваҷҷӯҳи Ҳородот, балки таърихнависони зиёдеро низ ба худ ҷалб кардааст. Дар ин бора Пиер Бриён ба муаррих Кант Квартс истинод оварда менависад: **«Таҷаммул ва шукӯҳи беназири зоҳирӣ ба онон ҷилваи бисёр шукӯҳманд медод. Гарданбандҳои тилло ба гардан, ҷомаҳои зардӯзишуда ба тан доштанд ва музайян ба сангҳои қимматбаҳо буданд»**[1].

Дар байни ин афроди даҳҳазорнафараи «Горди шоҳӣ» аз рӯи масъулият, вазифа тарзи либоспӯшӣ, таъмини силоҳ ҳазор нафари онҳо фарқ мекарданд. Тибқи шаҳодати сарчашмаҳо ин ҳазор нафар ба ҳангоми сафарҳо ва лашкаркашиҳо дар асрои истироҳат муҳофизат ва амнияти на танҳо подшоҳ, балки боқимонда нӯҳ ҳазор тан афроди «Горди шоҳӣ» - ро низ таъмин мекарданд. Дар дарбори Ҳахоманишиҳо **«Шилиарк»** ном мансабе вуҷуд доштааст, ки тибқи салоҳияти худ, одами дуввуми дарбор ба ҳисоб мерафтааст. Ҳатто хазинадори шоҳ ва раиси чопорхонаи (почтаи) шоҳӣ низ ба ӯ итоат мекардаанд. Профессор **Пиер Бриён** бо ишора бо **Диодор** менависад,ки **«подшоҳони форсӣ нахустин фармонравоне буданд, ки мақоми бисёр шукӯҳманди «Шилиарк»-ро, ки дар миёни унвонҳои муҳими дарборӣ аз ҳама муҳимтар буд, ба вуҷуд оварданд. «Шилиарк» бар маҷмӯаи умур ва дафотири шоҳӣ назорат доштааст».** Ба ақидаи профессор **Пиер Бриён** ҳамин **Шилиарк** эҳтимолан фармондеҳии **«ҳазортан»**-ро аз ҷумлаи **«Горди ҷовидон»**-и даҳҳазор-нафараи шоҳӣ дар даст доштааст. Воқеан дар сарчашмаҳои хеле қадим дар ин маврид истилоҳи **«ҳазорпатиш»** низ

---

**1. Пиер Бриён**, Таърихи импературии Ҳахоманишиён», саҳ: 554.
**2. Пиер Бриён**, Таърихи импературии Ҳахоманишиён», саҳ: 549.

бисёр дучор мешавад, ки маънои он **«раиси ҳазортан»** гуфтан аст. Ин истилоҳи форсии миёнаро юнониён **«азарпатеис»** талаффуз мекарданд.

Акнун рӯ меорем ба замонҳои андаке ба мо наздиктар, ба асрҳои миёна, ба китоби **«Сиёсатнома»** - и Низомулмулк. Дар ин китоб боби махсусе ҳаст, ки он **"Андар тартиби кори посбонон ва навбатчиёну дарбонон"** ном дорад. Дар он аз ҷумла омадааст: "**Дар кори посбонон ва дарбонон ва навбатчиёни хос эҳтиёти тамом бояд кард ва касоне, ки ин қавмро тимор доранд, бояд ки ҳамаро бишносанд ва дар аҳволи эшон пинҳон ва ошкоро баррасида бошанд. Ва ба зар зуд фирефта нашаванд ва чун бегона дар миён бинанд, аз ҳоли ӯ бипурсанд ва ҳар шаб, ки ба навбат оянд ҳамаро ба чашми боз гузоранд ва аз ин муҳим ба шабу рӯз ғофил набошанд, ки ин шуғли нозуку хатарнок аст ва кори бузург. Эҳтиёт бояд кард"**.[1]

Чӣ тавре ки мегӯянд дигар ҳоҷат ба шарҳу баён нест. Ҳама чиз равшану возеҳ ифода ёфтааст. Сарвари дастаи посбонон бояд мушаххасан зердастони хешро бишносад, аз аҳволи онҳо чӣ ошкоро, чӣ пинҳонӣ иттилоъ бигирад, аз эҳтиёҷоти онҳо воқиф бошад, то фирефта ба зар нашаванд, нагузоранд, ки ашхоси бегона дар дохили онҳо зуҳур кунанд. Инҳо имрӯз ҳам талаботҳоеанд, ки дар навбати аввал гузошта мешаванд.

Низомулмулк масъалаи таъмини амнияти шоҳонро чунон муҳим медонад, ки дар ҷои дигари китобаш дастур додааст, ки надимони шоҳ, ба хусус, мунаҷҷимону табибон бояд, ки вазифаи ҷондорӣ, яъне муҳофизро низ ба ҷо биёранд. **"... ва дар надимон чанд фоида бувад, яке он ки**

1. **Низомулмулк**, Сиёсатнома, Душанбе, 1989, саҳ:99.

**подшоҳро мӯнис бувад ва дигар он ки чун шабу рӯз бо ӯ бошад ба маҳалли (ба ҷои) ҷондорон бувад ва агар хатаре пеш ояд, тани хешро сипари он бало кунад" [1].**

Дар омади гап бояд гуфт, ки ин усули кор, яъне зери пӯшиши ин ва ё он корманду ходим истифода бурдани муҳофизину ҳозирбошон имрӯз ҳам дар арсенали хадамотҳои махсус боқӣ мондааст. Чунончи дар ҷараёни яке аз сафарҳои Котиби Генералии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ Л.И.Брежнев ба ИМА бо мақсадҳои таъмини бечунучарои бехатарии ӯ вазифаи тарҷумониро низ ба ӯҳдаи яке аз муҳофизонаш, ходими Сарраёсати муҳофизати КГБ СССР вогузор карданд.

Вале бармегардем ба "Сиёсатнома". Низомулмулк дар китобаш бо он чи ки дар боло овардем иктифо накардааст. Ӯ ба чокарону бандагон маслиҳат медиҳад, ки ҳангоми дар ҳузури шоҳ будан кадом мавқеъро ишғол кунанд ва чӣ гуна хизматро ба ҷой биёранд, то ба амнияти подшоҳ хатаре таҳдид накунад: "Бандагон ва чокарон ва кеҳтарон ба вақти хизмат бояд, ки падидор бошанд ва ҳар якеро ҷое маълум бувад, ки истодану нишастан дар пеши мулук ҳарду яксон бошад ва дар истодан ҳамон тартиб нигоҳ бояд дошт, ки дар нишастан ва касоне, ки аз хавос (хос) маъруф бошанд гирдогирди тахт наздик истанд, чун силоҳдорон ва соқиёну монанди ин ва агар касе хоҳад, ки миёни эшон биистад, ҳоҷиби дарбор ӯро дур кунад ва ҳамчунон агар миёни ҳар гурӯҳ ноаҳлӣ бинад, бонг бароварад ва нагзорад, ки он ҷойгоҳ истад ва дигаронро гӯяд, магзоред".

Ба иловаи он чӣ ки дар боло гуфтем, Низомулмулк зарурати дар даргоҳ ба таври доимӣ нигаҳ доштани воҳиди

---

1. **Низомулмулк**, Сиёсатнома, Душанбе, 1989, саҳ:76.

низомиеро иборат аз дусад нафар таъкид карда, лозим медонад, ки он ҳамаҷиҳата таъмин бошад, то ба вақти пеш омадани муҳиме фурӯ намонад: **"Пайваста дувист мард мебояд ба даргоҳ, ки эшонро муфридон гӯянд, мардони гӯзида ҳам бо дидору қад некӯ ва ҳам бо мардиву диловарӣ тамом. Сад аз ин ҷумла хуросонӣ ва сад дайламӣ, ки дар сафару ҳазар аз хизмат ғоиб набошанд ва муҳим ба даргоҳ бошанд ва эшонро бояд либосҳои некӯ бувад ва силоҳи эшон сохта кунанд ва ба вақти ҳоҷат ба эшон медиҳанд ва ба вақти боз бистонанд ... Ҳар панҷоҳ мардро нақибе бувад, ки аҳволи эшон медонанд ва эшонро хидмат мефармоянд. Ҳама савор бояд, ки бошанд ва бо барги тамом, то агар вақти муҳиме пеш ояд, аз он чӣ ба эшон тааллуқ дорад, фурӯ намонад"**[1].

Хонандаи азизу гиромӣ оё баъди хондани иқтибосҳои болоӣ ба ёдат ибораи шиноси "Горди президентӣ" наомад? Бале, аъзои «Горди ҷовидон»- и даврони Ҳахоманишиҳо ва муфрадони замони Низомулмулк ҳамон амалеро иҷро мекарданд, ки имрӯз ба дӯши горди президентӣ ва дигар воҳидҳои низомии таъиноти махсус аз қабили "Алфа", "Витяз", "Вымпел" ва ғайра бор карда шудааст. Ҷолиб он аст, ки муфридон бояд муҷаҳҳаз, силоҳнок, либосҳои некӯ дар тан дошта, муҳимаш он, ки савора бошанд. Ва бубинед, махсус таъкид шудааст, ки силоҳ танҳо ба вақти зарурат дода шавад ва боз гирифта шавад. Зеро сарбози силоҳдори бидуни назорат манбаи хавфест барои ҷомеъа.

Хайр, биёед аз мавзӯъ дур нашавем. Оре, агар ҳамчун ғаввосон ба уқёнуси беканори таърих ҳар чи қадар амиқтар

---

1. **Низомулмулк**, Сиёсатнома, Душанбе, 1989, саҳ:79.

фурӯ равем, ҳамон қадар шанси ба даст овардани гуҳари бебаҳои маъниро хоҳем дошт. Вале ин замон вақти он расидааст аз хадамоти махсуси кишварҳое ном бибарем, ки дар ин самт дар марҳилаи ҳозира таҷрибаи бое ғун кардаанд ва дастовардҳое низ доштаанд.

## ҲАДАФ ҲИФЗИ ШАХСИЯТ, НА ҚАТЛИ ҲАМЛАВАР

Пеш аз ҳама мехоҳам аз **SECRET SERVICE** ё худ хадамоти махфии ИМА ёдовар шавам. Чунин ном дорад идораи махсусе, ки дар ИМА бо таъмини бехатарии сарвари кишвар, президентҳои собиқи дар қайди ҳаёт буда, ноибони президентҳо ва аъзои хонаводаи онҳо машғул мебошад. Террори яке аз президентҳои маъруфи ИМА Ҷон Кеннеди, ки 22 ноябри соли 1963 ба вуқӯъ пайваста буд, ҳарчанд ба обрӯю эътибори ин идораи собиқадор латмаи шадиде ворид карда бошад ҳам, вале он ҳоло низ яке аз тавонтарин ва пурқувваттарин хадамоти ҳифозатии олам ба ҳисоб меравад. Воқеан, соли 2000 – ум ба таъсиси **SECRET SERVICE** расо 135 сол пур шуд. Ин идора ҳанӯз соли 1865 бо ибтикори президенти ҳамонвақтаи ИМА Авраам Линколн дар назди вазорати молия ҳамчун шӯъбаи мубориза алайҳи истеҳсоли пулҳои қалбакӣ ва ҷилавгирӣ кардан аз гардиши ғайриқонунии онҳо созмон дода шуд. Соли 1901 президенти ҳамонвақтаи ИМА Мак Кинли аз дасти террорист Леон Чолгош дар шаҳри Буфало ба қатл мерасад. Теодор Рузвелт, ки ба ҷои Мак Кинлӣ ба сари қудрат омада буд, аз ҳамон рӯз эътиборан муҳофизати шабонарӯзии Президенти ИМА - ро маҳз ба дӯши **SECRET SERVICE** бор кард. Соли 1906 Конгресси ИМА ин масъулияти хадамоти махфиро

расман ба ҳукми қонун даровард. Акнун дар ин хадамот беш аз чоруним ҳазор корманд ифои вазифа мекунанд, ки аз нисф бештари онҳоро агентҳои махсус ташкил медиҳанд. Мафҳуми агенти махсус аз он истилоҳе, ки дар баъзе хадамотҳои иттилоотӣ, аз ҷумла собиқ **КГБ** истеъмол мешуд, ба куллӣ фарқ мекунад. Агентҳои махсуси **SECRET SERVICE** инҳо ходимони асосии расмии ин идора ҳастанд. Штаб - квартираи **SECRET SERVICE** дар Вашингтон ҷойгир шуда, қариб дар 70 нуқтаи мамлакат намояндаи худро дорад. Ба зиммаи хадамоти мазкур ба ҷуз он чӣ, ки дар боло гуфтем, инчунин таъмини амнияти сарони кишварҳое, ки ба ИМА ташриф меоваранд, илова гардидааст.

Фаъолияти агентҳои махсус гуногунҷабҳа аст. Ҷойҳои кории онҳоро роҳбаронашон ҳар ҳафта тағйир медиҳанд. Чунончи, агар агент як ҳафта маршрути ҳаракати нақлиёти президентиро таҳқиқ намояд, ҳафтаи дигар худи ӯро ҳамроҳӣ мекунад, ҳафтаи саввум бошад яке аз аъзои хонаводаашро ва ғайраву ҳоказо.

Агенти махсуси **SECRET SERVICE** ҳуқуқи пазириши тӯҳфаеро, ки қимматаш аз 40 доллар боло бошад, надорад. Кормандони ин идора одатан ба он намуди спорте машғул мешаванд, ки Президент машғул аст. Дар вақти истироҳат ва машқҳои варзишӣ низ ӯро ҳамроҳӣ мекунанд.

Дар байни ҳазорҳо мактубҳое, ки ба унвони президент меоянд, номаҳои таҳдидомез низ кам нестанд. Чунин номаҳо ба шӯъбаи тадқиқотҳои ҳифозатии хадамоти махсус фиристода мешаванд. Рӯҳшиносону таҳлилгарони соҳибтаҷрибатарин ин гуна номаҳоро мавриди пажӯҳиш қарор дода, оиди ҳар яки он хулосаҳои зарурӣ мебароранд.

Хоҳишмандони дар ин хадамоти махфӣ фаъолият кардан хеле зиёданд. Тахминан аз 700 нафари довталаб танҳо ба яке аз онҳо муяссар мешавад, ки ба ин идора пазируфта шавад. Ба ин ҷо танҳо ҷавонони аз 21 то 35 сола ва на камтар аз се сол собиқаи корӣ дошта, ки ҳатман ду соли он бояд дар риштаи тафтишотӣ - ҷиноӣ бошад, қабул карда мешаванд. Вазъи саломатии номзад бояд, ки хеле хуб бошад. Омӯзиш ва санҷиши довталаб аз синни хурдсолии ӯ шурӯъ мешавад. Тамоми бурду бохт, шикасту рехти зиндагонии ӯ то ба марҳилаи ба кор қабул шуданаш ба назар гирифта мешавад. Қаду баст, чеҳраву андоми ӯ, тарзи рафтору баён кардани афкор, унс гирифта тавонистан ба ҳолатҳои экстрималӣ ва ғайраву ҳоказо барин сифатҳои инсонӣ хеле муҳим аст. То соли 1971 ба хадамоти махфӣ танҳо мардон қабул мешуданд. Вале таҷриба нишон дод, ки басо мушкилотҳое ба миён меояд, ки танҳо занҳо қодиранд онҳоро ба таври бояду шояд ҳаллу фасл намоянд. Инак ҳоло наздик ба 150 нафар зан дар ин идора ифои вазифа мекунанд.

Мақсади асосии хадамоти махфии ИМА таъмини амнияти шахси ҳифзшаванда аст, на кушодани оташ ба сӯи шахси ҳуҷумкунанда, мегӯянд роҳбарони он. Зеро бисёрҳо шудааст, ки муҳофиз ба хотири аз байн бурдани манбаи хатар бо ҳуҷумкунанда ба тирпарронӣ мепардозад ва шахси ҳифзшавандаро аз маркази диққат дур мемонад. Дар ин байн шахси ҳифзшаванда метавонад мавриди ҳамлаи дигар ҳуҷумкунанда қарор бигирад.

Муҳофизини хадамоти махсуси ИМА аз дигар ҳамкасбони хориҷии худ бо доштани як бартарии хеле

муҳим фарқ мекунанд. Президенти ИМА ҳангоми маросими тоҷгузориаш ду савганд ёд мекунад: яке ба Конститутсияи ИМА ва дигар савганд мехӯрад, ки дар фаъолияти президентии худ ҳамаи талаботи хадамоти амниятиро бечунучаро иҷро мекунад. Ин ҳолат ба кори ходимони **SECRET SERVICE** кӯмаки бузург мерасонад. Худо накунад президент тавсияи ин хадамотро ба инобат нагираду ҳодисае рух диҳад, кормандони ин идора аз масъулияти ҷавобгарӣ дар назди Қонун озоданд.

## КОРЖАКОВ МУҲОФИЗ ВА ... "ТЕРРОРИСТ"

Акнун биёед бубинем, ки дар дигар кишвари абарқудрати ҷаҳон Федератсияи Русия масъалаи таъмини амнияти сарвари давлат, чӣ гуна ба роҳ монда шудааст. То соли 1991, яъне то фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, мушкилоти таъмини амнияти роҳбарони собиқ СССР ва РСФСР ба дӯши раёсати 9 - уми КГБ СССР бор карда шуда буд. Баъди пароканда шудани СССР ниҳодҳои қудратии он ба ихтиёри меросхӯри асосии Иттиҳоди Шӯравӣ Федератсияи Русия вогузор карда шуданд. Пурқудраттарин хадамоти амниятии ҷаҳон КГБ СССР, ки аз охирҳои солҳои 80 - ум шурӯъ карда дар дохили худ ислоҳот мегузаронд, баъди аз байн рафтани СССР ва ба ихтиёри Федератсияи Русия гузаштан тағиротҳои бузургеро таҳаммул кард. Аниқтараш ба бахшҳои алоҳидаи мустақил тақсим гардид. Аз ҷумла, Управленияи 9 - ум, ки ба ҳифозати роҳбарони кишвар машғул буд, ба як органи махсуси мустақил табдил дода шуд, ки номашро Хадамоти амниятии президент (**ХАП** ё ба русӣ Служба безапасности Президента **(СБП)**

гузоштанд. Имрӯз маҳз ҳамин орган ба таъмини амнияти Президенти Федератсияи Русия машғул аст. Аввалин сардори ин хадамот, яке аз ҳамсафони наздики собиқ Президенти Федератсияи Русия Б.Н.Елтсин Александр Коржаков, ки дар тӯли беш аз чаҳор сол ин масъулиятро ба дӯш дошт, соли 1997 китоби ёдоштиеро бо унвони "Б.Елтсин: Аз тулӯъ то ғуруб" мунташир сохт. Дар ин китоби худ собиқ муҳофизи рақами 1 - и Федератсияи Русия А.Коржаков каму беш дар бораи Хадамоти амниятии президент ба қавли Б.Елтсин "ин **КГБ** - и кӯчак" иттилоъ додааст. Тибқи шаҳодати Александр Коржаков агачи хадамоти амниятии Президент дар муқоиса бо **SECRET SERVICE** ИМА ба теъдод камтар ва таъминоти молиаш низ бадтар бошад ҳам, вале дар масъалаи иҷрои вазифаи дар назди онҳо гузошта кормандони **ХАП** аз ҳамкасбони амрикоии худ мондани̅ надоранд. Ба ҳар ҳол пайт ҷуста дар як ҷои китобаш А.Коржаков гила кардааст, ки ҳамкасбони ӯ, роҳбарони **SECRET SERVICE** дар як сол қариб 100 ҳазор доллар маош мегиранд, вале даромади солонаи ӯ бошад ҳамагӣ шаш ҳазор долларро ташкил медиҳаду халос. Чи тавре, ки набошад ин хадамот аз рӯзи таъсис то ба имрӯз вазифаи хешро чи дар дохил ва чи дар берун аз кишвар ҳангоми сафарҳои расмии Президент хеле хуб ба ҷо овардааст. Махсусан, агар ба назар бигирем, ки дар ин муддат дар Федератсияи Русия борҳо даргириҳои мусаллаҳона ба вуқӯъ пайвастаанд ва ҷанги Чечен то ба ҳоло идома дорад. Ба мавқеъ аст бигӯем, ки дар ҷавоб ба таҳдидҳои бешумори ҷудоиталабони Чечен вақтҳои ахири ҳукмронии Президенти аввали Русияро дар дохили кишвар

кормандони таъиноти махсуси **ХАП** мусаллаҳ бо гранатамёт ва пулемёт дар мошинҳои алоҳидае ҳамроҳӣ мекарданд.

Зиндагӣ чӣ таззодҳое дорад. Александр Коржаков ҳангоми сардори **ХАП** буданаш Б.Елтсинро борҳо аз сӯиқасдҳо ва террори ҷисмонӣ ҳифз кардааст. Вале баъд аз он ки Президенти Русия 20 июни соли 1996 ӯро барои роҳ додан ба камбудиҳо дар кораш ба истеъфо фиристод, маҳз А.Коржаков, собиқ сардори **ХАП** ба сафи онҳое дохил шуд, ки Б.Елтсинро ҳадафи террори психологӣ қарор додаанд...

Албатта ин ҳодиса низ худ як муаммоест, дарсест барои онҳое, ки ба мушкилоти муҳофизин рӯ ба рӯ ҳастанд.

# СОҲИБХАБАРОН СОҲИБЗАФАРАНД

***ё сухан аз боби шоҳоне, ки ба разведка мерафтанд ва разведкачиёне, ки ба тахти шоҳӣ нишастанд***

## КУРУШИ II ва … АЛЛЕН ДАЛЛЕС

**«Шарти асосии ғалабаи шоҳи оқил ва лашкаркаши хирадманд дар набардҳо бар душманонашон доштани хабар ё худ иттилои дақиқ мебошад»** - навиштааст дар асри V - и пеш аз милод файласуфи чиноӣ **Сун Сзы** дар китоби машҳури худ **«Ҳунари ҷанг»**[1]. Дурустии фикри Сун Сзыро даҳҳо мифу асотирҳои то ба замони мо расида, мазмуну мундариҷаи китобҳои муқаддаси адёни мухталифи олам, қиссаҳо аз зиндагонии пайғамбарону сарварони кишварҳо, лашкаркашон, асарҳои сершумори олимону адибон ва муаррихон, ки имрӯз мо дар даст дорем, исбот менамоянд. Он чиз таваҷҷӯҳро ҷалб менамояд, ки аксари мисолҳо дар ин робита дар осори муаллифоне, ки ба ин мавзӯъ навиштаанд, аз ҳаёти подшоҳони мамолики Шарқ гирифта шуданд. Вақеан, ба маврид аст, зикр намоем, ки бино ба эътирофи яке аз шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳони хадамоти махсус, яке аз асосгузорони Раёсати Марказии Разведкаи ИМА (CIA ё СРУ) мутахассиси олидараҷаи соҳаи кашф дар рӯи олам Аллен Даллес дар давраҳои қадим, аниқтараш дар асри V – и пеш аз милод Шарқ аз Ғарб дар ҳунари кашф хеле ҳам пеш гузашта будааст. Барои ҳамин ҳам вақте муҳаққиқину мутахассисини ин соҳа барои исботи

1. **Аллен Даллес**, Искусство разведки, Москва, 1992, стр:31.

фикри худ ба таърих руҷӯъ мекунанд, бештари мисолҳоро аз фаъолияти шоҳони Мисри қадим, Чини қадим ва Форси қадим меоранд.

Боиси ифтихор аст, ки аҷдодони мо шоҳоне ҳамчун **Куруши II**, **Меҳрдоди I** (МитридотиI) дар осори аксари муҳаққиқону мутахассисону донишмандони ин соҳа дар қатори роҳбарони давлатҳое ном бурда мешаванд, ки дар фаъолияти худ на танҳо ба хадамоти махсусе ҳамчун кашф ва зиддикашф (разведка ва контрразведка) васеъ такя кардаанд, балки бо ширкати бевоситаи шахсии худ дар баъзе аз амалиётҳои ҷосусӣ барои кормандони ин соҳа намунаи ибрат гардидаанд.

**Аллен Даллес** дар китоби машҳури худ **«Ҳунари кашф»** чанд мисолеро аз фаъолияти иттилоотии Куруши II меорад. Тибқи яке аз онҳо дар арафаи муҳорибаи Фермопил Куруш ҷосуси худро ба он дара мефиристад, то аз аҳволи лашкари душман иттилоъ бигирад. Фиристодаи Куруш ба лашкар наздик шуда аз дидаву шунидаи хеш ба Куруш иттилоъ медиҳад. Бино ба гузориши ӯ **«бархе аз сарбозони юнонӣ ба гимнастика машғул буда, қисмати дигаре мӯи сари дарози хешро шона мекарданд»**. **Ба истилоҳи имрӯза иттилои ба даст омада «хом» буд ва эҳтиёҷ ба тафсиру таҳлил дошт. Бинобар ин Куруш мушовири худро, ки урфу одатҳои мардуми юнониро медонист, ба наздаш даъват карда хоҳиш намуд, ки он хабарро баҳраш шарҳу тафсир бидиҳад. Мушовир ба Куруш фаҳмонд, ки сарбозони юнонӣ худро омодаи марг намудаанд. Ба тартиб овардани мӯи сар нишонаи ҳамин аст. Фардо ҷанги шадиде ба вуқӯъ хоҳад пайваст[1].**

---

1. **Аллен Даллес**, Искусство разведки, Москва, 1992, стр:37.

Аз ин мисоли овардаи **Аллен Даллес** дар бораи фаъолияти иттилоотии Куруши II чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки Куруш дар баробари таваҷҷӯҳ ба тафтиши дурустии иттилои аввалия ба таҳлили ҳамаҷонибаи он низ аҳамияти лозима медодааст.

Тибқи маълумоти муаррихи юнонии аҳди атиқа **Ксенофонт**, ки китоби махсусеро бо номи «Киропедия» дар бораи таълиму тарбияи Куруши Кабир дар дарбори шоҳи Мод Астиаг ва овони наврасиву ҷавонии ӯ навиштааст, Куруш аз синни кудакӣ ба омӯхтани илму ҳунарҳои ҳарбӣ иштиёқи баланд доштааст. Дар мақолаи «Касби иттилоот дар аҳди Ардашери Бобакон», мо дар бораи таълими низомии кӯдакон ва наврасон дар замони Ҳахоманишиҳо то андозае маълумот дода будем. Ҳаминро хотиррасон мекунем, ки дар ҷараёни таълим дар баробари чусту чолокӣ, омӯзиши маҳорати ҷангӣ ба наврасон инчунин тарзи касб кардани иттилоот ва омода кардани гузоришҳои хабариро ёд медоданд. Куруши Кабир пас аз он ки дар соли 550 пеш аз милод Модро фатҳ карда, баъдтар дар солҳои 545 ва 539 ба тасарруфи як қатор кишварҳои Осиёи Хурд, Хоразму Суғду Бохтар даст ёфт ва ҳудуди империяи худро то ба сарҳадоти Ҳиндустон густариш дод, дар сохтори давлатиаш ниҳодеро таъсис дод, ки вазифаи асосии он сари вақт дастраси соҳибмансабону лашкаркашон кардани амру фармонҳои подшоҳ буд. Таърихшиноси фаронсавӣ **Пиер Бриён** бо такя ба китоби Ксенофонт истиқрори пустхона (почта) – ро ба **Куруши Кабир** нисбат медиҳад. Ба ибораи дигар гӯем **ӯро асосгузори почта** меҳисобад. **«Мо аз Куруш назми ҳушмандонае дар ҷуброни паҳноварии императорӣ**

**мулоҳиза кардаем. Баъд аз донистани он ки як асп бо суръати тамом дар як рӯз чи масофаеро қодир аст паймояд, Куруш бо эҷоди қароргоҳҳои таъвиз (иваз) – и асп иқдом кард ва бо дарназардошти масофа дар ин қароргоҳҳо аспҳо ва масъулинро интихоб намуд. Дар ҳар қароргоҳ шахсеро маъмури дарёфт ва ирсоли номаҳои расида ва истиқбол аз саворон ва аспҳои хаста ва эъзоми саворон ва аспҳои тоза нафас кард. Мегӯянд, ки шабҳо низ мӯҷиби қатъи рафту омад намешуд ва як чопори (қосиди) шаб вазифаи чопори рӯзро идома медод. Ба гуфтаи бархе касон ин афрод масофатҳоро зудтар аз кулангон (паррандаҳо) тай мекарданд. Ва агар дар ин муқоиса иғроқ шуда бошад, боз ҳам монеъ намешавад, ки бигӯем лоақал ин масофатҳо ба василаи мардуме тай мешуд, ки тезравтарин афрод буданд. Ва маълум аст, ки сареътарин хабар ҳамеша мӯҷиби иттихози шитобтарин тадбирҳо мешуд»[1].**

Солноманавис **Ҳеродот** низ ин ҷиҳати фаъолияти шоҳони Ҳахоманишиҳоро ёдовар шуда исми он ниҳодро ба юнонӣ **aggareion** зикр карда дар шарҳи он чунин навиштааст: **«Дар миёни мардуми фонӣ ҳеҷ кас ёфт намешуд, ки сареътар аз ин қосидон ба он ҷое, ки ӯ моил аст, бирасанд. Ин аст он чи ки порсиён андешидаанд. Мегӯянд ба андозаи рӯзҳое, ки барои паймудани ҳар масире лозим аст, аспҳо ва афроди лозим дар ҳар фосилае гумошта буданд. Барои ҳар як марҳилаи рӯз як мард ва як асп. На барф, на борон, на гармо ва на шаби торик монеъи он намешуд то ҳар як аз ин мардон бо суръат ҳарчӣ тезтар ҷодаеро, ки дар ҳавзаи масъулияти**

---

1. **П.Бриён**, Таърихи императории Ҳахоманишиҳо, саҳ: 775.

**ӯ воқеъ буд, тай кунад. Чопори (қосиди) якум ба дуввум паёмеро, ки ҳомили он буд, медод. Дуввуми ба саввумӣ ва ҳамин тавр то охир паём даст ба даст дода мешуд»[1].**

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ дар аҳди Ҳахоманишиҳо роҳи дигари боз ҳам тезтар ба ҷойҳои зарурӣ расондани хабарро истифода мекардаанд. Чунончи аз тариқи сар додани **аломатҳои савтӣ** (овозӣ) ва **аломатҳои басарӣ** (яъне аломатҳое, ки бо чашм дида мешаванд). Пиер Бриён бо истинод ба **Диодори** солноманавис чунин нигоштааст: **«Бо он ки бархе аз порсиён дар фосилаи сӣ рӯза раҳпаймоӣ буданд, дар як рӯз ҳамагӣ фармонро ба ёрии истиқрори хирадмандонаи қароргоҳҳои горди муроқибат шуниданд, ки ҳайф аст аз он дар ин ҷо сухан нагӯем. Аз он ҷо, ки сарзамини Порс як мамлакати пур аз дара ва кӯҳпора ҳаст ва пустҳои муроқибат ба фосилаҳои андак аз якдигар бар фарози баландиҳо истиқрор доранд, дар ин пустаҳо афроди бумиро, ки садои пурқудрат доранд, ба хидмат мегирифтанд. Ин ҷойгоҳҳо ба сурате танзим шудаанд, ки садо аз ҳар як ба дигаре бирасанд. Ба гунае, ки шахсе, ки фармон дарёфт мекард, онро ба дигарон мунтақил мекунад ва дарёфткунанда ба навбати худ фармонро бо садои баланд ба дигаре нақл медиҳад ва бо ҳамин тартиб паём то охири сатрапӣ расонда мешавад»**[2].

Аз тариқи паёмҳои савтӣ огаҳ кардани ашхоси зарурӣ одатан дар лаҳзаҳои изтирорӣ истифода мешуд. Чунончи Дориюш ҳангоми ақибнишинӣ дар назди рудхонаи Докуб аз ҳамин роҳ талаб кард, ки тарафи соҳили муқобил фавран аз

1. **П.Бриён**, ҳамин ҷо, саҳ: 777.
2. **П.Бриён**, ҳамин ҷо, саҳ: 778.

болои дарё кӯпрук омода созад. Паёми савтӣ тавассути **мисрие**, ки **«қавитарин садои ҷаҳонро дошт»** фиристода шуд. Дар китобҳои таърихӣ омодааст, ки **Арташиа** ном форсие низ дар замони худ дар даврони Ҳахоманишиҳо **«баландтарин садои дунёро»**[1] доштааст.

Дар бораи тарзу усули таъмини амнияти дарбори шоҳӣ, ҳифзи шахсии шоҳаншоҳ, таъсиси «Горди ҷовидон», дар сатрапиҳо (вилоятҳо) нигоҳ доштани намояндагони махсусе, ки мардум онҳоро «чашму гӯши шоҳ» мегуфтанд ва дорои салоҳиятҳои хеле баланд буданд, дар мақолаи қаблан ёдшуда оиди Ардашери Бобакон то андозае маълумот дода будем. Ҳамин қадар мегӯем, ки тамоми комёбиҳои сиёсиву низомии Куруши Кабир ва шоҳони дигари Ҳахоманишиҳо ба фаъолияти иттилоотиву амниятии онҳо робитаи зич доштанд. Қаламрави нопайдоканор, раияти сермиллату мардуми гуногуннажоду мухталифмазҳаби тахти салтанати онҳо тақозои онро мекарданд, ки аз аҳволу авзои он ҳамеша иттилои дақиқ дошта бошанд. Барои ин мавҷудияти сохтори иттилоотии муназзаме дар ҳукумати онҳо талаботи рӯзмарра ва зарур ба ҳисоб мерафт. Ҳамеша огоҳ будан аз аҳволи раият ва лашкар Курушро дар чашми мардум як шахсияти дорои сифатҳои фавқуттабиӣ карда буд. Аз ҳамин сабаб халқҳои дар қаламрави империяаш буда номи ӯро бо эҳтиром ба забон меоварданд ва ҳатто нафари муқаддасаш мешумориданд. Чунончи форсҳо ӯро ҷадди Кабир, бобулиҳо расули худои мардук, юнониҳо раҷули бузурги давлатӣ, яҳудиҳо наҷотбахши худо Яҳве номиданд.

Агар сабаби равнақу ривоҷ, пешрафту густариши давлати ниёгонамон дар аҳди Куруши Кабир асосан дар

---

1. **П.Бриён**, ҳамин ҷо, саҳ: 778.

муназзам фаъолият кардани хадамоти махсусаш бошад, сабаби марги фоҷиавӣ ва мармузи Куруш низ тибқи баъзе манбаъҳо дар саҳлангории ӯ ба ин масъала буд. Куруш моҳи июли соли 530 пеш аз милод барои таҳти тасарруфи худ даровардани сарзамини массагетҳо ба он ҷо лашкар мекашад. Дар аввал ба лашкари Спаргапис писари ҳукмрони массагетҳо Томирис зарбаи муҳлик мезанад. Вале Томирис дар навбати худ лашкари 200 ҳазорнафараи Курушро ба тангнои кӯҳе, ки қаблан сарбозонашро дар камарҳои он ба камин шинонда буд,  бо ҳила мекашад. Куруш, ки сархуш аз ғалабаи осон бадастомада бар Спаргапис буд, аз таҷассуси маҳал фаромӯш карда, худро якбора ба доми тазвири малика Томирис андохт ва дар ин тангно кушта гардид. Лашкараш ба пуррагӣ торумор шуд. Дар бораи шеваи кушта шудани Куруши Кабир маълумотҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки чаҳорчӯбаи мақола имконияти таҳлили чуқуртареро маҳдуд кардааст.

## ЗАБОН ДОНӢ ҶАҲОН ДОНӢ

Шоҳи Порт Меҳрдоди I, ки солҳои 171 – 138/7 пеш аз милод ҳукмронӣ кардааст, аз ҷумлаи он подшоҳоне буд, ки дар тӯли ҳокимияти дарозмуддати хеш аз хадамоти махфӣ аз дигар ҳамтоёни худ дида бештару моҳиронатар истифода кардааст. Тибқи шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ ӯ ҳанӯз дар синни 14 – солагиаш бо 22 забони халқҳои олам ҳарф мезадааст. Донистани забонҳои халқҳои гуногун ба ӯ кӯмак мекард, ки аз урфу одат, таъриху фарҳанг, дину мазҳаби шаҳрвандони қаламрави хеш ҳарчи васеътар огоҳ шуда, авзои сиёсӣ ва низомиро ҳамеша таҳти контрол дошта

бошад. Мунҳиён (хабаррасонҳо) ва гумоштаҳои Меҳрдод на танҳо дар дохили қаламрави худ, балки дар ҳудуди давлатҳои Риму Юнон низ фаъолият мекарданд, **Аллен Даллес** дар китоби **«Ҳунари кашф»** дар бораи ин подшоҳи мардуми форснажод чунин менависад: **«Митридот пеши роҳи истилои Осиёи Хурдро аз ҷониби римиҳо танҳо аз он сабаб гирифта тавонист, ки худ соҳибхабари (разведкачии) бузурге шуда буд»**[1].

Муҳаққиқи рус Ефим Черняк дар китобаш «Панҷ садсолаи ҷангҳои махфӣ» дар бораи Митридот менависад, ки **«аз сабаби дар даст доштани иттилооти васеъ ӯ метавонист раванди ҳодисаву воқеаҳоро на танҳо дар қаламрави худ, балки ҳатто дар давлати Рим пешбинӣ карда, ба манфиати худ истифода намояд»**[2].

Доктор Абдулҳусейни Зарринкӯб дар китоби «Рӯзгорон: Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати паҳлавӣ» бо истинод ба Диодор, муаррихи юнонӣ менависад, ки **«Меҳрдод аввалин подшоҳи хонадони Аршак буд, ки мисли Ҳахоманишиҳо худро «шоҳи шоҳон» хонд ва то муддатҳо баъд аз марги ӯ ин унвони вижаи ӯ монд. Ҳангоми вафоти ӯ (соли 134 пеш аз милод) қаламрави Порт аз Ҳинд ва Рухаҷ то Порту Бобул имтидод дошт ва аз як давлати маҳаллӣ дар навоҳии шарқии Эрон ба як императории бузурги ҷаҳонии аср табдил ёфта буд. Вақте, ки ӯ дар синни пирӣ чашм аз ҷаҳон баст, мисли бунёнгузори воқеии силсилаи Порт бо ташрифоти бисёр ба хок рафт. Порт ӯро ҳамчун қонунгузори хирадманд**

---

1. **А.Даллес**, Искусство разведки, Москва, 1992, стр:39.
2. **Е.Б.Черняк**, Пять столетий тайной войны, Москва, 1991. стр: 9.

**таҷлил кард. Чаро, ки ӯ дар тамоми қаламрави васеъи хеш назди ҳар қавме, ки расму одати писандидае ёфт, онро дар сарзамини хеш роиҷ кард. Қаламрави ӯ аз Байнаннаҳрайн ва Бобул то сарзамини Суғд ва Ҳинд имтидод дошт. Ва ақвоми бисёр бо одот ва русуми гуногун дар ин ҷумла таҳти ҳукми ӯ мезистанд»[1].**

Вале на ҳамаи подшоҳони сулолаи Аршакиён, ки Митридоти I мутааллиқ ба он буд, мисли ӯ дар давлатдории хеш аз хадамоти махфӣ васеъ истифода бурдаанд ва дар таҳкиму густариши давлати Порт хизмат кардаанд. Тақрибан 300 сол баъд аз сари Митридоти I дар соли 241 – и мелодӣ охирин шоҳи сулолаи Аршакиён Ардавон тавассути Ардашери Бобакон сарнагун карда мешавад. Ардашери Бобакон ҳукумати сулолаи Сосониёнро аввал дар қаламрави давлати Порт, сипас дар тамоми ҳудуди собиқ империяи давлати Ҳахоманишиҳо барқарор мекунад.

## «БОЗАРГОНЕ», КИ ҚАЛЪАРО ТАСХИР КАРД

Ардашери Бобакон идеал ва намунаи олии подшоҳонест, ки дар фаъолияти давлатдории хеш аз хадамоти махфӣ, аз ҳунари кашф ва зиддикашф, ё ба ибораи маъмули имрӯза разведка ва контразведка васеъ истифода кардааст. Ӯ ҳамеша пеш аз он, ки ба ягон кори муҳиме даст бизанад, касби иттилоот мекард. Манбаъҳои иттилоотии ӯ аз канизакони ҳарими рози подшоҳони рақибаш шурӯъ карда, то ситорашиносону фолбинон, чӯпонҳову сарлашкарон, мӯбадону олимон фиристода ва расулони подшоҳони кишварҳои ҳамсоя буданд. Чун одат

---

1. **А.Зарринкӯб**, Рӯзгорон…, саҳ:156.

аксаран бо онҳо шахсан мулоқот мекард ва иттилооти аз онҳо гирифтаро ҳамеша тавассути манбаъҳои дигар месанҷид.

Ардашер ҳанӯз дар овони ҷавониаш баъди он, ки аз дарбори Ардавон ронда мешавад ба мақсади дар ҷараёни таҳаввулоти дохили дарбор будан наздиктарин шахси шоҳ канизак Ардадухтро, ки маҳрами рози шоҳ Ардавон ба ҳисоб мерафт, истихдом намуда ба воситаи ӯ на танҳо аз аҳвол ва авзои хонадони шоҳ, мамлакат иттилооти дақиқ мегирифт, балки бисёр корҳо, аз қабили мукаммал сохтани эҳтиёҷоти молии худро тавассути ӯ иҷро мекард. Маҳз ба воситаи Ардадухт ӯ фаҳмид, ки ситорашиносону мунаҷҷимон заволи ҳукумати Ардавон ва ба қудрат расидани ӯро пешгӯӣ кардаанд ва даст ба амалҳои қотеъона зад.

Ардашер дар ҷанги зидди шоҳи Курдон Модиг ба сабаби дуруст наомӯхтани маҳал аввал ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Вале ҳамин, ки хатои худро баъди касби иттилоот кардан аз чӯпонҳои маҳали назди корзор ислоҳ намуд, яъне ба қадри кофӣ таҷассуси маҳал кард, бо як лашкари теъдодан кам Модигро мағлуб сохт.

Ардашер аз зумраи он подшоҳонест, ки бо тағйир додани қиёфа ва чеҳраи худ, борҳо ба мавзеи таҳти тасарруфи душман ворид шуда, шахсан ба амалиётҳои таҷассусӣ, тахрибкорӣ ва низомӣ роҳбарӣ кардааст. Чунончи дар ҷанги зидди Ҳафтбод ба қалъаи дастнораси ӯ Ардашер маҳз зери пӯшиши бозаргони хуросонӣ дохил шуда, баъди шиносоии амиқи дохили қалъа ва таҳқиқи авзои он бо ҳамроҳии ёронаш ба амалиёт пардохт ва қалъаро тасхир намуд. Хонандаи азиз, шумо аз тафсилоти ин амалиёти

Ардашер аз бобҳои қаблии ин маҷмӯа аллакай бохабар шудаед.

## ШОПУР БА РАЗВЕДКА МЕРАВАД

Бояд тазаккур дод, ки дар аҳди сосониён на танҳо худи Ардашери Бобакон, асосгузори ин сулола ба масоили иттилоотӣ ва амниятии кишвараш диққати ҷиддӣ медод. Шопури II, ки муддати 70 сол (аз соли 309 то 379 мелодӣ) дар Эронзамин подшоҳӣ кардааст, ба масъалаи касби иттилоот ва истифодаи самараноки он шахсан таваҷҷӯҳи бузург зоҳир мекардааст. Ҳатто борҳо шудааст, ки бо тағйири қиёфа ба кишвари Рум рафта, шахсан аҳвол гирифтааст. Дар ин бора дар **«Таърихи Табарӣ»** низ борҳо ишора шудааст. Чунончи Шопур баъд аз он, ки овозаҳоро дар бораи ба Эронзамин ҳамла овардани римиҳо мешунавад, барои аниқ кардани ин овозаҳо **«ҷосусон бифиристод ба лашкари Рум андар, то ӯро хабар оранд, то адади эшон бидонад. Ҷосусон бирафтанд ва хабарҳои мухталиф гуфтанд. Шопур бар он дил нанишаст ва худ бархост ва аз лашкар берун омад ва бо сад мард аз сиқоти хеш, бадон ки худ бар он ҷосусӣ шавад ва аз он хабар расад»[1].** Шопури II на танҳо ҳангоми муҳофизати сарзаминаш кӯшиш ба харҷ медод, ки бо касби иттилооти дақиқ нуқоти заъфи душманро таҷассус карда, ба ӯ зарба бизанад, балки пеш аз он ки ба лашкаркашие даст бизанад, сайъ мекард то аввал аз вазъи кишвари рақиб маълумоте дар даст дошта бошад. Баъзан кор то ба ҷое мерасад, ки худи ӯ ба муддати дароз барои ба даст овардани хабари муҳим бо тағйири сару либос ва

1. **Таърихи Табарӣ**, ҷилди 1, саҳ: 497.

қиёфа озими кишварҳои душман мешавад. Дар «Таърихи Табарӣ» омадааст: **«Шопур сипоҳи Аҷам гирд кард, ки ба ҷанги Румиён равад. Пас хост, ки маликро аз ҳол боздонад ва сурати вай бишносад. Каси аминро надид, ки ба замини Рум шавад ва ин хабарҳо боз орад. Танҳо бирафт ва подшоҳӣ ба халифа супурд ва касро огоҳ накард, ки куҷо меравам. Ва ба Руқъа андар шуд ба сурати дарвеше ва як сол ба Рум андар ҳамегашт, то ҳама хабарҳо бипурсид ва бидонист ва хабари шаҳрҳову ҳисорҳо ва сипоҳҳо ҳама шинохт. Ва ҷосусон биёмаданд ва молики Румро хабар доданд, ки Шопур аз миёни халқ нопайдо шуд ва кас надонад, ки куҷо шудааст. Малики Рум аз вай ҳаметарсид ва бидонист, ки ӯ ба замини Рум андар аст. Пас Малик расуле бифиристод ва ҳама халқи Рум аз шарифон ва меҳтарон гирд кард. Шопур низ он ҷо шуд бо дарвешон, то малики Румро бубинад ва сурати ӯ бидонад. Чун Шопур пеши тахти Малик истод, дар миёни он сарҳангон касе буд, ки рӯзи ҷанг Шопурро дида буд. Маликро огоҳ гардонид. Малик Шопурро гирифт ва бифармуд то пӯст аз сари ӯ боз кунанд. Вазире дошт гуфт: «Подшоҳонро ногоҳ накушанд. Дар чарм бояд дӯхт». Пусти гов биёварданд ва ҳам андар замистон ӯро дар пӯст гирифтанд ва ҷуз сараш падид набуд»**[1].

Дар идомаи нақлаш муаллифи «Таърихи Табарӣ» менависад, ки Шопур билохира худро бо як ҳилае аз банд мераҳонад ва лашкари худро ҷамъ карда ба Малики Рум зарбаи ҳалокатвор мезанад. Худи Малики Румро ба асорат

---

1. **Таърихи Табарӣ**, ҷилди 1, саҳ: 500.

даровarда, ӯ ва лашкариёнашро маҷбур месозад, ки шаҳру деҳот, боғоти харобкардаашонро дар Эронзамин дар муддати 10 сол аз нав обод карда, сипас ба хонаҳояшон баргарданд.

## ГУЛХАНИ ГАННИБАЛ ВА АЛФРЕДИ АРФАНАВОЗ

Агар бигӯем, ки танҳо шоҳони мамолики шарқӣ одати шахсан ба разведка рафтанро доштанд, ин як навъ нодида гирифтани ҳақиқати таърихӣ мебуд.

Дар байни шоҳону сарлашкарони аҳди қадими кишварҳои ғарбӣ низ кам набуданд шахсиятҳое, ки бо тағйири либос ва симои худ шахсан дар ҷараёни касби иттилоот ширкат меварзиданд. Фармондеҳи машҳури карфагении асри III – и пеш аз милод Ганнибал аз ҷумлаи онҳо буд. Тибқи шаҳодати солноманависони атиқа Полибий ва Ливий Ганнибал на як бору ду бор бо ришу мӯи сари сохта, зери пӯшишҳои гуногун вориди минтақаи таҳти контроли римиҳо шуда касби иттилоот кардааст[1].

Соли 878 – и милодӣ шоҳи Дания Гутрум қисмате аз сарзамини Англияро, ки Уэссекса ном дошт, ишғол намуд. Шоҳи Уэссекса Алфред зери пӯшиши арфанавозе ба минтақаи таҳти тасарруфи даниягиҳо рафта шахсан ба таҷассуси вазъияти минтақаи ишғолӣ машғул мешавад. Арфаро ӯ то ба дараҷаи ширину дилнавоз менавохтааст, ки ҳамчун мутриби хушнаво ба даргоҳи шоҳ Гутрум даъват мешавад. Шоҳ ва наздиконаш ба Алфред чунон одат ва

1. **Е.Чернак**, ҳамон ҷо, саҳ: 8.

баъдан чунон бовар карда буданд, ки масъалаҳои муҳими низомӣ ва давлатдории хешро беибо ва биму ҳарос дар ҳузури ӯ муҳокима ва ҳаллу фасл мекарданд.

Аз ҷумла, нақшаи амалиёти навбатии низомии худ, ҳуҷум ба мавзеъҳои навро дар ҳузури ӯ тарҳрезӣ намуда ба шикасти бузург мувоҷеҳ шуданд. Алфред аз ин нишаст иттилои зарурӣ касб кард ва ба душмани худ зарбаи шадид зад[1].

Бо тағйири либос ва қиёфа ба разведка рафтан танҳо хоси подшоҳон ва роҳбарони кишварҳои аҳди қадим, ё худ замони гузашта набудааст. Аз ин усули огаҳӣ пайдо кардан аз аҳволи раият ва авзои давлат роҳбарони баъзе аз мамолики дунё имрӯзҳо низ васеъ истифода мебаранд. Чунончи, назар ба гузориши бархе аз расонаҳои хабарии олам шоҳи тозабатахтнишастаи Урдун Абдуллои II моҳе чанд маротиба бо тағйири намуди зоҳирии хеш таҳти пӯшиши намояндагони касбу кори гуногун вориди бозору масоҷид, корхонаву муассисаҳои мухталифи хусусиву давлатӣ гардида, вазъиятро ба чашми сари хеш дида хулосаҳои зарурӣ мебарорад. Ба ибораи дигар бигӯем ӯ ҳикмати бузурги халқӣ «Шунидан кай бувад монанди дидан» - ро сармашқи кори ҳаррӯзаи давлатдорӣ кардааст. Қадамҳои нахустин Абдуллои II дар ин ҷода дар дилҳои мардуми Урдун умеду боварӣ ба фардои некро бедор кардааст.

Ҳамин тавр аз таърихи халқҳои олам, аз ҳаёти имрӯзаи онҳо даҳҳо мисолҳоеро овардан мумкин аст, ки амирону шоҳон, ҳокимони кишварҳои мухталифи дунё ба хотири таъмини амнияту ҳаёти хушбахтонаи раияти хеш барои

---

**1. Е.Чернак**, ҳамон ҷо, саҳ: 11.



Дар замони президентии собиқ директори УМР (СРУ) ИМА Ҷорҷ Буши калонӣ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳони сотсиализм фурӯпошӣ шуд.



Виктор Золотов собиқ ҳамкори В.Путин дар ФСБ имрӯз вазифаи сарвари хадамоти муҳофизати ӯ, яъне Раиси Ҷумҳури Русияро иҷро мекунад.



Маҳмуд Гареев ҳарчанд мукофотро аз дасти собиқ Раиси Ҷумҳури Афғонистон Наҷибуллоҳ гирифта бошад ҳам, ба шуҷоат ва ҷавонмардии Аҳмадшоҳи Масъуд эҳтиром қоил аст.



Б.Елтсин собиқ Раиси Ҷумҳури Русия заҳмати сарвари муҳофизони худ А.Коржаковро қадрдонӣ мекунад.



Ахмад Шах Масуд:

"МОИ ШПИОНЫ БЫЛИ И СРЕДИ СОВЕТСКИХ ГЕНЕРАЛОВ"

ГОРСТЬ ОРЕХОВ НА ЗУБОК МОДЖАХЕДОВ

ДЕЛО ПРОШЛОЕ

(Продолжение на 2-ой стр.)

Он чи ки аён аст...



Фармондеҳи нерӯҳои низомӣ дар Афғонистон ҷенрол Борис Громов Аҳмадшоҳи Масъудро боистеъдодтарин қумандони ҷиҳодии муқовимати Афғонистон медонад.



В.Андропов аввалин раиси КГБ буд, ки баъдан ба мансаби Сарвари Иттиҳоди Шӯравӣ расид.



Аллен Даллес: «Меҳрдод пеши роҳи истилои Осиёи хурдро аз ҷониби римиҳо танҳо аз он сабаб гирифта тавонист, ки худ разведкачии бузург шуда буд».



Аҳмадшоҳи Масъуд манотиқи набардро хеле хуб медонист.



Муҳимтарин иттилоотро Аҳмадшоҳи Масъуд дар сӯҳбат бо мардум мегирифт.



Омӯзиши сангарҳои душман аз тариқи дурбинҳои қавӣ.



Бо эҳтимоли зиёд иттилоти тавассути мухобира расида нигаронкунанда аст.



Аҳмадшоҳи бузург бо «чашму гӯш» ва дасти росташ жен-рол Фаҳимхон.



Ӯ бо як нигоҳ инсонҳоро мешинохт.



Таҳлили гузоришҳои иктишофотӣ шеваи хуби касби иттилоот аст.



Баъди чанде нафаре аз онҳо барои иҷрои супориши муҳиме муваззаф мегардад.

фурсати кӯтоҳе тахту тоҷро як сӯ гузошта, чи тавре ки мегӯянд, ба разведка рафтаанд ва аз наздик бо аҳволи мардум шинос шудаанд. Сипас кӯшиш ба харҷ додаанд, камбудиву норасогиҳои ҷомеъа ҳарчӣ тезтар бартараф гарданд.

Дар баробари ин даҳҳо мисолҳоеро овардан мумкин аст, ки бархе аз сиёсатмадорони замони мо, роҳбарони баъзе аз мамолики дунё аз мактаби разведка гузашта ба қуллаҳои баланди сиёсат расидаанд. Ба ибораи дигар бигӯем қабл аз он, ки ба мансаби президентӣ ва ё роҳбарии давлат бирасанд, таҷрибаи кор дар хадамоти махфиро андӯхтаанд. Ва ин таҷриба дар идораи давлат ба онҳо кӯмаки бузурге кардааст.

## ҲАЙДАР АЛИЕВ ВА ЭДУАРД ШЕВАРНАДЗЕ ЧӢ УМУМИЯТЕ ДОРАНД?

Барои мисол Ҳайдар Алиев – президенти ҳозираи Ҷумҳурии Озарбойҷон фаъолияти меҳнатии худро соли 1941 ҳамчун корманди хурди раёсати амнияти давлатии Ҷумҳурии Худмухтори Нахҷувони РСС Озарбойҷон шурӯъ карда, соли 1964 ба мансаби раиси Комитети Бехатарии Давлатии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Озарбойҷон таъин карда мешавад. Панҷ соли расо дар ин мансаб ифои вазифа менамояд. Баъдан Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ хизматҳои ӯро ба назар гирифта, ба вазифаи Котиби Аввали Ҳизби Коммунисти Озарбойҷон, яъне роҳбари аввали ин ҷумҳурӣ пешниҳодаш мекунад. Дар ин мансаб солҳои дароз кор карда, аввалҳои солҳои 80 – ум

ба Маскав даъват шуда, ба вазифаи муовини раиси Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ таъин карда мешавад. Баъди дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба сари қудрат омадани М.С.Горбачев вазъияти Ҳайдар Алиев дар ҳукумат хеле бад мешавад. Зеро ӯ яке аз он ходимони давлатии камшуморе буд, ки рӯирост норозигии худро аз роҳу шеваи бозсозиҳои М.Горбачев шахсан ба худи ӯ изҳор менамуд ва аз оқибатҳои ногувори ин бозсозиҳо ҳушдор медод. Ҳамин рафтораш буд, ки Горбачев ӯро маҷбур ба истеъфо менамояд. Ҳайдар Алиев агарчӣ аз вазифаи баланди давлатӣ истеъфо дода бошад ҳам, вале умеди худро аз баргаштан ба қуллаҳои баланди сиёсат наканда буд. Баъди бозгашт ба зодгоҳаш Нахҷувон ӯ ҳамчун сиёсатмадори варзида ҳамеша бо мардум ҳамдарду ҳамнаво буд. Дар интихоботи Шӯрои Олии ин ҷумҳурии худмухтор ӯ ба ҳайси намояндаи мардумӣ баргузида мешавад ва сипас ӯро раҳбари Нахҷувон интихоб мекунанд. Раисони ҷумҳуре, ки баъди ба Маскав рафтани Ҳайдар Алиев дар Озарбойҷон ба қудрат расида буданд, натавонистанд шиддати ташаннуҷи авзоро дар атрофи масъалаи Қарабоғи Кӯҳӣ паст кунанд. Билохира дар байни Озарбойҷону Арманистон барои Қарабоғи Кӯҳӣ муқовимати низомӣ ба вуқӯъ пайваст, ки он танҳо баъди дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ба сари қудрат расидани Ҳайдар Алиев ҳаллу фасли нисбӣ пайдо кард, ки имрӯз то андозае тарафҳоро қонеъ кунондааст.

Ҳайдар Алиев дар солҳои охир, яъне дар замони роҳбари Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Озарбойҷон буданаш борҳо кӯшишҳои табаддулоти давлатии душманонашро хунсо намуда, аз чандин сӯиқасд ҷони солим бадар

бурдааст. Дар ҳамаи ин корҳо таҷрибаи бою малакаи дар идораҳои хадамоти махсус андӯхтааш ба ӯ кӯмакрасон будаанд.

Айни ҳамин суханҳоро дар бораи Президенти ҳозираи Ҷумҳурии Гурҷистон Э.А. Шеварнадзе гуфтан мумкин аст. Ӯ низ чандин солҳо дар мақомоти амниятӣ фаъолият карда, билохира ба ҳайси вазири корҳои дохилаи РСС Гурҷистон ифои вазифа намудааст. Сипас ӯ низ ба сифати роҳбари дараҷаи аввали РСС Гурҷистон эътироф мешавад. Баъдан дар замони ҳукуматдории М.Горбачев ба ҳайси вазири корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ чандин сол фаъолият мекунад. Баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Гурҷистоне бармегардад, ки дар он аллакай дигар сиёсатмадорон сари қудрат буданд. Бо такя ба хираду заковати хеш ва мардуме, ки ӯро эътироф мекарданд ва ба ӯ боварӣ доштанд, билохира боз ба сари қудрат бармегардад. Ӯ низ мисли Ҳайдар Алиев бо даҳҳо мушкилот рӯ ба рӯ шуд, вале тавонист ҳамаи онҳоро паси сар кунад ва кишварашро аз офати ҷангу даргириҳо ҳифз намояд.

## ЗБИГНЕВ БЖЕЗИНСКИЙ,
## Ё БА ҲАР ҲОЛ ҶОРҶ БУШ?

Хонандаи азиз, акнун мехоҳам бо шумо дар бораи собиқ корманди иктишофоти (разведкачӣ) – е ҳикоя кунам, ки баъди ба сари қудрат расиданаш, яъне роҳбари давлат шуданаш, кореро анҷом додааст, ки башарият то ба имрӯз амсолашро надидааст. Ин одам Ҷорҷ Буш мебошад. Ҷорҷ Буш дар даврони президентии Роналд Рейган солҳои 1981 –

1989 ноиби ӯ буд. Солҳои 1989 – 1993 Президенти ИМА буд. Ҷорҷ Буш соли 1924 дар шаҳри Милтони Иёлоти Массачусетс таваллуд шудааст. Университети Иелро хатм карда солҳои ҷанги дуввуми ҷаҳон дар нирӯҳои баҳрӣ – ҳавоии ИМА ҳамчун ҳавонавард хизмат намудааст. Солҳои 1975 – 1977 директории Раёсати Марказии Кашф (CIA – СРУ) – ро ба ӯҳда доштааст. Аз соли 1981 шурӯъ карда то соли 1993, яъне муддати 12 сол муҳимтарин мансабҳои олии ИМА – ро дар даст доштааст. Ҳашт соли аввал нафари дуввум ва чор соли охир нафари аввали Америка будааст. Маҳз дар ҳамин солҳо тағйироти бузурге дар харитаи ҷаҳон ба вуқӯъ мепайвандад, ки ҳеҷ ягон ақли солим чанд сол пеш наметавонист онро пешбинӣ намояд. Тақрибан то солҳои ба қудрат расидани Ҷорҷ Буш ҷаҳони сиёсӣ дуқутба буд. Ду система, ду низом дар муқобили ҳам дар муқовимати доимӣ буданд. Дар муқовимати  сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ, илмӣ – фарҳангӣ ва ҳатто спортӣ. Системаи капиталистӣ бо роҳбарии ИМА ва системаи сотсиалистӣ бо роҳбарии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ ё худ ба ибораи содда ва мафҳуми он давр СССР. Ҳарду система мекӯшиданд, ки ба ҷаҳониён бартарии тарзи ҳаёти худро намоиш диҳанд, таблиғ намоянд. Пешоҳангони ҳарду низом ҳам дар дунё ҷонибдорони худро доштанд ва мекӯшиданд шумораи ин кишварҳоро бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун афзоиш диҳанд. Дар масъалаи дастовардҳои илмиву – фарҳангӣ низ дар байни ин кишварҳо чандон тафовути ҷиддие ба назар намерасид. Чунончи агар бомбаи атомиро аввалин шуда америкоиҳо кашф карда бошанд, шӯроҳо нахустин шуда роҳро ба сӯи кайҳон кушоданд ва ғ.ҳ. Хулоса,

ду сохт, ду система, ду низом бо ҳам мусобиқакунон пеш мерафтанд. Аксарияти сиёсатмадорону коршиносон оқибати мусобиқаи ин ду кишвари абарқудратро дар шӯълавар шудани ҷанги саввуми ҷаҳон медиданд. Онҳо тахмин мезаданд, ки ба иллати дар ҳарду тараф мавҷуд будани силоҳҳои зиёди қатли дастҷамъӣ ин ҷанг ҷаҳонро ба нестӣ мекашад. Вале чи тавре, ки имрӯз мову шумо, хонандаи азиз, шоҳидем дунё ва ҷаҳони капитализм боқӣ мондаву системаи сотсиалистӣ бо пешоҳанги он Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ аз байн рафта.

Кормандону коршиносони соҳаи хадамоти махсуси на танҳо собиқ шӯравӣ ва Федератсиони Русия, балки худи роҳбарони Раёсати Марказии кашфи ИМА аксаран бар онанд, ки аз байн бурда шудани системаи сотсиалистӣ ва давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ ин амалиёти қаблан дар умқи идораҳои махсуси Амрико ва дигар кишварҳои Ғарб тарҳрезишуда будааст, ки он дар замони ҳукмронии Рейган – Буш ҷомаи амал пӯшидааст.

Ба ҳар ҳол Рейган – Буш ҳанӯз соли 1980 дар маъракаи пешазинтихоботии хеш ба интихобкунандагон ваъда доданд, ки нақши разведкаро дар ҳаёти сиёсии мамлакат баланд бардошта, қудрати онро тақвият мебахшанд. Ва ба ваъдаи худ вафо карданд. Р.Рейган чоруми декабри соли 1981 ба ҳуҷҷате таҳти унвони «Фаъолияти иктишофотии ИМА» имзо гузошт, ки он барои даҳсолаҳо ҳамчун барномаи кории ниҳодҳои истихборотии ин кишвар дониста мешавад. Тибқи ин барнома ҳадафи асосии разведкаи ИМА бо иттилоот таъмин кардани Раиси Ҷумҳур ва Шӯрои Амният мебошад, то онҳо битавонанд дар

асоси он сиёсати дурусти хориҷиву дохилии худро ҷорӣ кунанд ва бо ҳамин аз манофеи миллии ИМА дар тамоми гушаву канори дунё дифоъ намоянд.

Ҷорҷ Буш низ соли 1989 баробари ба сари қудрат омадан ба аввалин ҳуҷҷате, ки имзо гузошт, «Директиваи президентӣ оиди масоили амнияти миллӣ» таҳти рақами як буд. Дар ин санади муҳим барои таҳким бахшидани нақши разведка дар сохтори давлатдории ИМА аҳамияти махсус дода шудааст. Бо фармони Ҷорҷ Буш дар даврони бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ барои тақвият бахшидани фаъолиятҳои ҷосусӣ зидди ин кишвар маблағи ниҳодҳои истихборотиро ду баробар зиёд намуданд[1].

Дар ҳақиқат, агар ба воқеаву таҳаввулоти он солҳо сабук назар афканем мебинем, ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин давра ба шикастҳое мувоҷеҳ гардидааст, ки таърихи 70 – солааш онҳоро ёд надошт. Муҳимтарини ин шикастҳо шурӯъи нооромиҳову даргириҳо дар дохили кишвар аз қабили воқеаҳои Алма Ато, Сумгаит, Қарабоғи Кӯҳӣ, Нахҷувон, Фарғона, Предднестровье, Тифлис, Боку, Душанбе, Вилнюс ва ғайра буданд, ки иқтидор ва обрӯи сиёсии Иттиҳоди Шӯравиро хеле коста карданд. Ҷудоиталабиҳои ҷумҳуриҳои лаби баҳри Балтик, анҷоми бешарафонаи ҷанги Афғонистон барои Иттиҳоди Шӯравӣ, пайвастани Олмони демократӣ ба Олмони федералӣ, барҳам хӯрдани муоҳадаи Варшав, ба созмони НАТО пайвастани иддае аз кишварҳои собиқи системаи сотсиалистӣ, билохира аз байн рафтани худи Иттиҳоди Шӯравӣ амалҳое буданд, ки маҳз дар давраи дар ИМА дар сари қудрат будани собиқ раҳбари Раёсати Марказии Кашфи

1. **А.Даллес**, Искусство разведки, Москва, 1992. стр:262 – 263.

Амрико Ҷорҷ Буш ба вуқӯъ пайвастанд. Дуруст аст, ки дар ҷаҳони сиёсат ақидае низ вуҷуд дорад, ки ин ҳама тағйиротҳои геополитикӣ дар олам дар натиҷаи ба ҳаёт татбиқ шудани ғояҳо ва дастуроти идеологи барҷастаи даврони президентии Роналд Рейган Збигнев Бжезинский рух додаанд. Бале, мумкин ҳамин тавр ҳам бошад. Вале набояд фаромӯш кард, ки дар маъмурияти Р.Рейган Ҷорҷ Буш ба ҳайси ноиби президент танҳо корманди воломақоме буд, ки аз дигарон бештар ба сиёсати амалӣ сару кор доштааст. Гузашта аз он маҳз дар тӯли чор соли президентии Буш харитаи сиёсии олам тағйир хӯрд. Ин таҳаввулоти охири ҷаҳон тасодуфӣ буд ё қонунӣ, дар он саҳми Бжезинский беш буд ё аз Буш дер ё зуд пурра ошкор хоҳад шуд. Вале ҳаминаш имрӯз чун рӯз равшан аст, ки ин таҳаввулот ҷавобгӯи манофеи сиёсиву низомии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буд. ИМА мавқеи худро дар он нуқоте, ки одатан таҳти нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ буд, хеле ҳам мустаҳкам намуд.

## ОЁ ПУТИН МЕТАВОНАД КОРЕРО МУШОБЕҲ БА АМАЛИ БУШ АНҶОМ БИДИҲАД?

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ охирҳои соли 1982 баъди вафоти сарвари ҳамонвақтаи СССР Л.И.Брежнев ба сари қудрат собиқ раҳбари пурқудраттарин хадамоти махфии ҷаҳон КГБ Ю.В.Андропов омад. Мардуми кишвар ва умуман сиёсатмадорону коршиносон дар ҳаёти сиёсию иқтисодии дохилу хориҷи СССР рӯйдодҳои азимеро мунтазир буданд. Зеро фаъолияти моҳҳои нахустини Ю.В.Андропов дар вазифаи роҳбари аввали СССР аз дурустии чунин пешгӯиҳо

далолат мекард. Муборизa барои баланд бардоштани интизоми меҳнат, мубориза зидди коррупсия дар сатҳи болои ҳукуматӣ иқдомҳое буданд, ки баъзеҳоро ба ҳаёти ояндаи беҳтаре умедвор мекарданду бархеро аз таъқибу озори эҳтимолӣ дар оянда нигарон месохтанд. Вале марги нобаҳангоми Ю.В.Андропов дар аввалҳои соли 1984 чунин умедҳо ва нигарониҳои бархе аз шаҳрвандони шӯравӣ ва коршиносону сиёсатмадоронро барбод дод. Аммо кӯшиши ба сари қудрати сиёсӣ омадани собиқ роҳбарони хадамотҳои махсус дар СССР ва баъди фурӯпошии он дар Федератсияи Русия - ин меросхӯри асосии СССР, бо ҳамин поён напазируфт. Чунин кӯшишҳо аз ҷониби собиқ сарвари хадамоти разведкаи берунаи (ХРБ) Федератсияи Русия Е .М. Примаков, роҳбарони собиқи ФСК – ФСБ С.Степашин ва В.Путин сурат гирифт. Ба Е.Примаков ва С.Степашин муяссар шуд, ки то ба вазифаи сарвазирӣ бирасанд. В.Путин бошад баъди чанд муддати сарвазирӣ аз ҷониби Президенти аввали Федератсияи Русия Б.Елтсин ворисӣ ӯ эълон шуд ва баъдан 26 марти соли 2000 дар раъйпурсии умумихалқӣ Раиси Ҷумҳурии Федератсияи Русия интихоб гардид.

В.Путин баъди хатми факултаи ҳуқуқшиносии Университети Давлатии Ленинград барои кор ба Раёсати Кумитаи Бехатарии Давлатии СССР дар шаҳру вилояти Ленинград даъват мешавад. Баъдан чанд муддат дар намояндагии КГБ – и СССР дар Олмони Шарқӣ ифои вазифа менамояд. Соли 1990 ба Ватан баргашта чанд муддат фаъолияташро дар раёсати КГБ – и шаҳру вилояти Ленинград зери пӯшиши проректори Университети Давлатии

Ленинград оиди масоили байналмиллалӣ идома медиҳад. Баъди воқеаҳои августи соли 1991 ё худ кӯшиши табаддулоти давлатии ГКЧП аз мақомоти амнияти давлатӣ истеъфо дода, ба командаи Анатолий Собчак мепайвандад. Ҳангоми мири шаҳри Ленинград будани А.Собчак В.Путин масъулияти муовинии ӯро ба ӯҳда дошт. Тобистони соли 1996 ба дастгоҳи президенти Федератсияи Русия Б.Елтсин ба кор даъват мешавад. Дар он ҷо ӯ то тобистони соли 1998 дар вазифаҳои гуногун кор карда омад. Моҳи июли соли 1998 В.Путин ба вазифаи директори хадамоти федералии амниятии Федератсияи Русия таъин карда мешавад. Моҳи марти соли 1999 ба болои ин вазифааш ба дӯши ӯ масъулияти Котибии Шӯрои Амнияти Федератсияи Русияро низ зам мекунанд. Аз моҳи август то охирҳои декабри соли 1999 В.Путин вазифаи сарвазириро ба ӯҳда дошт. Баъд аз сари асосгузори давлати Шӯроҳо  В.Ленин В.Путин дуввумин роҳбари давлати Русия ҳаст, ки ба ғайр аз забони модарии худ озод бо яке аз забонҳои хориҷӣ ҳарф мезанад. В.Путин бо забони немисӣ хеле хуб гуфтугӯ мекунад. Моҳҳои аввали давлатдории В.Путин аз он далолат медиҳанд, ки бо истифода аз донишу таҷрибае, ки таи фаъолияташ дар хадамоти махфии Русия андӯхтааст, азм дорад обрӯю эътибори аз дастрафтаи кишварашро дар арсаи байналмиллалӣ аз сар нав барқарор намояд.

Вале оё он хисоротеро, ки собиқ ҳамтои амрикоиаш Ҷорҷ Буш таи солҳои президентиаш ба кишвари ӯ ворид карда буд Владимир Путин метавонад ҷуброн намояд? Як чиз мусаллам аст, ки В.Путин ҳеҷ гоҳ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистии аз ҳам фурӯпошишударо чун оби

рехта наметавонад ҷамъ бикунад. Дар ин бора худи ӯ ҳам боре гуфта буд: «Касе, ки барои аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ намесӯзад, дил надорад. Вале касе, ки барои эҳёи он мекӯшад, сар надорад».

Имрӯз ҳаминаш аён шуд, ки иқдомҳои нахустини В.Путин чи дар дохил ва чи дар хориҷ аз кишвараш нигаронии шадиди сарварони мамолики Ғарбро ба бор овардааст. Ва барои ин онҳо асоси ҷиддӣ доранд.

Зеро дар зарфи қариб ду соле, ки ӯ ба ҳайси Раиси Ҷумҳур ифои вазифа мекунад, корҳоеро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ аз кишвар анҷом дод, ки боиси мустаҳкам шудани мавқеи сиёсиву иқтисодии кишвараш гардид. Одатан русҳо дӯст надоранд, ки дар бораи таҳаввулоте, ки дар дохили хадамоти махсусашон мегузарад, иттилоъ бидиҳанд. Албатта ба ҷуз он иддае, ки ба Ғарб паноҳанда шудаанд. Ин корро маъмулан мутахассисони ин соҳаи кишварҳои рақиб анҷом медиҳанд. Бино ба маълумотҳои баъзе расонаҳои хабарии хориҷӣ В.Путин баъди ба сари қудрат омадан дар дохили хадамоти амниятии Федеролӣ (ФСБ) дигаргуниҳоеро ба роҳ мондааст, ки боиси баланд гардидани самаранокӣ дар фаъолияти кормандони ин ниҳод шудааст. Чизе, ки имрӯзҳо ҳатто ба чашми шаҳрвандони оддӣ бармехӯрад, он аст, ки В.Путин сайъу кӯшиш дорад, ки ба командаи худ, махсусан ба мансабҳои калидӣ, афродеро ҷалб намояд, ки қаблан бо ӯ дар ФСБ ифои вазифа намудаанд. Тибқи маълумоти маҷаллаи «Комерсанть власти» (моҳи декабри соли 2001) В.Путин то санаи чопи мақола 13 нафар собиқ ҳамкоронашро аз ФСБ ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъин кардааст. Оё ин амали В.Путин

далели он нест, ки ӯ дар масъалаи касби иттилоот ва таъмини амнияти давлатӣ бештар ба кормандони мутахассиси ин соҳа такя мекунад? Ба ҳар ҳол баъди дар ИМА ба сари қудрат омадани Ҷорҷ Буши хурдӣ В.Путин бечуну чаро дар паҳлӯи вай сояи падари ӯро, яъне Ҷорҷ Буши калониро, ки як вақтҳо ба ҳайси Раиси Созмони ҷосусӣ, сипас ба ҳайси Раиси Ҷумҳур барои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Россия мушкилоти зиёдеро ба бор оварда буд ва имрӯзҳо бешакку шубҳа мушовири нахустини писараш ҳаст, мебинад. Ҳарчанд ҳодисаҳои даҳшатафкании моҳи сентябри соли 2001 ИМА ва Россияро ба як эътилофи байналмиллалии зиддитеррористӣ оварда бошад ҳам, вале он дер давом нахоҳад кард. Ҷонибҳо сари манофеи миллӣ ва давлатии хеш мухолифатро боз ҳам идома хоҳанд дод ва дар вусъат гирифтани ин мухолифатҳо нақши хадамоти махсуси ҳарду ҷониб хеле бузург хоҳад буд.

## «АҲМАДШОҲИ МАСЪУД:
## *«ИСТИХБОРОТ НОҶИИ ҶАНГ АСТ»*

**Эй аҳли ҷаҳон, ҷаҳони Масъуд гузашт,**
**Гар ҷону дилу нури назар буд, гузашт.**
**Чун толеъи фархунда дар ин даҳри шукӯҳ,**
**Дер омада буд, ҳасрато зуд гузашт!**

***Яъқубии Панҷшерӣ***

Дар давоми 23 соле, ки Аҳмадшоҳи Масъуд - ин рамзи муборизаи мардуми азияткашидаи Афғонистон барои озодӣ ва истиқлолияти кишвар пайваста дар корзор ва муттасил дар пайкор буд, рӯзноманигорону нависандагон, коршиносону муҳаққиқони сиёсиву низомӣ дар бораи ӯ аз мақолаи кӯчаке шурӯъ карда то даҳҳо китобҳои муфассале навиштаанд, филмҳои зиёди мустанад ба навор гирифтаанд. Баъди шиносоӣ ва омӯхтани фаъолиятҳои сиёсиву низомии ӯ иддае аз ин муаллифон маҳорати лашкаркашӣ ва кордонии низомии ӯро дар радифи чунин шахсиятҳои бузурги таърихи инсоният аз қабили Искандари Македонӣ, Амир Темури Самарқандӣ ва Наполеон Бонапарт гузоштаанд. Вале бояд бигӯем, ки ин шахсиятҳои таърихӣ, донишу малакаи низомии худро барои мақсадҳои кишваркушоӣ сарф кардаанд, на мисли нобиғаи даврон Аҳмадшоҳи Масъуд ба хотири ҳифзи озодӣ ва истиқлолияти Ватанашон. Бархи дигари нависандагон ҷаҳду талоши Аҳмадшоҳи Масъудро дар ин роҳ ба фаъолиятҳои чунин

абармардони таърих, аз қабили Шарл де Голл, Иосиф Броз Тито, Мао Цзе дун, Хошимин, Че Геваро муқоиса кардаанд. Чунин қиёс то андозае ба ҳақиқат наздик аст. Зеро ин симоҳои барҷаста дар давраҳои гуногуни таърихи кишварашон дар раъси муборизаҳои мусаллаҳонаи мардум Ватанашонро аз чанголи ишғолгарони бегона наҷот додаанд. Чунин буд муборизаи Шарл де Голли фаронсавӣ ва Иосиф Броз Титои югославӣ алайҳи ишғолгарони фашистӣ дар даврони ҷанги ҷаҳонии дуввум. Чунин буд набарди мусаллаҳонаи Мао Цзэ дун зидди милитаристони ҷопонӣ ва пайкори Хошимин дар аввалҳо алайҳи ишғолгарони фаронсавӣ ва баъд зидди амрикоиҳо. Ҳамин тавр буд ҷаҳду талошҳои Че Гаваро дар Куба. Вале боз ҳам аз бисёр ҷиҳатҳо чунин қиёс ноқис ва нопурра ба назар мерасад ва бузургиву шаҳомати Аҳмадшоҳи Масъудро барои хонандаи хориҷ аз кишвари Афғонистон ба пуррагӣ нишон дода наметавонад. Зеро Аҳмадшоҳи Масъуд дар баробари ин ки дар ин тӯли 23 сол аз озодӣ ва истиқлолияти Ватанаш қаҳрамонона дифо кардааст, ӯ инчунин рисолати таърихиеро дар назди башарият ба ҷо овардааст, ки аз моҳияти умумиҷаҳонӣ ва умумиинсонӣ бархӯрдор аст. Рӯзноманигори амрикоӣ Кент Каплан ҳанӯз соли 1992 дар китоби худ «Сарбозони роҳи Худо» навишта буд: **«Муҷоҳиди қаҳрамон Аҳмадшоҳи Масъуд монанди раиси Ҷумҳури Полша Лех Валенса, роҳбари католикҳои ҷаҳон Папаи Рим Иоҳан Поли II ва раиси Ҷумҳури ИМА Роналд Рейгон камари империализми Иттиҳоди Шӯравиро шикаст ва ҷаҳонро аз шарри вабои коммунизм наҷот дод»**[1]. Ин суханон чи тавре, ки дар боло ишора кардем,

1. **Маҷмӯаи мақолаҳо**, Марди устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур, Теҳрон 1999, саҳ: 307.

ҳанӯз соли 1992 гуфта шуда буданд. Дар байн 10 сол гузашт. Дар ин муддат дар таърихи инсоният даврае ба вуқӯъ пайваст, ки дар он нақши Аҳмадшоҳи Масъуд боз ҳам муҳим ва созанда ба назар мерасид. Даврони мубориза алайҳи терроризми байналмиллалӣ. Ба иллати бетаваҷҷӯҳии ҷаҳон ба қазияи Афғонистон ин кишвари ҷангзада бар асари ҷангҳои давомдори дохилӣ ва дахолати кишварҳои хориҷ ба пойгоҳи террористони байналмиллалӣ мубаддал гашт. Боз ҳам Аҳмадшоҳи Масъуд дар хатти аввали ҷабҳаи зидди терроризми байналмиллалӣ дар раъси муборизаи оштинопазир қарор гирифт. Билохира бо қиммати ҷони худ ҷаҳонро аз ин вабои охирзамон низ наҷот дод.

Тафовут ва фарқияти Аҳмадшоҳи Масъуд аз шахсиятҳои таърихии дар боло зикршуда маҳз дар он аст, ки Аҳмадшоҳ дар маҳдудаи танги кишвари худ, яъне дар қаламрави Афғонистон, ҳатто дар як бахши кӯчаки он аз манофеи умумибашарӣ ва умумиҷаҳонӣ ҳимоят кардааст. Дар сурате, ки абармардони дар боло зикргардида таърихӣ асосан барои кишвари худ, миллати худ, кишваркушоӣ ва хизматҳои дигар кардаанд.

Боз як фарқияти ҷиддии Аҳмадшоҳи Масъуд аз шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ дар он аст, ки ӯ дар раддаи ин афроди бузург ягона шахсест, ки аз ормонҳои волои исломӣ дифо кардааст. Дар даврони таҳоҷуми шӯравиҳо ба Афғонистон Аҳмадшоҳ агар барои тасбити ҳуқуқҳои мусалмонон ҷиҳод карда бошад, дар замони зуҳури Толибон ва таҷовузи аҷнабиҳои террорист кӯшишҳо ба харҷ додааст, ки аз чеҳраи исломи ноби Муҳаммадӣ дифо намояд ва нагузорад ки дар назди оламиён дини мубини Ислом ҳамчун

дини террористону даҳшатафканҳо шинохта шавад.

Аз ин ҷиҳат хизмати Аҳмадшоҳи Масъуд барои ҷаҳони Ислом ва мусалмонони ҷаҳон хеле бузург аст.

Вале боз ҳам дар байни Аҳмадшоҳи Масъуд ва он симоҳои барҷастаи таърихие, ки журналистону нависандагон ва муҳаққиқону коршиносон дӯст доранд онҳоро ба ҳам муқоиса намоянд ва монанд кунанд, як умумияте низ вуҷуд дорад. Ва ин умумият он аст, ки ҳам он бузургони таърих ва ҳам Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҷараёни расидан ба аҳдофи худ ва бароварда кардани мақсадҳояшон **касби иттилоот, иттилооти дақиқ, саривақтӣ ва объективиро** меҳвари асосии фаъолияти сиёсиву низомии худ қарор додаанд. Бо ин мақсад ҳамаи онҳо, минҷумла Аҳмадшоҳи Масъуд дастгоҳҳои пурнуфузи истихборотӣ (разведка) ва зиддиистихборотиро (контрразведка) созмондиҳӣ намуда аз онҳо хеле моҳирона ва васеъ истифода кардаанд.

Дар мусоҳибаҳои сершумори худ бо хабарнигорони хориҷӣ Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҷавоб ба саволи гарави асосии пирӯзиҳои ӯ дар сангарҳои ҷиҳод алайҳи шӯравиҳо ва баъдтар дар ҷанги зидди Толибон дар чист, ӯ ҳамеша ҷавоб додааст, ки музаффариятҳои ӯ пеш аз ҳама аз лутфи Худованд ҳасту дуввум аз доштани як дастгоҳи қавии истихборотӣ ва зиддиистихборотӣ.

Чунончи хабарнигори ҳафтаномаи русии «Собеседник» чопи Маскав Михаил Сердюков дар як мусоҳибаи худ, ба Аҳмадшоҳи Масъуд бо чунин суол муроҷиат кардааст:

- **«Сабаби асосии пирӯзиҳои низомии худро шумо дар чӣ мебинед? Америкоиҳо дар он вақтҳо шуморо «Ҷои дастгирнашаванда» лақаб ниҳода буданд.**

**Генерали шӯравӣ Варенников ният карда буд, ки баробари дастгир кардан шуморо ба дор меовезад. Бо ин мақсад даҳҳо гурӯҳҳои вижаи низомии шӯравӣ дар атрофу маҳалҳое, ки он ҷо мебудед, пиёда мешуданд. Вале ҳамеша бенатиҷа. Бигӯед, сирри ин комёбиҳои шумо дар куҷо пинҳон аст?**

**Аҳмадшоҳи Масъуд: Бале, дар ҳақиқат ман ҳамеша дар ҳаракат будам. Маҳали буду боши доимӣ, чи тавре, ки шумо мегӯед, ситоди доимӣ надоштам. Хеле кам ба вуқӯъ мепайваст, ки дар як манзил паи ҳам ду шабро рӯз карда бошам. Муҳимаш он буд, ки дастгоҳи қавии иттилоотӣ доштам, яъне истихборот ва зидди-истихбороти қудратманд. Ба фикри ман истихбороти қудратманд ноҷии (наҷотдиҳандаи) ҷанг аст. Имрӯз метавонам, ки бидуни худситоӣ бигӯям: Хадамоти махсуси шӯравиҳо, яъне КГБ ва истихборотии низомиро мо дар даврони ҷанг хеле ҳам фиреб додем. Дар ин набарди иттилоотӣ дастгоҳи истихборотии ман ҳамеша баранда буд»**[1].

Айнан ҳамин маъниро Аҳмадшоҳи Масъуд чанде пештар моҳи январи соли 1992 дар як мусоҳибаи ихтисосиаш ба рӯзномаи дигари чопи Маскав **«Труд»** низ иброз дошта буд. Ба саволи чӣ тавр аз ҳаргуна набарду даргириҳо, бомбаборонҳо ҷони солим ба дар мебурдед, Аҳмадшоҳи Масъуд гуфтааст, ки **«ин ҳама ба лутфи Худовандӣ ва фаъолияти муназзами дастгоҳи истихборотӣ даст медод»**[2].

---

1.**Михаил Сердюков**, Мои шпионы были и среди советских генералов, еженедельник, Собеседник, № 29, 1997 г.

2. **Владимир Снегеров**, Среди моих агентов были и советские генералы, газета Труд, от 22.01.92.

Дар бораи фаъолияти хуби дастгоҳи истихборотии Аҳмадшоҳи Масъуд на танҳо худи ӯ ва таҳлилгарону хабарнигорон шарҳу тавзеҳоти бешуморе додаанд, балки рақибони асосии ӯ, афсарони олирутбаи нерӯҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравии собиқ, ки бевосита дар ҷангҳо алайҳи ӯ ширкат варзидаанд ва аз тамоми дилу ҷон кӯшишҳо ба харҷ додаанд, ки ӯро аз байн бубаранд, низ бисёр суханҳоимунсифона ва объективона гуфтаанд. Чунончи яке аз собиқ фармондеҳони нерӯҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Афғонистон генерал – полковник Борис Громов дар китоби худ «Ограниченный контингент», ки соли 1994 дар Маскав ба табъ расида дар мавзӯи ҷанги Иттиҳоди Шӯравӣ алайҳи Афғонистон ҳамчун санади муҳиме ба шумор меравад, дар бораи ин ҷиҳати фаъолияти Аҳмадшоҳи Масъуд чунин менависад: **«Ба нақша гирифтани амалиётҳои низомӣ ва ба ҳаёт татбиқ кардани онҳо, ба ҳама маълум аст, кори душвор мебошад. Вале тарҳрезӣ кардани амалиётҳо ва татбиқи онҳо бар зидди Масъуд даҳчанд душвортар буд. Ба ҳангоми омодагиҳо ба ин гуна амалиётҳо фармондеҳии Қитъаоти маҳдудро на танҳо лозим меомад, ки барои касби иттилооти зарурии иктишофотӣ ва таҳлили онҳо кӯшиши зиёд ба харҷ бидиҳанд, балки ҳамеша боз мувоҷеҳи он бошад, ки ҳамаи ин кӯшишҳо ва маълумотҳо дастраси тарафи муқобил нагарданд. Тамоми амалиётҳои низомиро мо муштаракан бо нерӯҳои ҳукуматӣ анҷом медодем. Аҳмадшоҳ бошад соҳиби шабакаи васеи истихборотӣ ва гумоштаҳои зиёд дар байни роҳбарияти артиши афғон ва ҳукумати кишвар буд. Албатта ин ҷиҳати кор ба**

**рафти омодагиҳои мо таъсири манфии худро ҳатман боқӣ мегузошт. Тарҳрезии нақшаи амалиёт дар доираи танги одамон сурат мегирифт. То оғози шурӯъи амалиётҳо мо амалан ба афғонҳо дар бораи ҳадафҳои аслӣ, нерӯҳои ширкаткунанда дар ин амалиёт ва инчунин дар бораи манотиқе, ки дар он ҷойҳо ин амалиёт пиёда мешуданд, чизе намегуфтем. Қумандонҳои ҷузъу томҳои низомӣ, афсарони Ситоди кулли урду ва Вазорати дифои Афғонистон дар бораи амалиётҳои низомии қарибулвуқӯъ танҳо як рӯз ва баъзан ҳатто фақат якчанд соат пеш аз оғози онҳо огоҳ карда мешуданд»[1].**

Ин гуна эҳтиёткориҳои шадиди фармондеҳони шӯравӣ ҳаргиз садди роҳи кормандони хадамоти иттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд шуда наметавонистанд. Онҳо ҳатман иттилооти огоҳкунандаеро дар бораи омодагиҳои қумандонҳои шӯравӣ алайҳи нерӯҳои Аҳмадшоҳи Масъуд дарёфт мекарданд.

Дар як мусоҳибаи ихтисосии худ ба хабарнигори рӯзномаи иронии «Иттилоот» Мирзо Шукурзода Аҳмадшоҳи Масъуд гуфтааст, ки барои мисол аз нақшаи ҳуҷуми ҳафтуми артиши шӯравӣ ба дараи Панҷшер 25 рӯз қабл аз оғози он ҳамла огоҳ шудааст: **«Иттилооти ин ҳамла аз маркази фармондеҳии қувваҳои шӯравӣ ба дастам расид. Ҷолиб ин аст, ки бахши зиёди иттилоотро аз женролҳои Артиши Сурх мегирифтем. Ва ин иттилоотро на дар баробари пул, балки аз тариқи женролҳое, ки аз миллатҳои мухталиф буда ва аз шӯравиҳо безор буданд,**

---

1. **Б.В.Громов**, Ограниченный контингент, Москва, Прогресс» – 1994, стр.181 – 182.

**дарёфт мекардем»[1].**

Президенти Академияи Илмҳои Ҳарбии Федератсиони Россия Маҳмуд Аҳмадович Гареев, ки баъди хуруҷи нерӯҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ аз Афғонистон чанд муддат дар он ҷо ба ҳайси мушовири низомии Сарфармондеҳи Нерӯҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Афғонистон, Раиси Ҷумҳури Афғонистон доктор Наҷибуллоҳ ифои вазифа намудааст, дар китоби худ «Афганская страда», оиди ин самти фаъолияти Аҳмадшоҳи Масъуд менависад: **«Дар ҷараёни тайёрӣ дидан ва татбиқ кардани амалиётҳои ҷангӣ Аҳмадшоҳ Масъуд таваҷҷӯҳи махсусеро ба хадамоти иктишофотӣ (разведка) зоҳир мекард. Ӯ ва ҳамроҳонаш мавқеи ҷуғрофӣ ва мардуми маҳалиро хеле хуб медонистанд. Асосан мардуми таҳҷоӣ Аҳмадшоҳро муттасил аз таҳарукоти нерӯҳои низомии шӯравиҳо ва нерӯҳои режими Кобул огоҳ мекарданд. Хадамоти иктишофотии ӯ хеле хуб кор мекард. Ҳамеша аз авзои минтақа огаҳӣ доштан, онро дуруст баҳо додану пешбинӣ кардани таҳаввулоти он ба Аҳмадшоҳ имконият медоданд, ки сари вақт нерӯҳои худро аз хатари шикаст ва ё ҳаддиақал талафоту хисороти зиёд наҷот бидиҳад»[2].** Вале биёед, бубинем, ки худи Аҳмадшоҳи Масъуд чи мегӯяд, ки аз иттилооти саривақтӣ ва муҳими касб кардааш ӯ чӣ гуна истифода мебурдааст. Масалан, баъди он ки дар соли 1984 аз нақшаи ҳамлаи ҳафтуми шӯравиҳо ба дараи Панҷшер қариб як моҳ қабл огоҳ шуд, ӯ кадом корҳоеро анҷом дод? Дар ин бора ӯ дар ҳамон мусоҳибааш ба рӯзномаи «Иттилоот», чопи Теҳрон чунин мегӯяд: **«Ман, ки иттилооти**

1. **Маҷмӯаи мақолаҳо**, Марди устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур, саҳ: 364.
2. **М.А.Гареев**, Афганская страда, Москва, 1999, стр 144 – 145.

кофӣ аз барномаи онҳо (артиши Шӯравӣ, С.Ҳ.) доштам, шурӯъ ба фиребҳои зиддииттилоотӣ намудам. Яъне ба гунае амал кардам, ки шӯравиҳо фиреб бихӯранд ва интур фикр кунанд, ки мо дар Панҷшер сахт муқовимат мекунем. Як қисмат аз нерӯҳои худро ҷиҳати ҷангҳои оддӣ ба берун аз Панҷшер ва бахши аъзами онҳоро дар дохили Панҷшер ҷиҳати муқовимат ҳифз мекунем. Дар маҷлиси умумӣ, дар иҷтимоъи муҷоҳиддин, дар ташреҳи вазъи ҷангӣ, сангар кандан ва ғайраву ҳоказо ба гунае рафтор кардем, ки шӯравиҳо (КГБ) комилан фиреб бихӯранд. Аз ҷосусҳои дуҷониба ба хубӣ истифода кардем. Бо додани иттилооти ғалат ба онҳо мо душманро ба иштибоҳ меандохтем. Ҳадафи мо ин буд, ки душман бовар кунад, ки гӯё мо дар дараи Панҷшер башиддат муқовимат хоҳем кард. Дар асл бошад ҳадафи мо дигар буд. Тибқи нақшаи тарҳрезӣ шуда мо бояд як рӯз қабл аз он, ки қувваҳои шӯравӣ дохили Панҷшер бишаванд, тамоми дараро аз аҳолӣ тахлия (холӣ) кунем. Аз ин рӯ босуръат даст ба кор шудем. Ва тақрибан беш аз 100 ҳазор зану марду хурду калони Панҷшерро аз минтақа берун бурдем.

Ибтидо дараро аз вуҷуди мардуми ғайринизомӣ тахлия кардем. Онҳо куллан ба дараҳои ҳамҷавор ҳиҷрат карданд. Ба вижа ба Кобул. Мардуми Кобул аз муҳоҷирати мардуми мо истиқболи гарм ба амал овард. Сипас бахше аз таҷҳизоти низомиро ба хориҷ аз Панҷшер, яъне ба Парвон ва Каписо интиқол додем. Ва танҳо бахши маҳдуде аз силоҳҳои худро дар Панҷшер боқӣ гузоштем.

Иқдоми дигари мо шиносоӣ ва дастгирии ҷосусҳои шӯравиҳо дар дараи Панҷшер буд, ки ин амал дар ду – се рӯзи боқимонда, то замони оғози амалиёт ва баста шудани дарвозаи Панҷшер анҷом гирифт. Бинобар ин шӯравиҳо бозуи иттилоотии худро аз даст доданд ва акнун намедонистанд, ки дар минтақа чӣ мегузарад. Як рӯз пеш аз оғози амалиёти қувваҳои шӯравӣ мо дар ҳудуди ду то се ҳазор муҷоҳидди худро дар зарфи 36 соат бидуни доштани имконоти кофии нақлиётӣ бо як ғунд (баталён) силоҳи сангин ба тартибе, ки душман аслан мутаваҷҷеҳи ин интиқолот нашавад, аз Панҷшер хориҷ кардем. Ин ҷо ба ҷойгузориҳо дар ҳоле анҷом мешуд, ки ҳам аз тарафи ғарб ва ҳам аз тарафи шарқ се ҳавопаймои иктишофотии (разведкаи) шӯравӣ ба таври мураттаб дар атрофи Панҷшер парвоз мекард. Бо вуҷуди ин корҳои дигареро низ анҷом додем. Аз ҷумла иловатан дар минтақа ҳазорҳо минаи зиддинафарӣ ва садҳо минаи зидди тонкӣ коштем. Шӯравиҳо баъд аз бомбаборонҳои шадид ва мутамарказ фикре карданд, ки агар қувваҳояшонро пиёда кунанд ҷанги густурда ва тамом айёр дар Панҷшер сурат хоҳад гирифт. Аммо вақте, ки нерӯҳояшон дар минтақа пахш шуданд, ба ҳар тараф ки ҳамлавор мегардиданд бо инфиҷори минаҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Ва дар ҳақиқат ин минаҳо буд, ки меҷангиданд. Дар ин амалиёт садҳо низомии шӯравӣ ба ҳалокат расиданд. Ба дунболи ин ҷараён вақте, ки тонкҳо дохили дара шуданд дар масири роҳ бо минаҳо рӯ ба рӯ мешуданд ва дар хориҷ аз масир ҳам боз ба минаҳо бархӯрд мекарданд ва ба ҳар чизе ки даст

**мезаданд, ба минаҳои кошташуда мувоҷеҳ мешуданд. Мо ба ҳангоми хуруҷ аз Панҷшер ҳама ҷоро ба мин фарш карда будем. Бинобар ин ҳамлаи Артиши Сурх ба худашон баргашт ва худашон ба хоку хун кашида шуданд. Шӯравиҳо замоне, ки диданд дар дохили дара касе ба ҷуз мин вуҷуд надорад, шурӯъ ба пиёда кардани қувваҳояшон дар дараҳои атроф мисли Андароб ва Хусту Фринг ва ғайра карданд, то моро таъқиб кунанд. Вале бо ин амал ҳам чизе ба даст наёварданд ва саргардон монда буданд, ки чӣ бикунанд. Дар ин вақт мо нерӯҳои худро дубора ба самти Панҷшер ҳаракат додем, ки мунҷар ба ҷанги бисёр шадиди партизанӣ дар муқобили қувваҳои Сурх шуд. Дар он замон ин ҷанги тозаеро, ки мо шурӯъ карда будем, бо тамоми ҷангҳои гузашта аз назари тактикӣ фарқ дошт. Ҷанги дигаргунае, ки қувваҳои шӯравӣ худро барои он омода накарда буданд. Шӯравиҳо мехостанд аз нерӯҳои густурдаашон истифода кунанд ва таҳаррук дошта бошанд. Вале мо ҷангро дар дохили дара ба сурати инқибозӣ – инбисотӣ (яъне вақте шӯравиҳо ҳамла мекарданд, муҷоҳиддин пинҳон мешуданд ва баръакс, вақте шӯравиҳо дар ҳолати истироҳат буданд, муҷоҳиддин шабехун мезаданд. С.Ҳ.) идора мекардем. Дар ин ҷанг садҳо сарбози шӯравӣ кушта шуданд»[1].**

Ана ҳамин тавр хонандаи азиз, чи тавре ки аз ин иқтибоси хеле ҳам тӯлонӣ, вале хеле ҳам батафсил шумо пай бурдед, фармондеҳ Аҳмадшоҳи Масъуд иттилооти 25 рӯз пеш дар бораи ҳуҷуми ҳафтуми шӯравиҳо ба дараи Панҷшер ба даст омадаро танҳо на барои аз зери борони

1. **Маҷмӯаи мақолаҳо**, Марди устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур, саҳ: 364 - 367.

тиру тӯп ва бомбаборонҳои шӯравӣ наҷот ёфтан (чи тавре, ки М.А.Гареев изҳор намудааст) истифода кардааст, балки як силсила чораҳоеро ба нақша гирифта амалӣ кардааст, ки ҳамаи онҳо дар ҷамъбаст шикасти ин таҳоҷуми артиши шӯравиро низ таъмин карданд. Қабл аз ҳама ин аз зери оташи тӯпхона ва бомбаборонҳои шадид сари вақт беталаф бурдани аҳолии мулкии Панҷшер. Дуввум аз байн бурдани шабакаи иттилоотии душман ё чи тавре, ки худи Аҳмадшоҳ мегӯяд, аз «бозуи иттилоотӣ маҳрум кардани душман». Саввум ба хориҷ аз дараи Панҷшер кашондани захираи силоҳу муҳимоте, ки бо эҳтимоли зиёд метавонистанд ба асари бомбаборонкуниҳои шадид аз байн бираванд ва талаф шаванд. Чаҳорум дар масири ҳаракати техникаи низомӣ, минҷумла тонку зиреҳпӯшҳо ва сарбозони пиёданизом коштани минаҳои гуногун. Ва аз ҳама муҳимаш Аҳмадшоҳи Масъуд дар ин фосилаи 25 рӯзе, ки иттилоотро дар бораи ҳамлаи ҳафтуми русҳо дар даст дошт, тавонист дар тактикаи ҷангии худ тағироти ҷиддие ворид кунад ва фармондеҳии артиши шӯравиро ба як нокомии шадиди низомӣ мувоҷеҳ созад. Афсарони урдуи шӯравӣ, ки артиши худро ба тарзу сабки дигари ҷанг омода карда буданд, бо рӯ ба рӯ омадан бо тактикаи нави ҷангии Аҳмадшоҳ то дер боз натавонистанд тасмимоти дурустеро алайҳи ӯ бигиранд, ки ин амал мунҷар ба талафот ва хисороти зиёде дар суфуфи лашкари онҳо гардид.

Тибқи иттилооти муаллифи китоби **«Панҷшер дар даврони ҷиҳод» Абдулҳафизи Мансур танҳо дар ду ҳуҷуми охир ба Панҷшер, яъне ҳамлаҳои ҳафтум ва ҳаштум, ки аз 20 – уми апрели соли 1984 оғоз шуда 1262**

**рӯз идома кардаанд, шӯравиҳо ва режими Кобул барои аз байн бурдани Аҳмадшоҳи Масъуд ва муҷоҳиддини ӯ 20 ҳазор сарбоз ва тахминан ду ҳазор техникаи низомиро истифода бурданд. Дар натиҷаи ҷангҳои шадид тахминан 8600 сарбози шӯравӣ ва режими Кобул кушта ва захмӣ гардиданд. Дар ин байн 1677 адади техникаи низомии душман аз кор бароварда шуд. Дар ҳамин муддат 74 адад ҳавопаймо ва чархболи артиши сурх ва ҳукумати Афғонистон бо дасти муҷоҳиддини Аҳмадшоҳи Масъуд суқут дода шуданд**[1]. Албатта дар натиҷаи ин набардҳои таърихӣ муҷоҳиддини Аҳмадшоҳи Масъуд низ талафотеро мутаҳаммил шуданд. Вале на ба таври муқоисашаванда бо талафоти душман. Тибқи иттилооти Абдулҳафизи Мансур **дар тӯли ин ду ҳамла қариб 900 сарбози Аҳмадшоҳи Масъуд куштаву захмӣ шуданд. Тахминан 1800 нафар аҳолии мулкӣ низ ё ҷони худро аз даст доданд ва ё ҷароҳат бардоштанд**[2].

Бино ба гуфтаҳои Маҳмуд Гареев дар даврони ҷанг артиши шӯравӣ ва низомиёни ҳукумати режими Кобул ба болои Панҷшер ва дигар манотиқи таҳти нуфузи Аҳмадшоҳ беш аз ёздаҳ маротиба ҳамин гуна ҳамлаҳои густурдаро ба роҳ мондаанд.

Дар иқтибосе, ки дар боло аз китоби собиқ фармондеҳ урдуи 40 – уми Нерӯҳои Низомии Иттиҳоди Шӯравӣ женрол Б.В.Громов оварда будем, ӯ таъид кардааст, ки нақшаҳои амалиётҳои ҷангӣ дар шароити бисёр махфӣ тарҳрезӣ мешуданд. Зеро разведкаи (истихбороти) Аҳмадшоҳи

---

1. **Абдулҳафизи Мансур**, Панҷшер дар даврони ҷиҳод, Кобул 1993, саҳ: 181.
2. **Абдулҳафизи Мансур**, Панҷшер дар даврони ҷиҳод, Кобул 1993, саҳ: 181.

Масъуд дар миёни низомиёни режими Кобул ва ҳукумати он шабакаи васеи гумоштаҳои худро дошт. Ба ҳамин хотир афғонҳоро аз оғози амалиёт ҳамагӣ якрӯз қабл ва ҳатто баъзан фақат чанд соат пеш огоҳ мекардем. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин эҳтиёткориҳо Аҳмадшоҳи Масъуд аз нақшаҳои низомиёни рус хеле бармаҳал аз оғози амалиётҳои онҳо огоҳ мешудааст. Сабаби онро хабарнигорону таҳлилгарон борҳо дар мусоҳибаҳо бо ӯ, дар нишастҳои матбуотиаш аз Аҳмадшоҳи Масъуд пурсон мешуданд. Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамеша бо як ҳисси ифтихор изҳор мекард, ки дар байни афсарони баландрутбаи шӯравиҳо хабаррасонҳои худро доштааст ва иттилооти зарурӣ ва саривақтиро ӯ маҳз аз ҳамонҳо мегирифтааст. Дар иқтибосе, ки дар боло аз мусоҳибаи ӯ бо хабарнигори рӯзномаи «Иттилоот» - и чопи Теҳрон манзури шумо хонандаи азиз кардем, Аҳмадшоҳ дар ин бора хеле возеҳ ибрози назар кардааст. Дар мусоҳиба бо хабарнигори газетаи «Труд» Владимир Снегиров Аҳмадшоҳи Масъуд дар ҷавоб ба саволи ӯ гуфтааст, ки **«нафарҳои ман дар ҳама ҷо фаъолият мекарданд. Аз он ҷумла дар байни афсарон ва ҷенеролҳои Шумо. Теъдоде аз онҳо барои пул бо мо ҳамкорӣ мекарданд, қисмати дигарашон барои он ки нисбати муборизаи мо нуқтаи назари нек доштанд». Замоне ман ёддоштҳоямро хоҳам навишт ва дар он вақт ҳатман дар ин бора муфассал нақл хоҳам кард. Ба ғайр аз ин мо гумоштаҳои худро дар сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷии муқими Кобул низ доштем. Яке аз беҳтарин ёрдамчии махфии мо дар сафоратхонаи Ҳиндустон фаъолият мекард.**

**- Дар сафоратхонаи шӯравиҳо низ одами худро**

**доштед?** – мепурсад аз ӯ хабарнигор.

- **Бале, дар он ҷо низ нафарҳои мо буданд**, - ҷавоб медиҳад Аҳмадшоҳ.

Сипас хабарнигор менависад, ки **«агар худаш дар соли 1985 шоҳиди воқеаи зерин намебуд, чунин суханрониҳои бебоконаи Аҳмадшоҳро худтаърифкуние беш намедонист. Соли 1985 хадамоти зиддиистих-боротии шӯравиҳо шабакаи ҷосусии Аҳмадшоҳро, ки дар Раёсати иктишофоти Вазорати Дифои Афғонистон амал мекард, ифшо намуд. Роҳбарии ин шабакаи иттилооти Аҳмадшоҳро худи сардори раёсати кашфи Вазорати дифо ҷенрол Халил ба ӯҳда дошт»**[1].

Воқеан, дар бораи сабабҳои ифшо шудану ба эъдом расидани ҷенрол Халил, ки дар ҳақиқат ба муҷоҳиддин кӯмак мекардааст, тарафи Аҳмадшоҳи Масъуд фарзияи дигареро пешниҳод мекунанд. Дар ин бора дар фурсати муносиб баҳс хоҳем кард.

Дар идомаи суханаш рӯзноманигор менависад, ки **«баъдтар, яке аз афсарони баландрутбаи КГБ – и шӯравӣ ба ӯ гуфтааст, ки амалиёти ифшосозии гумоштаҳои Аҳмадшоҳи Масъудро дар байни афсарони Шӯравӣ нафаре аз боло хеле моҳирона монеагузорӣ мекард. Ба гумонам, гап дар сари пули калон ё худ сангҳои қимматбаҳо меравад, хулоса кардааст он афсари баландрутбаи КГБ». Ҳарчӣ набошад, вале дар тӯли ҷанг ҳамеша аз тасмимоти қумандонии шӯравиҳо бохабар будани Аҳмадшоҳи Масъуд бо далелҳои раднашаванда борҳо исботи худро пайдо кардааст»**[2]-

---

1. **Владимир Снегиров**, Среди моих агентов были и советские генералы, газета Труд, от 22.01.92.

2**. Владимир Снегиров**, Труд, от 22.01.92.

гуфтаастдар хотима В. Снегиров.

Танҳо хадамоти махсуси Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳукумати Кобул набуданд, ки зидди муҷоҳиддини Аҳмадшоҳи Масъуд фаъолияти иттилоотӣ ва зидди иттилоотӣ мебурданд. Тибқи суханони нафарони масъули хадамоти истихборотӣ ва зиддиистихборотии Аҳмадшоҳи Масъуд ба ҷуз КГБ, ГРУ – и Иттиҳоди Шӯравӣ ва ХОД – и Ҳукумати Афғонистон, Раёсати Кашфи Вазорати Дифои кишвар, таваҷҷӯҳи дигар хадамотҳои ҷосусӣ ва зиддиҷосусии ҷаҳон аз қабили УМР, (CIA), ИМА, истихбороти низомии Покистон (ISI) ва ғайраро нисбати шахсияти Аҳмадшоҳ, фаъолияти низомии ӯ ва муҷоҳиддинаш баръало мушоҳида кардан мумкин буд. Барои мисол дар даврони мубориза алайҳи таҷовузи шӯравиҳо дар Афғонистон кормандони хадамоти иттилоотии ИМА, Исроил ва Покистон агарчанд мунфиатдори он буданд, ки шӯравиҳо ҳарчӣ тезтар шикаст бихӯранд ва аз Афғонистон хориҷ бишаванд, вале бештар ба қумандонҳои паштутабор таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд ва ба онҳо кӯмакҳои фаннӣ мекарданд. Ба Аҳмадшоҳи Масъуд, ки аз ҳама бештар мавриди ҳамалоти шӯравиҳо қарор мегирифт, ҳатто аз додани рокетҳои «замин ба ҳаво» - и «Стингер» худдорӣ карданд. Зеро дар симои Аҳмадшоҳи Масъуд онҳо шахсияти сиёсиву низомиеро медиданд, ки барои ӯ озодӣ, истиқлол ва манофеи халқу кишвараш дар қадами аввал меистод. Онҳо наметавонистанд ба ҳеҷ ваҷҳ тавассути ӯ аҳдофи худро пиёда созанд. Бинобар ин ҳисобро онҳо болои рақибони сиёсии ӯ, аз ҷумлаи роҳбарони аҳзоби сиёсии дигар гузошта буданд. Дар ҳақиқат баъд аз он, ки шӯравиҳо Афғонистонро тарк гуфтанд ва ҳукумати муҷоҳиддин дар раъси роҳбари

Ҷамъияти Исломии Афғонистон профессор Бурҳониддин Раббонӣ ба сари қудрат омад ва Аҳмадшоҳи Масъуд дар ин ҳукумат яке аз нақшҳои калидиро бозӣ мекард, хадамоти иттилоотии кишварҳои мазкур агарчанде зоҳиран бетарафиро ихтиёр карда буданд, вале дар асл амалиётҳои пинҳонии худро алайҳи ҳукумати Раббонӣ ташдид мебахшиданд. Аз ин хусус аланга гирифтани оташи ихтилофҳои байни аҳзоби мухталифи Афғонистон, ба мубориза мусаллаҳона мунҷар шудани ин мухолифатҳо, ба саҳнаи сиёсиву низомии Афғонистон баромадани гурӯҳи Толибон гувоҳи равшани ин гуфтаҳост. Албатта ҳамаи ин аҳзобу ҷунбишҳо ба ин амалҳо аз ҷониби хадамоти иттилоотӣ ва зиддииттилотии кишварҳои зикршуда таҳрик дода мешуданд. Вале бояд гуфт ҳамаи бузургтарин аҳзоби сиёсии Афғонистон, ки шохаҳои низомии худро соҳиб буданд, дар сохтори худ ҳатман ниҳодеро ба унвони созмони иттилоотӣ доштанд, ки вазифаи асосии он касби иттилооти зарурӣ барои раҳбарияти ҳизб, анҷом додани амалиётҳои махсус ва инчунин таъмини амнияти физикии раҳбарони аҳзоб будааст.

Дар таркиби баъзе ҳизбҳои сиёсии Афғонистон, аз ҷумла Ҳизби Исломии Гулбидин Ҳикматёр, Ҷунбиши Толибон гурӯҳҳои махсуси террористие буданд, ки вазифаи асосии онҳо аз байн бурдани рақибони сиёсӣ, алалхусус шахсиятҳои шинохтаи низомию сиёсӣ будааст. Аз ин рӯ хадамоти иттилоотии Аҳмадшоҳро зарур буд, ки гумошта ва омилони худро дар дохили ин аҳзоб ба хусус дар сатҳи роҳбарияти низомии он дошта бошад. Масалан, зиддияти Гулбидин бо Аҳмадшоҳи Масъуд ҳанӯз дар даврони

ҳукмронии Муҳаммад Довуд шурӯъ шуда буд. Аҳмадшоҳи ҷавон, дар даврони донишҷӯиаш дар Институти политехникии Кобул махфиёна узви Наҳзати Ҷавонони Мусалмони Афғонистон буд. Гулбидин дар ин созмон бахши низомии онро сарварӣ мекард. Ҳикматёр террори шахсиятҳои давлатӣ ва сиёсиро яке аз роҳҳои асосии расидан ба аҳдоф медонист. Аҳмадшоҳ бошад ин тарзи муборизаро инкор мекард. Ӯ ҷонибдори дар байни мардум, ба хусус низомиёни давлатӣ пайдо намудани тарафдорон ва ба шӯриши мусаллаҳона даъват кардани онҳо буд. Бисёр аз муҳаққиқони таърихи Афғонистон бар онанд, ки зиддиятҳои байнихудии ин шахсиятҳои барҷастаи даврони навини ин кишвар маҳз аз ҳамин дидгоҳи онҳо ба тарзу услуби мубориза барои озодӣ ва истиқлолият маншаъ мегирад. Ҳарчанд иллату сабабҳои зиёди дигаре низ вуҷуд доранд ва аз онҳо низ ёдовар мешаванд. Гулбидин агар ҳар навъ василаи низомӣ, аз ҷумла террорро барои расидан ба ҳадаф таъид карда бошад, Аҳмадшоҳи Масъуд аз аввал зидди ин тарзи муборизаи расидан ба аҳдоф буд. Билохира кор ба ҷое расид, ки Гулбидин борҳо нақшаи террори худи Аҳмадшоҳи Масъудро низ тарҳрезӣ намудааст ва кӯшишҳо ба харҷ додааст, ки онҳо амалӣ бишаванд. Чунончи дар сӯиқасди 9 – уми июли соли 1989 дар минтақаи Тангии Фархори вилояти Тахор ба ҷони Аҳмадшоҳ пайваста танҳо ба фазли Худовандӣ Масъуд ҷон ба саломат бурд. Дар ин сӯиқасд 32 тан аз ҳамсангарон ва саргурӯҳҳои низомии Аҳмадшоҳи Масъуд ба дасти қумандон Саид Ҷамол, ки аъзои Ҳизби Исломии Ҳикматёр буд, ба шаҳодат расиданд. Баъди дастгир шуданаш Саид Ҷамол дар ҷараёни бозпурсӣ

эътироф намудааст, ки раҳбарияти Ҳизби Исломӣ тасмими бо роҳи террор аз байн бурдани Аҳмадшоҳро қабул кардааст. Баъдан ин гуфтаҳои Саид Ҷамол исботи худро пайдо карданд. Ходимони амниятии Аҳмадшоҳ аз нақшаи чандин сӯиқасдҳо сари вақт огоҳ шуда, онҳоро хунсо кардаанд.

Тибқи иттилооти аз манбаъҳои наздик ба Аҳмадшоҳи Масъуд ба даст омада сохтори ниҳоди иттилоотӣ ва зиддииттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд шакли ба худ хосеро доро буд, ки аз сохтори иттилоотӣ ва зиддииттилоотии маълуми кишварҳои ҷаҳон ва аҳзоби сиёсӣ тафовут дошт. Ба ибораи дигар бигӯем Аҳмадшоҳи Масъуд ду ниҳоде дошт, ки ҳамзамон ҳадафи онҳо таъмини иттилоотӣ ва амниятии ӯ ва ҷабҳаи ӯ буданд. Яке аз ин ниҳодҳоро кумитаи иттилоот мегуфтанд, ки расман дар сохтори низомӣ арзи вуҷуд карда буд ва нафарҳои масъули худро дошт. Масъулини онро одамон аксаран мешинохтанд ва бо онҳо оиди масоили амниятӣ дар тамос мешуданд. Раҳбари ин кумитаро Аҳмадшоҳи Масъуд худ таъин мекард ва ӯ шахсан ба Аҳмадшоҳ аз натоиҷи кораш муттасил гузоришҳо таҳия менамуд. Раҳбари кумитаи иттилоот расман масъули таъмини амнияти ҷабҳа ва минтақаи таҳти тасарруф ба ҳисоб мерафт. Вале дар баробари ин кумита Аҳмадшоҳи Масъуд созмоне иттилоотӣ ва зиддииттилоотие дошт, ки шахсан худи ӯ ба он роҳбарӣ мекард. Ва касе дар бораи мавҷудияти ин созмон, тарзи фаъолияти он иттилои дақиқ надошт. Кормандони ин созмони амниятии Аҳмадшоҳи Масъуд умдатан аз намояндагони ақшори мухталифи ҷомеа, ба хусус аз онҳое буданд, ки тибқи вазифаи худ дар

сохторҳои гуногуни ҳукуматӣ, низомӣ, сафоратхонаҳо, аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои гуногуни кишварҳои душман аз нуқтаи назари амниятӣ ва иттилоотӣ мавқеъҳои муҳимеро ишғол мекарданд ва имконияти хуби ба даст овардани иттилоот ва ё расондани таъсири мусбат бо раванди воқеот ба манфиати ҷабҳаи Аҳмадшоҳи Масъуд ва манотиқи таҳти нуфузи ӯро доштанд.

Дар воқеъ ниҳодҳои иттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд на фақат маълумотеро касб мекарданд, ки танҳо марбути ҷабҳа буд ва ё танҳо аз хусуси ҳамлаҳои эҳтимолии нерӯҳои низомии шӯравӣ ва қувваҳои ҳукуматӣ ба сангарҳои ӯ хабар медоданд.

Даҳҳо маротиба шудааст, ки тавассути иттилооти огоҳкунандаи аз манбаъҳои хеле муҳим ва эътимодбахш расида аз чандин сӯиқасдҳо ба ҷони Аҳмадшоҳи Масъуд пешгирӣ карда шудааст. Барои мисол соли 1984 хадамоти иттилоотӣ ва зиддииттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд беш аз 12 нақшаи сӯиқасд ба ҷони ӯро ифшо ва хунсо намудааст. Чунончи таҳти роҳбарии собиқ президенти Ҷумҳурии Афғонистон Наҷибуллоҳ, ки ҳамон солҳо раиси Хадамоти Амниятии давлати Афғонистонро ба ӯҳда дошт, якчанд лоиҳаи нақшаи аз байн бурдани фармондеҳ Аҳмадшоҳи Масъуд тарҳрезӣ шудааст. Барои амалӣ кардани нақшаҳои тарҳрезӣ шуда ҳукумати Афғонистон ҳамон вақт беш аз як миллион доллар ихтисос дода будааст. Ин маблағи ҷудо шуда барои омӯзиш дидани террористҳо, таҳияи лавозимоти зарурӣ аз қабили васоити гуногуни ҷосусӣ ва истихдоми нафарҳои кӯмаккунанда масраф шудааст. Аксари ин нақшаҳо дар марҳилаи аввали татбиқшавиашон кашф

мешуданд ва хунсо мегардиданд. Дар ин кор ёрдамчиёни пинҳонии ӯ, ки дар ХОД расман фаъолият мекарданд, нақши ҳалкунанда мебозиданд. Масалан мутахассисони соҳа корманди ХОД Комронро барои аз байн бурдани худи Аҳмадшоҳи Масъуд омӯзиши махсус дода буданд. Ӯ мебоист ё аз тариқи додани заҳр ва ё аз тариқи тирпарронӣ Аҳмадшоҳи Масъудро ба қатл мерасонд. Ӯ бояд зери пӯшише вориди минтақа мешуд ва нақшаро дар мавриди мусоид амалӣ мекард. Одамони наздики Аҳмадшоҳ, ки аз ин нақша хабардор буданд, Комронро ба он талқин карданд, ки баробари ворид шудан ба дараи Панҷшер худашро ба мақомоти амниятии Аҳмадшоҳи Масъуд ифшо кунад ва бо ҳамин ӯ хизмат барои миллати Афғонистон хоҳад кард ва инчунин бо итминони комил метавон гуфт, ки ҷони худро низ ҳифз хоҳад кард. Комрон, ки ҷавони дурандеши ватанпараст ва озодидӯст буд, ин маслиҳатро пазируфт ва баробари дохили хоки Панҷшер шудан пеши Аҳмадшоҳ рафт ва асли қазияро изҳор кард. Комрон дар баробари ин иқроршавӣ асноду далелҳои муассиреро пешниҳод кард, ки барои шакку шубҳа овардан ба гуфтаҳояш истидлоле намонда бошад. Ба ҷуз ин Комрон дар бораи ХОД ва шеваи бархӯрди ӯ бо муҷоҳиддин, услуби кории онҳо, иттилооти қимматеро пешниҳод кард.

Ба ғайр аз касби иттилооти зарурӣ дар мавриди ҳамлаҳои эҳтимолии болои қароргоҳҳои муҷоҳиддин, хунсо кардани сӯиқасдҳо ба ҷони фармондеҳон, ходимони амниятии Аҳмадшоҳи Масъуд корҳои муҳими дигареро бо истифода аз шеваву усулҳои мухталифи кори иттилоотӣ анҷом медоданд. Масалан, бо додани иттилои бардурӯғ ба

душман ба иштибоҳ андохтани онҳо ва бо ҳамин онҳоро маҷбур кардан ба тасмимгирии нодуруст, ки дар натиҷа ба шикаст меовард. Намунаи ин корро мо дар мисоли болоӣ оиди фаъолияти кормандони иттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд пеш аз ҳамлаи ҳафтуми шӯравиҳо ба Панҷшер дидем.

Яке аз сабабҳои асосии дар дохили душманон хуб кор кардани хадамоти амниятии Аҳмадшоҳи Масъуд дар он буд, ки бо усарои ҷангӣ муомилаи хуб мекарданд. Ҳамеша мекӯшиданд онҳоро аз тариқи далелҳои мантиқӣ, машварату маслиҳат мутақоиди худ созанд. Дар натиҷаи чунин корбарӣ усаро аксаран омодагии худро барои ҳамкорӣ кардан бо ҷабҳаи Аҳмадшоҳи Масъуд, минҷумла хадамоти амниятии ӯ изҳор мекарданд. Дар натиҷа созмони иттилоотии Аҳмадшоҳ на танҳо аз ин усаро иттилои дақиқ, саривақтӣ ва муҳимро мегирифт, балки аҳёнан ин асиронро дар корҳои иттилоотии худ васеъ истифода мебурд. Масалан, зери пӯшишҳои зиёд вориди дастгоҳҳои иттилоотии созмонҳои ҷосусии кишварҳои душман мекард. Билохира ҳамин тарзи корбарии ӯ буд, ки чандин сӯиқасдҳоеро, ки истихбороти низомии Покистон (ISI) алайҳи ӯ созмон дода буд, кормандони амниятиаш сари вақт хунсо карданд. Мутаассифона, чаҳорчӯбаи ин мақола имконият намедиҳад, ки раванди ифшои даҳҳо сӯиқасдҳои дигареро, ки баъзеашон ба гуфтаи шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд «шоҳкориҳои созмони зиддиҷосусиаш» буданд, муфассалан дар ин ҷо шарҳ бидиҳем. Ин кор ва сабабҳои асосии ба вуқӯъ пайвастани сӯиқасди 9 – уми сентябри соли 2001 – ум, ки бар асари он Аҳмадшоҳи Масъуд ба шаҳодат расид, бояд мавриди

омӯзиш баррасӣ ва таҳлили чуқур қарор бигирад, то парда аз асрори ин ҷинояти мудҳиш ва ноҷавонмардона бардошта шавад. Баъзеҳо дар ин ҷо мумкин саволеро матраҳ намоянд, ки агар хадамоти иттилоотӣ ва зиддииттилоотии Аҳмадшоҳи Масъуд ончунон тавоно буд чаро аз ин сӯиқасд ба ҷонаш пешгирӣ накард. Бале, хоҳу нохоҳ ин савол матраҳ мешавад ва ҷавоби худро интизор аст. Вале ҳоло дар ҳамин мақтаи замонӣ ҳаминро аниқ гуфтан мумкин аст, ки душманони ӯ ягона нуқоти заъфи ӯро ноҷавонмардона истифода бурданд. Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамеша ба дастаи муҳофизонаш таъкид менамуд, ки ба талошии (кофтукови шахсӣ) хабарнигорону журналистон роҳ надиҳанд. Дар замоне, ки муҳоҷирини тоҷик дар хоки Афғонистон ба сар мебурданд, ҳамин гуна имтиёзро онҳо низ доштанд. Маҳз рӯзноманигорон ва тоҷикони муҳоҷир бо амри Аҳмадшоҳи Масъуд ба ҳузури ӯ бидуни навбат ва талошӣ пазируфта мешуданд. Чунин рафтори Аҳмадшоҳи Масъудро нисбати журналистону тоҷикони овора танҳо нишонаи эҳтироми баланд доштани ӯ ба ин гурӯҳи одамон маънидод кардан мумкин буду бас.

Тибқи иттилооти ба даст омада якчанд лаҳза қабл аз мулоқот бо террористони араби дар либоси хабарнигор зуҳуркарда раиси Кумитаи амниятии Аҳмадшоҳи Масъуд инженер Орифи Сарварӣ аз фармондеҳ Масъуд хоҳиш мекунад, ки аз ин мулоқот даст бикашад ва иҷозат бидиҳад, ки арабҳоро ба далели машкук буданашон ҳабс карда бозрасӣ намояд. Вале Аҳмадшоҳ ин дархости раиси Созмони амниятиашро рад мекунад.

Буздилону рӯбаҳсифатон ва шағолтинатон аз ин

хислатҳои башардӯстонаи ин инсони комил номардона истифода карданд. Агарчи имрӯз то андозае парда аз асрори ин бузургтарин сӯиқасди асри 21 бардошта шуда бошад ҳам, вале гузашти айём исбот хоҳад кард, ки ҷузъиёти он чи гуна буданд.

Дар хотимаи ин мақола мехоҳем як чанд иқтибосеро аз рӯзномаҳо ва китобҳои муаллифони русӣ ба таваҷҷӯҳи шумо, хонандагони азиз, пешкаш намоем, ки то андозае таҳаввулоти баҳодиҳиро ба фаъолияти ин абармарди замон, шаҳомату бузургии ин шахсияти барҷастаи таърихи навини инсониятро инъикос менамояд.

Баъд аз хатми ҳамон ҳамлаи ҳафтуми артиши шӯравӣ ба болои водии Панҷшер дар баҳори соли 1984, ки қаблан зикраш рафт, дар рӯзномаи «Известия» чунин хабар оиди ҷамъбасти он таҳоҷум дарҷ гардид: **«Муддате дар он ҷо, дар Афғонистон дастаи ғоратгари Аҳмадшоҳи Масъуд фаъолият мекард. Ӯ зодаи хонаводаи шоҳист. Дар гузашта Масъуд ҳамсангари Ҳикматёр буд. Баъдан ба сабаби тақсимоти нодурусти молу мулки ғоратшуда дар Панҷшер бо ӯ муноқиша кард ва аз ӯ ҷудо шуда ба Раббонӣ пайваст. Дастаи ғоратгари Масъуд алайҳи мардуми мулкӣ даҳҳо ҷиноятҳо содир кардааст. Аз ин рӯ ҳокимияти халқӣ маҷбур шуд, ки чораҳо бияндешад. Тӯдаи душманон сароҳатан маҳв карда шуданд. Феълан хисоротеро ки ин ғоратгарон расондаанд, ҷуброн мекунанд. Тақсимоти доруворӣ ва маводи хӯрока дар байни деҳқонон идома дорад...»[1].**

Расо баъди ҳашт соли чоп шудани ин хабар боз ҳам дар рӯзҳои баҳорӣ, аниқтараш 29 апрели соли 1992 ҳамин

1. **Газета Известия** от 20 мая 1984 г.

рӯзномаи «Известия» хабари мазкурро бори дигар иқтибос оварда, дар шарҳи он менависад: **«Ин «Известия» - и соли 1984 аст. Дар ин хабар ягон ҳарфи росте нест. Минҷумла ватқе сухан дар бораи он меравад, ки гӯё Ҳокимияти халқӣ маҷбур буд чораҳо биандешад. Ҳоло дигар маълум нест ва ҳатто муҳим нест, ки бидонем ин афсонаро дар куҷо таҳия кардаанд? Дар утоқҳои кории сарраёсати сиёсии артиши шӯравӣ ё худ дар рӯи мизи кормандони шӯъбаи таблиғоту ташвиқоти Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ воқеъ дар майдони Қадими Маскав. Вале муҳим он аст, ки сухан дар бораи сангинтарин амалиёти артиши шӯравӣ дар дараи Панҷшер алайҳи Аҳмадшоҳи Масъуд меравад. Дар бораи хунрезтарин ва бемаънотарин амалиёти ҷангие, ки дар тӯли 9 соли ҷанги афғон қушунҳои шӯравӣ мислашро надида буданд»[1].**

Сипас Михаил Кожухов муаллифи ин мақола идома медиҳад: **«Ҳақиқат дар бораи Аҳмадшоҳ на оне буд, ки рӯзнома навишта буд. Ҳақиқатро дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд дақиқкорона хадамоти шабакаҳои ҷосусӣ ҷамъоварӣ мекарданд ва дар сатри аввали гузориш-ҳояшон эзоҳи (грифи) «барои истифодаи хидматӣ» мемонданд. Ба таваҷҷӯҳи шумо аснодеро пешниҳод мекунем, ки онро афсарони ГРУ (сарраёсати кашф) – и Артиши Шӯравӣ таҳия кардаанд: «Аҳмадшоҳи Масъуд («Хушбахт») – лидери гурӯҳи шӯришгарони «Ҷамъияти Исломии Афғонистон», яке аз гурӯҳҳои хеле ҳам фаъоле, ки дар дохили кишвар амал мекунад. Ин гурӯҳ**

1. **Михаил Коржухов**, Исламский вождь по имени Масуд, газета Известия от 29 апреля 1992 г.

амалиётҳои ҷангии густурдаеро зидди Армияи Шӯравӣ ва ҳокимияти давлатӣ ба роҳ мондааст. Ба пустаҳо ва қаторахо дар роҳҳои нақлиётии Соланг, вилояти Бағлону Тахор ва Каписо ҳамла меорад.

Аҳмадшоҳ яке аз бузургтарин ва қудратмандтарин саркардаҳои зиддиинқилобӣ ҳаст. Аҳмадшоҳи Масъуд дар баробари он ки ӯ душмани ашаддии сохтори мавҷудаи давлатӣ дар Афғонистони ҳаст, роҳбарони давлатӣ ва ҲДХ Афғонистонро душманони шахсии худ меҳисобад. Миллатчӣ ва зиддишӯравии гузарост. Зидди ҳузури нерӯҳои шӯравӣ дар Афғонистон мебошад. Бо намояндагони кишварҳои муҳими сармоядорӣ (капиталистӣ) робитаҳои хеле зич дорад. Ба хусус бо майли том бо фаронсавиҳо алоқа барқарор мекунад (озодона ба забони фаронсавӣ ва англисӣ ҳарф мезанад). Маҳорати хуби кордонӣ ва ташкилотчигӣ дорад, хусусиятҳову хислатҳои шахсиаш ба ӯ имкон медиҳанд, ки аз ӯҳдаи сарварии як гурӯҳи бузурги шӯришгарон бурояд. Дорои иродаи қавӣ, сарвари қудратманду ҷасур мебошад. Дар расидан бар аҳдофи хеш тардиде надорад, ҳамеша ба қавли хеш устувор аст. Рақиби доно, ҳилагар ва сарсахт аст. Дар байни шӯришгарони қаторӣ ва аҳолӣ нуфуз ва обрӯи баланд дорад.

Эҳтиёткори таҷрибадор аст, дамдузд, шӯҳрат-параст, мансабталаб. Таҳлили афроди доираи наздики ӯ имконият медиҳад натиҷа бигирем, ки ӯ куллан ба ягон нафар зердастони худ боварии пурра надорад. Таҷрибаи ҷанги партизанӣ ва инчунин роҳбарӣ кардан

ба нерӯҳои бузургҳаҷм дар амалиётҳои густурда, дар амалиётҳои диверсионӣ ва террористиро дорад. Яке аз намоёнтарин мутахассис, шахсиятҳои низомии инқилоби исломии Афғонистон ба шумор меравад. Ҷаҳонбинии сиёсиву илмиаш хеле васеъ аст. Мутаддаин, ҷиддан аз рӯи шариъат амал мекунад. Дар зиндагӣ қаноатпеша аст. Ба сахтиҳо тобовар. Тарзи либоспӯшиаш мӯътадил, доимо дар сар пакул дорад. Ҳамеша бо худ автомати АКСУ ва таппонча мегирад. Аҳмадшоҳ ҳамеша барои таъмини амнияти худ диққати ҷиддӣ медиҳад. Муҳофизони шахсияш аз ҷумлаи афроди ба ӯ ниҳоят вафодор хоста гирифта шудаанд. Ҳамеша бо ӯ на камтар аз се муҳофиз аст. Ҳангоми аз як ҷо ба ҷои дигар сафар кардан дастаи муҳофизонаш метавонад то сад нафарро ташкил диҳад. Қароргоҳи муқимӣ надорад. Ҷаласаҳо бо иштироки ӯ одатан дар ҷойҳои амну бехавф, маъмулан дар шароити ҳавои боронӣ ва ё асосан шабона дар зарфи 1 ё 2 соат гузаронида мешаванд. Баъди ҷаласаҳо ӯ одатан ба самте меравад, ки ҳозирин онро муйян карда наметавонанд. Бо мақсади ба иштибоҳ андохтани рақибонаш дар хусуси ҷои буду бош ва нақшаҳои низомиаш Аҳмадшоҳ ва наздикони ӯ иттилооти бардурӯғ ва гумроҳкунандаро дар байни аҳолӣ паҳн мекунанд. Ин гуна хабарҳоро онҳо тавассути гумоштаҳои худ, ки дар сохторҳои гуногуни ҳукумат, ниҳодҳои низомиву ҳуқуқӣ дорад, аз ҷумла дар вазорати амният ва вазорати дифо, мунташир месозад. Дар нашри иттилои дурӯғ оиди фаъолияти Аҳмадшоҳи Масъуд инчунин овозаҳое, ки дар хусуси ғалабаҳои ӯ дар ҷанги зидди шӯравӣ ба

**шакли афсонаву достонҳо дар байни мардуми оддӣ паҳн мешаванд, мусоидат мекунанд. Аксари афғонҳои оддӣ ба ин қиссаҳои ҷангии Аҳмадшоҳ ва ғалабаҳои ӯ боварӣ доранд ва онҳоро дар навбати худ бо иловаҳои зиёд мунташир месозанд»[1].**

Чунин аст баҳои идораи истихбороти низомии Артиши Шӯравӣ, ки бо эътирофи роҳбаронаш дар зарфи 9 соли ҷанг борҳо нақшаҳои аз байн бурдани Аҳмадшоҳро кашидаанд. Вале ҳарбор бенатиҷа.

Муаллиф бо ишора ба ин гузоришҳои истихбороти низомии Артиши Шӯравӣ оиди Аҳмадшоҳи Масъуд дар идомаи мақолааш менигорад: **«Кифоятаст боре ба Панҷшер назар афканед. Дар он ҷо садҳо ҳазор тонн оҳану пӯлодеро мебинед, ки замоне дар шакли чархбол, тонку тӯп вориди Панҷшер шуда буданд. Ва акнун дар зери офтоби сӯзони афғонӣ занг мезананд»**.

**Чаҳор таҳоҷуми густурдаеро, ки артиши Шӯравӣ дар якҷоягӣ бо низомиёни режими Кобул бо ширкати даҳҳо ҳазор сарбоз ба роҳ андохтаанд, як амали фавқулодда бемаънӣ ном бурдан мумкин аст, ки дар он талафоти ҷониву хисороти молии беандозаеро муҳоҷимин мутаҳаммил шуданд. Масъуд бо доштани огоҳии қаблӣ минтақаро тарк мекард, вале ба ҷои худ дар заминҳое, ки дар он ҷойҳо десантҳои шӯравӣ поин мешуданд, минаҳо сершумореро пахш менамуд, гурӯҳҳои вижаашро сафарбар мекард…»[2].** Бале, ин гуфтаҳоро журналисти рус ҳанӯз 10 сол муқаддам гуфта буд.

---

1. **Михаил Коржухов**, Исламский вождь по имени Масуд, газета Известия от 29 апреля 1992 г.

2. **Михаил Коржухов**, Исламский вождь по имени Масуд, газета Известия от 29 апреля 1992 г.

Вале имрӯзҳо чӣ мегӯянд? Президенти Академеияи илмҳои низомии Федератсияи Русия Мустафо Аҳмадович Гареев дар китоби «Афганская страда», борҳо ба фаъолияти низомии ва сиёсии Аҳмадшоҳи Масъуд назар афкандааст ва онро ҳамчун як мутахассиси ин соҳа арзёбӣ намудааст. Аз ҷумла баъди овардани тарҷумаи ҳоли Аҳмадшоҳи Масъуд М.А.Гареев менависад, ки **«дар матбуоти Ғарб Аҳмадшоҳро ба ҳайси як доҳии низомӣ, муҷоҳиди ғолиб, назариётчии низомии инқилоби исломӣ ва ғайраву ҳоказо қаламдод кардаанд. Баъзе тавсифҳои дигари болотар аз ин ҳам буданд. Вале бояд аз рӯи адолат бигӯем, ки Аҳмадшоҳи Масъуд аз аввал яке аз раҳбарони бағоят донишманду худододи муқовимати Афғонистон буд ва ҳаст. Вай дорои ақли фавқулодда закӣ ва хислатҳои хуби ташкилотчигӣ мебошад. Хадамотҳои махсуси шӯравӣ борҳо ба ҷони ӯ сӯиқасдҳо ва террорҳо ташкил кардаанд, вале ҳар бор ба нокомӣ мувоҷеҳ мешуданд ва обрӯи Аҳмадшоҳ баланд мешуд.**

**Ӯ ҳамчун як раҳбари низомӣ чи хусусиятҳои фарққунандае дошт?**

**Нахуст ҳадафи асосии ӯ танҳо пиёда кардани амалиётҳои низомӣ ва бечунучаро ғалаба кардан дар онҳо набуд. Тамоми амалиётҳои низомии ӯ ба хотири бароварда кардани аҳдофи сиёсиву иҷтимоиаш амалӣ мегардиданд ва тобеи як чаҳорчӯбаи муайяни сиёсиву низомӣ буданд. Ӯ бо дурандешии зиёд ба хотири ҳаллу фасл кардани масоили низомиаш заминаи иҷтимоӣ ва сиёсии онро муҳаё месохт. Аҳмадшоҳи Масъуд ба бедодгариву ҷафо алайҳи аҳолии мулкӣ ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ**

намедод, ҳамеша ин кӯшишҳоро пешгирӣ мекард. Дар манотиқи таҳти нуфузаш ӯ масоҷиду мадорис, нуқтаҳои хизматрасонии тиббӣ, барои онҳое, ки манзилҳояшонро аз даст дода буданд, хонаҳои истиқоматӣ, роҳҳои нақлиётӣ бино мекард, ба деҳқонон тухмиву нуриҳои минералӣ тавзеҳ медод. Ба аҳолии деҳаҳои дурдаст кӯмакҳои башардӯстонаро интиқол медод. Ҳамаи ин кораш дар ҷамъбаст ба ӯ хеле кӯмак карданд.

Аҳолӣ ӯро ҳамеша дастгирӣ мекард ва мусоидат менамуд, ки сафҳои дастаҳои низомии Аҳмадшоҳ ҳамеша аз муҷоҳид пур бошад.

Дуввум ӯ барои таълиму тарбияи низомии ҳайати шахсии дастаҳои худ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод. Бо ин мақсад ӯ марказҳои таълимӣ созмон медод, мутахассисони таҷрибадори хориҷиро, минҷумла аз ҳисоби усаро барои омӯзиши ҳарбии нерӯҳои низомиаш ҷалб мекард. Масалан, яке аз асирони ӯ, ки аз ҷумлаи аскарони шӯравӣ буд ва ба ӯ номи Абдуллоро дода буданд, ба муҷоҳиддин тарзи истифода кардани пулемётро дарс медод. Ба ӯ зан дода, соҳиби хонаву дар карда буданд. Соли 1989 ӯ аллакай се фарзанд дошт. Гоҳҳо пинҳонӣ бо ӯ дар тамос мешудем, ки аз он ҷо фирор кунад ва ба Ватан баргардад. Вале вай ҳамеша қатъиян рад мекард. Дастаҳои Аҳмадшоҳ аз ҷиҳати моддӣ хеле хуб таъмин буданд. Вай имкониятҳои фаровоне дошт, ки қатораҳои мошинҳои пурбореро, ки аз Хайратон ба Кобул меомаданд ва дар он силоҳу муҳимот, хӯрокворӣ ва сӯзишвории зиёд буд, ба ғанимат бигирад.

**Сеюм Аҳмадшоҳ ба ҳангоми омодагирӣ барои гузаронидани амалиётҳои низомиаш ба истихборот ё худ ба разведка диққати муҳим медод. Аҳмадшоҳи Масъуд дар мавсими сарбозгирӣ ба вазоратхонаҳои қудратии давлатӣ, аз ҷумла ВУД, Вазорати Амнияти Давлатӣ, Вазорати Дифоъ нафарҳои худро барои шомил шудан ба ин сохторҳо эъзом мекард, то ин ки дар ҳар яке аз ин ниҳодҳои давлатӣ, воҳидҳои низомии онҳо одамони худро дошта бошад»[1].**

Муҳаққиқон ва коршиносони низомӣ муҷоҳиддини Аҳмадшоҳи Масъудро **«беҳтарин сарбозони пиёданизоми дунё»** хондаанд. Дар ҳақиқат Аҳмадшоҳи Масъуд тавонист як гурӯҳи кӯчаки бидуни силоҳро ба як артиши бузурги қариб 60 ҳазор нафара бирасонад, ки бо тамоми навъи силоҳҳо ва техникаи низомӣ муҷаҳҳаз буданд. Муҷоҳиддини Аҳмадшоҳро дар тӯли 23 соли пайкораш ягон нерӯе натавонист аз саҳнаи корзор берун созад, пурра мағлуб намояд, сарлашкар Аҳмадшоҳро водор ба тарки муқовимат намояд, маҷбур ба фирор аз Ватан созад. Нерӯҳое, ки зидди ӯ меҷангиданд, чи аз ҷиҳати теъдод ва чи аз ҷиҳати ҷиҳози ҷанг аз ӯ ба маротиб болотар буданд. Ба муқобили ӯ артиши муназзами кишварҳо меҷангид, ки ҳайати онҳо аз сарбози оддӣ шурӯъ карда, то афсарони баландрутба ҳама таълимдидаву омӯзишёфта ва мутахассиси соҳаи худ буданд. Рӯ ба рӯи ӯ террористони байналмиллалие, ки дар умқи корхонаҳои хадамоти ҷосусӣ, тозатарин шеваҳои қатлу аз байн бурдани инсонҳоро меомӯхтанд ва дар ҳаёт татбиқ мекарданд, дар набард буданд. Бале, дар ин роҳи муборизаи ӯ алайҳи душманони озодӣ ва истиқлолияти

1. **М.А.Гареев**, Афганская страда, Москва. «Инсан», 1999, стр:143 – 144.

Ватанаш, душманони башарият буданд бохту нокомиҳои муваққатӣ. Вале ҳар бор онҳоро Аҳмадшоҳ бо як маҳорати баланди кордонӣ рафъ мекард, аз онҳо хулосаҳои зарурӣ мебаровард. Ба ибораи дигар бигӯем ҳар як нокомии ахири ӯ оғози музаффариятҳои нави ӯ мебуданд. Ин аст яке аз хислати асосии бузургтарин лашкаркаши дунё. **«Дар ақибнишиниҳои Аҳмадшоҳи Масъуд хавфи бештаре ниҳон аст то дар ҳуҷумҳои ӯ»** мегуфтанд фармондеҳони рақибаш. Ва чи тавре, ки дидем хонандаи азиз ва худи Аҳмадшоҳи Масъуд низ борҳо таъкид кардааст, ки асоси ин ҳама музаффариятҳояшро ӯ дар доштани дастгоҳи қавии иттилоотиаш дидааст.

Дар ин самт низ Аҳмадшоҳи Масъуд дастовардҳое доштааст, ки беҳтарин хадамотҳои ҷосусии кишварҳои пешрафтатарини дунё ба он ҳасад мебаранд. Бидуни доштани хазинаи молии зарурӣ ва техникаи пешрафтаи ҷаҳонӣ Аҳмадшоҳи Масъуд тавонист бо такя ба омили инсонӣ ва таҷрибаи таърихи аҷдодонаш корҳоеро ба сомон бирасонад, ки имрӯзҳо хадамоти иттилоотии мамолики мутараққии дунё бо доштани имкониятҳои васеи моливу техникӣ аз иҷрои онҳо оҷизанд.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1.Айнӣ С. Куллиёт, Душанбе, 1967 – 1970, ҷ. 1 – 9.

2. Аллан П., Клей Д. Афганский капкан, Правда о советском вторжении, Москва, 1999

3. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома», Душанбе, Маориф, 1994.

4. Балъамӣ Абуалӣ, Таърихи Табарӣ, Теҳрон, 2000, ҷилдҳои 1-2.

5.Бриён П, Таърихи императории Ҳахоманишиҳо Аз Куруш то Искандар, ҷилдҳои 1- 2, Теҳрон, 2000.

6. Гареев М.А. Афганская страда, Москва, Инсан, 1999.

7. Громов Б.В. Ограниченный контингент, Москва, «Прогресс» - 1994.

8. Давлатов Н. Грозный Лев Панджшера, газ «Курьер Таджикистана», за 30 октября, 1998 г.

9. Даллес А. Искусство разведки, Москва, 1992.

10. Зарринкӯб А, Рӯзгорон Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавиён, Теҳрон, 2000.

11. Кожухов М, Исламский вождь по имени Масуд, газ. «Известия» за 29.04.92 г.

12. Корномаи Ардашери Бобакон, Душанбе, 1994.

13. Кошифӣ Ҳусейн Воиз. Футувватномаи султонӣ…, Душанбе, 1991.

14. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён, Теҳрон, 2000.

15. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Маснавии маънавӣ, Теҳрон, 2001.

16. Мансур А. Захми хунин, Кобул, 1993.

17. Мансур А. Панҷшер дар даврони ҷиҳод, Кобул, 1991.

18. Маҷаллаи «Меҳан», нашри Машҳад, шумораҳои 17-18, 2001.

19. Маҷмӯаи мақолаҳои «Марди устувор ва умедвор ба уфуқҳои дур», Теҳрон, 1999.

20. Мухторов А. Амирон ва вазирони Сомонӣ, Душанбе, 1997.

21. Назаров Ҳ. Авомили сууд ва суқути давлати Сомониён, Душанбе, 1999.

22. Назаров Ҳ. Нақши тоҷикон дар таърихи Афғонистон, Душанбе, 1998.

23. Негматов Н.Н. Государство Саманидов, Душанбе, 1977.
24. Низомулмулк, Сиёсатнома, Душанбе, 1989.
25. Низом -Ал –Мульк, Книга об управлении государством, Душанбе, 1998г.
26. Ориёнфар Ш, Ростқоматони таърих, 2001.
27. Родер Д.Г., Черкасова Е.А, История древного мира, част 1, Москва, 1979 г.
28. Саидов С. Адабиёти қадим, Душанбе, 1998.
29.Сердюков М. Мои шпионы были и среди советских генералов, еженедельник «Собеседник», №29, 1997 г.
30.Снегирев В. Среди моих агентов были и советские генералы, газета «Труд» за 22.01.1992 г.
31. Тирмизӣ Самандар, Дастур – ул – мулук, Душанбе, 1990.
32.Улуғзода С. Достонҳои «Шоҳнома», ҷилдҳои 1 – 2 , Душанбе, 1977.
33.Усмонов И. Тоҷикон, Суруди таърихи халқ ва замин, Душанбе, 2001.
34. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилдҳои 1 – 2, Москва, 1969.
35. Черняк Е.Б. Пять столетий тайной войны, Москва, 1991.
36. Шариф Муҳаммад Мансур Муборакшоҳ, Правила ведения войны и мужество, Душанбе, 1997.
37. Широнин В. Под колпаком контрразведки, Москва, 1996.
38. Энсеклопедияи Советии Тоҷик, Душанбе, 1981 – 1982, ҷилдҳои 1 – 8.
39. Ғаззолӣ М. Насиҳат – ул – мулук, Душанбе, 1993.
40. Ғафуров Б, Тоҷикон, Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва даврони нав, Душанбе, «Ирфон» - 1998.
41. Ғоибов Ғ. Исмоили Сомонӣ – марди хираду сиёсат, Душанбе, 1998.
42. Ҳирави Ҷавод, Ирон дар замони Сомониён, Душанбе, 1998.
43. Ҳофизи Шерозӣ, Куллиёт, Душанбе, 1983.
44. Ҷомӣ А. «Баҳористон», Душанбе, 1978.

# МУНДАРИЧА


1. Пешгуфтор………………………………………………………… 4 – 5

2. Кабӯтар дар ҳаво …ҳушёр бошед!…………………………….. .. 6 – 15

3. Касби иттилоот дар аҳди Ардашери Бобокон ………………….16 – 40

4. Нақши хадамоти амниятӣ дар давлати Сомониён …………… 41 – 56

5. Террори сиёсӣ ………………………………………………….. 57 – 67

6. Роздорӣ дар мулкдории ниёгон……………………………… 68 – 78

7. Ҳифзи лашкар воҷиб аст…………………..……………………. 78 – 92

8. Ҷоннисорон ҷонситонӣ кардаанд………. ……………………….93 – 106

9. Соҳибхабарон соҳибзафаранд…………….. ……………………107 - 131

10. Аҳмадшоҳи Масъуд: «Истихборот ноҷии ҷанг аст»…………132 - 163

# Хамадов Султон

# «ОТ АРДАШЕРА ДО «ЛЬВА» ПАНДЖШЕРА»

**(Мгновения из деятельности секретных служб).**

**(на таджикском языке)**

# ОЁ МЕДОНЕД, КИ…

*Кабӯтаронро аз қадимулайём то ба имрӯз дар идораҳои ҷосусӣ бо кадом мақсад ва ба чӣ тарз истифода мекарданд?*

*Ардашери Бобакон қабл аз амалиётҳои низомиаш чӣ гунна иттилоот ҷамъ меовард ва бо истифода аз кадом ҳилла қалъаҳои дастнорасро тасхир мекард?*

*Дар сохтори давлатдории Сомониён хадамоти махфии онҳо кадом мавқеъро ишгол карда, чӣ гунна нақш мебозид?*

*Чанд нафар аз шоҳони сомонӣ мавриди террори душманони худ қарор гирифтанд ва чаро қариб ҳама дар айни ҷавонӣ ҷон ба Ҳақ супориданд?*

*Чаро Аҳмадшоҳи Масъуд бузургтарин лашкаркаши асри 20 разведкаро наҷотдиҳандаи ҷанг номидааст?*

*Падари разведкаи ИМА Аллен Даллес дарси ҷосусиро аз кадом шоҳони мо омӯхтааст?*

*Ю.В. Андропов, Ҳ. Алиев, Э. Шеварднадзе, В. Путин ва Ҷорҷ Буши калониро чӣ умумияте бо ҳам муттаҳид сохтааст?*

*Бо вуҷуди он, ки аксарияти шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ ва давлатии мавриди террор қароргирифта аз дасти ҷондорон (телохранителҳо) ба қатл расидаанд, чаро ба ин институти давлатдорӣ ҳукуматдорон дар гузашта ва ҳоло низ аҳамияти бузург медиҳанд?*

***ДӮСТОНИ АЗИЗ, АГАР БА САВОЛҲОИ БОЛО ҶАВОБ ГИРИФТАНӢ БОШЕД, ПАС ШУРУЪ КУНЕД БА МУТОЛИАИ ИН КИТОБЧАЕ, КИ ҲОЛО ДАР ДАСТ ДОРЕД.***

